# Г У Л Р У Х С О Р



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*




*Наққош Конӣ Алавӣ ( Берлин. 1990 )*

**барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед**

Г У Л Р У Х С О Р

# РӮЗНОМАИ БЕРӮЗ

## ( ФАЛСАФАИ НИГОҲИ АНДЕША )

*( Китоби аввал )*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# РАВЗАНАЕ БА ҲАРАМСАРОИ АНДЕША...

*Қудрати андеша аз соҳиби андеша*
*ҳазорон маротиба бештар аст...*
*Андарзи Зардуштона.*

Ба инсон ҳама чиро метавон омӯхт, –
Ба ҷуз андешиданро.
Ба инсон ҳама чизро метавон намоиш дод, –
Ба ҷуз мушикофии мушоҳидаро.
Ба инсон ҳама чиро метавон фармуд, –
Ба ҷуз дар зарраи нур дидани хуршедро!
Ба ҷуз дар қатра дарёфтани уқёнусро!
Ба ҷуз дар як донаи наск шинохтани курраи арзро!.. Мутаасифона одамизод бештари умри фонияшро дар талоши доштану бардоштани чизҳои ночиз сарф карда, аз олами пурасрору нотакрори тафаккуру андеша бехабар, аз боғи хушсамари худшиносиву худдарёбӣ бебаҳра, аз чашмаи фазлу хирад ташнаком мӯъҷизоти зиндагиро надидаву нашинохта аз олам дар мегузарад. Дареғи ранҷи офариниш, дареғи заҳмати офаранда!.. Кайҳони рӯҳ, паҳнои бекарони андешаҳои инсонӣ, ин ҷангали анбӯҳи касмабину касмагузар, ин афлоки аз хок фирорӣ, зишттарин, зеботарин, амиқтарин, рӯъётарин, лолтарин, гӯётарин, пурасрортарин... олами оламҳост; олами наомӯхта, нашинохта, кашф нашуда,-дидаи надида! Ин олам ҳарамсароеро мемонад, ки дарҳои дарун андар дарунаш ҷуз ба рӯи соҳиби худ, ба рӯи дигарон як умр баста хоҳад монд...

Бо ин китоб муаллиф ба "ҳарамсаро" – и андешаҳои худ чун чашми сӯзан равзанаеро боз карданист; барои онҳое, ки дар зарра хуршедро дида метавонанд, барои онҳое, ки дар як қатра уқёнусро шинохта метавонанд, барои онҳое, ки курраи арзро бо як дона- дар як донаи наск дар кафи худ бозӣ доронда метавонанд…

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

“Рӯзномаи берӯз” наққошиеро мемонад, ки рангу борашро танҳо бо нигоҳи дақиқи мушоҳида метавон дарёфт. Дар он тасвири тассаввури диду дарки тасвиркунанда ва мавҷудияти тасвиршаванда муҳим аст. Дар ин китоб сатреро метавон дарёфт, ки идомааш андаруни ҳарфҳову нуқтаҳост, мисраеро низ метавон пайдо кард, ки ба сари худ як шеъри комил аст.Инчунин шеъреро метавон дарёфт, ки оғозаш анҷом аст, анҷомаш оғоз. ”Рӯзнома” гуфтугӯи беовои маҳрамона аст, бо худу бе худ, бе ҳамагон, бо ҳамагон. Суол андар ҷавоб аст, ҷавоб андар суол... Аз гоҳе ки худро мешиносам ва ба суолҳои бешумори зиндагӣ дар танҳоии бо ҳама ҷавоб меҷӯям, ин китоб дар ман асту бо ман аст. Онро дар деворҳои лоии хонаи падар, бо лахча, дар партаи мактаби қишлоқ бо най, дар кафи дасту кафи баргҳо, дар қоғазпораҳо, дар дафтарҳои зарварақ бо медоди тиллоӣ... хулоса дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз навиштаам ва хоҳам навишт... Ин китоб оғозу анҷом надорад! Онро метавон аз охир боз кард, метавон сӯи оғоз варақ гардонд. “Рӯзнома” аст, бидуни рӯз! Магар фикру хаёлро, дарку инкори дидаву шунидаро, мантиқи муқоисаро, ҷозибаи оҳанрабои хотираро, оташгаҳи тору фурузону сарду сӯзони ёдро, нафаси бенафасии имдодхоҳи фарёдро, мушикофии ҳайратангези мушоҳидаро, парвози оламгиру кайҳоннавардии андешаро рӯзу соати муайяне ҳаст?! Абадо!

***ГУЛРУХСОР***

*Москва. Пӯштаҳои Крилатск.*
*Охири тобистони 1997*

***барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед***

⌶ ⌶ ⌶

***ВОРИСОНИ МЕРОСИ ҲАҚИРОНА.*** Сохти ғуломдорӣ аз байн рафт, ғуломдорӣ маҳкум шуд, ғуломдоронро хок кашид, ғуломон озод гардиданд, аммо табиати ғуломӣ ва одати ғулом будан дар рӯҳу равони одамон монд, ки монд. Инсон дар тӯли мавҷудияти худ исбот кард, ки ғулом набуда наметавонад. Ғуломии ӯ ба ҳар касу ҳар чиз дар ҳар ҳаракату рафтору гуфтору кирдораш ҳар гуна ҳувайдост. Ӯ асоратро пеши худ намехонад, худ сипосгузор ба хидматаш меравад... Гарданбандҳои гаронбаҳову зебое, ки имрӯз ифшогари фарҳангу маърифати соҳибони худанд, ҳамагӣ нишонаи содаи даврони ғуломдориянд. Балки нусхаи аслии кӯргиреҳи бандҳоеанд, ки ҳангоми шитобкорона буридан дар гардани ғуломон боқӣ монда буданд...

⌶ ⌶ ⌶

***ҒУЛОМИИ ХОҶА, ХОҶАИ ҒУЛОМ.*** *Ғуломӣ барои ғуломзода як навъ ҷоиза аст!* Ғулом нисбати хоҷаи худ бартариҳои зиёде дорад. Ӯро андешаи гармиву сардӣ, обу дона, хону хонавода, шаъну шон, нангу номӯс... дарди сар намекунад. Ғулом ҷуз табассуми сохтаи қаноатмандӣ, ки ҳамеша гирди лабонаш давр мегардад, ҳунари дигаре надорад ва ҳунари дигареро омӯхтан низ намехоҳад. Ғуломон аз хоҷагони худ хушбахттаранд! Беҳуда нест, ки дар дунё ғуломон ҳазор андар ҳазоранду хоҷагон ягон, ягон...

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Офтоб табассуми парвардигор аст.

ҭ ҭ ҭ

***РӮИ БЕРӮИИ ҶОДА.*** Як умр кулбор бар дӯш дар сафарам. Ҷодаҳои бешуморро шонасавори вақту замон тай кардаам. Андар навори аккосии хотираам ҳазорон чеҳраву симоҳои одамонро бардоштаам, аммо ҳайратзадаам, ки чаро “намуд, рӯй ё симо”-и роҳи хурд ё бузурге дар ёдам намондааст. Шояд роҳҳои тай кардаи ман монанди баъзе одамон симои хоси хотирмон надоштаанд, симое, ки бо як дидан дар лавҳи хотир нақш бандаду зудуда нашавад...

ҭ ҭ ҭ

***БА ҶОИ “ДАРЕҒО!”*** Аз омадану рафтани ту, дар ёди ёдам танҳо тунд вазидани барфбод боқӣ монда аст; шитобзада, сард, каҷрав, сарсафед, тарсу... Дигар ҳеҷ чиз, дигар ҳеҷ чиз!

ҭ ҭ ҭ

***ПОЙТОСАР ЗИШТ.*** Ном номаи қисмат аст, ба ворису соҳиби ном. Он гоҳ гумон доштам, ки номат ба худат муносиб нест. Бароят номи дигар ихтироъ кардам; Сарнавишт! Надонистам, ки рӯзе дар шеъри худ калимаи сарнавиштро бо “пойтосар зишт” қофия хоҳам кард... Ва нак-нак ҳар ҷӣ турову номатро бидуни ихтиёр ёдрасам мекунад, таҳқири хотири хотираи ман аст, таҳқири хотири хотирае, ки баробари шунидани номат акси садои фиғони шонаҳои маро бар мегардонад. Аз буданат набуданат, аз диданат надиданат, аз ёдат беёдӣ алвост!..

ҭ ҭ ҭ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Одами хаста синну сол надорад.

ӿ ӿ ӿ

***НОБИҒАИ ҲУБОБ.*** Хоҳиши нигоҳи хаёл наққошест, нобиға! Гоҳе дар чаҳордевори мижгон манзараҳоеро ичод мекунад, ки дар соҳирӣ нусхаи фирдавсро аз байн мебаранд.

ӿ ӿ ӿ

***МИЛЛАТИ МИЛЛАТ***. Дӯстонам гуногунмиллатанд; Зарафшонӣ, Бадахшонӣ, Хучандӣ, Хатлонӣ, Қаротегинӣ, Даҳаникййкӣ!.. Як худам танҳои танҳо точикам! Як фард, як миллат!

ӿ ӿ ӿ

***ШЕВАИ ПОШНАҲО.*** Садои пой низ метавонад гувоҳи ҳол, ҳолат ва синну соли одам бошад. Садои кафши одами солхӯрда бо забони хастагӣ заминро миннат мекунад. Садои кафши чавон чодаро чолоку бебок мебӯсад...

ӿ ӿ ӿ

***МУҚАЛАМИ ҲОЛАТИ ҲОЛ. Нуги асои*** пирон ба охири роҳи умри ишон чун ба поёни китоби дер- навиштаву зуд хондашуда гӯиё нуқтаи баландовову амиқу вопасинро мегузорад.

ӿ ӿ ӿ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***ДАРЕ БА ОЛАМИ ЯК ОДАМ***. Пешгуфтори ҳар китоб, хоса аз они муаллиф, дарест барои ворид шудан ба олами асрор, андеша, ҳунар ё беҳунарии нависанда. Нахустсухани муаллиф, бар асари худ аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки фикру андешаҳои дар қолаби як сохти адабӣ нагунҷидаашро, кушиши дар чаҳорчӯбаи сохти дигар (вобаста ба ҳунари худ!) имкони гунҷидан, будан ва зистан медиҳад. Барои баҳо додан ба баъзе асарҳо варақ задани пешгуфтори онҳо кифоя аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***БУЛБУЛОНИ ШАҲРӢ, ЗОҒҲОИ РУСТОӢ***. Зани рӯстоие, ки барои аёдати хешу таборон ба шаҳр омада буд, дер гоҳ аз ойинаи симо чашм наканда, абрӯгиреҳ сар меҷунбонд. Марди овозхоне дар ниҳояти беҳунарӣ опера мехонд. Ҷамоат ҳама дар дил зудтар ба поён расидани ин базми иҷбориро, ки ба дилу ҷигари ҳама зада буд, интизор буданд, аммо касе ҷуръат намекард, ки аввалин шуда обилаи дилашро кафонад. Мардум аз ҳамдигар шарм медоштанд, аниқтар ибо мекарданд, ки мабодо ироди беҷояшон нисбати овозхони маъруф, ифодагари ақабмондагӣ ва бефарҳангии ишон дониста шавад. Беҳунарии овозхон аз иҳсоси завқи табии ин зани рустоӣ,ин якрӯяи сода, ин мутахассиси таронаи андалебону чағонаи борон, низ пинҳон намонд;

– Ба худо, зоғҳои мо аз ин бечора беҳтар мехонанд! Ҳамин дам овозхон гӯё бар қасди иродгиранда чунон авҷи сурудро гирифт, ки зани бечора аз ҷой як қад паррида, ҳаросон ба чаҳор сӯй нигариста гиребони тавба қабза кард. Ҳозирон ҳарчанд таи дил хандакаф буданд, бо нигоҳи фарҳангӣ бефарҳангии занро маломат карданд. Мунақиди рустоӣ аз баҳои кушандааш қаноатманд нашуд, ки ба ҷамоат қатъӣ мурочиат кард;

– Ту дону худо, ин мардак бо ҳамин ҳунараш ҳамроҳи

хешу табору бачаву качааш аз мардум изо намекашад, шарм намедорад?! Вой бечораи худое !..

ⵊ ⵊ ⵊ

***ҚОСИДИ ХАЗОНРЕЗ***. Шукуфаи нигоҳи онеро, ки асрори нахондании дидаашро меписандидам, сӯи хеш хандон дида, беихтиёр ғамгину рӯҳафтода шудам. Ҳар боғи гулафшон рӯ ба хазон дорад. Ҳар шукуфоӣ қосиди ночори хазонрез аст, шукуфаи нигоҳ низ ...

ⵊ ⵊ ⵊ

***ЯКИ ҲАЗОР, ҲАЗОРИ ЯК.*** Боиси бадбахтии як ҷамъият як фард аст, боиси бадбахтии як фард як ҷамъият! Ҳар ҷамъият аз як фард, ҳар фард аз як ҷамъият ибтидо мегирад! Ҳар як фард дар як ҷамъият, ҳар ҷамъият дар як фард бар ҷост...

ⵊ ⵊ ⵊ

***КОХИ ХАНДИДА МУРДАН. С***ирк кохи хандаи талхи одамист, ба рӯи худ, барои худ, ба ҷои худ, ба ҳоли худ... Хандаи худтаҳқиркунандаро хуш надорам! Сиркро (цирк!) дӯст намедорам!

ⵊ ⵊ ⵊ

Дар олам нигоҳеро чун нигоҳи тифли тоҷик ғамгин, ноумед, пур аз суол, солдида, хаста ва маҳкумкунанда надидаам!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***АЛХИМИКИ СОНӢ.*** Таркиби кимиёвии сиришки ман дар илм номаълум аст. Ман ғубори ҳузни хастагӣ мегирям!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Биҳишт аст, ин Ватан! Дардо, ки ошиқону ворисону раҳнамоёну ғамгусоронаш биҳиштӣ нестанд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ДОМИ ХОЛӢ***. Вақте кабӯтарони ангӯштонат аз кафи ларзони ман шитобзада парриданд, талх дарёфтам; Дар доми тамаъ дони фиреб тамом шуд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***МАРСИЯИ ПАЖМУРИДАГӢ***. Як баҳор бо гулафшонии алвону рози нози нозанинӣ дар коҳдуди талхи ҳасудии вақт, дар фиғони падруди барги хазон сӯхта хокистар шуд...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ШАРҲИ БАЁН БАРОИ ТОҶИРОНИ СУХАН.*** Ҳон, ҳарзафурӯшони кӯчаву бозор! Вақт аст, ки дар савдои сухану каду аввалро бигузореду сониро бипазиред! Фурсат аст, ба мантиқи беҳунарии худ бирасед, то оқибат дарёбед, ки шеърро ба сатҳи тӯда, яъне худ на, тӯдаро, худро, ба сатҳи дарки фарҳанги шеър бояст воло кард!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***РЕШАПАЙВАНД.*** Ҳама девонагони олам хеши мананд, зеро ҳақро ҳақ мешиносанд, сиёҳро сиёҳ мебинанд, ростро рост мегӯянд...

ⵊ ⵊ ⵊ

Шеъри асил акси овои гиряву хандаи рӯҳ аст! Баъзеҳо чунон баланд мегирянд, чунон баланд механданд, ки садои ҷонхарошу нофорамашонро ҷуз гӯши ҳуши худашон каси дигар таҳаммул карда наметавонад!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ДӮСТИ ДУШМАН, ДУШМАНИ ДӮСТ!*** Дӯстонро бузургони аз таҷрубаи рӯзгор бархӯрдор ба се гурӯҳ тақсим карданд; Дӯстони нонӣ, ҷонӣ, забонӣ! Ман дар лаҳзаҳои қисматсози ҳаёту мамот дӯстонамро ду гуна шинохтаму дарёфтаам; Дӯсти душман, – душмани дӯст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ХОТИРИ ХОТИРА***. Ба умеди хотири хотираи худ набояд шуд. Хотира низ гоҳе аз фаромӯшхотирии худ беашку беовоз мегиряд.

ⵊ ⵊ ⵊ

Гунаҳ кардам; Туро дидам, надидам!

ⵊ ⵊ ⵊ

***САРОБИ НОЗИ ТАМАННО.*** Бахт зодаи орзуву умед,

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ихтироъи ҳолати нокомӣ, ташнагии саробсози хаёл, таманнои ҳавасу хоҳиши зан аст. Чунин аст, ки вуҷуд надорад.

ꕤ ꕤ ꕤ

Бахтро бадбахтӣ тавлид карда аст, бадбахтонро тамаъи чашмносери хушбахт будан...

ꕤ ꕤ ꕤ

***ДАШНАИ НИҚОР***. Хотираи хотираҳо, - хотираи таҳқир вуҷуд дорад; дар ниҳояти ниқорталабиву киначӯиву хунхоҳӣ. Қасос зодаи ҳамин хотира аст!

ꕤ ꕤ ꕤ

***МУҲАББАТИ БИМУ ҲАРОС.*** Саге, ки соҳибашро дӯст надорад, ё ақаллан аз ӯ натарсад, оқибат ӯро хоҳад газид. Ин нуктаро ба волидайну атфол, канизу хоҷа, шоҳу гадо, устоду шогирд... метавон нисбат дод!..

ꕤ ꕤ ꕤ

***ГУЛБОНГИ ГУЛШАН***. Накҳат низ ово дорад, овои мадҳушкунанда! Накҳат овои гулу гиёҳ, овои гулшан, овои ғунчаҳо, овои бӯи зиндагиниҳоди хок аст, ки онро бо ҳуши димоғ метавон шунид.

ꕤ ꕤ ꕤ

***ҲАЗОРИ ЯК, ЯКИ ҲАЗОР***. Ҳар рӯз ҳар рангам. Ҳар соат ҳар хелам. Ҳар лаҳза ҳар гунаам. Ҳар сония ҳар сонам! – Ман на якам, на ду, – чандам, чандинам, чандонам!

ꕤ ꕤ ꕤ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ГИРЯИ ХАНДА, ХАНДАИ ГИРЯ***. Ба ҳоли мардуме, ки ба лӯъбатаки дар авҷи мастӣ сохтаи худ, ҳақирона имон меорад, ба ҳоли қавме, ки ба пои пайкараи сангини ҷаҳли мураккаби худ, сари саҷда мегузорад, ба ҳоли халқе, ки шукрона дар лаб аз дасти парваридаи худ, заҳри ҳалокатро нӯш карда, сипосгузору миннатдор ҷон меканад, – гиристан хандидан аст, хандидан гиристан!

⌶ ⌶ ⌶

***МАНТИҚИ АСОРАТ***. Исёнгарон, тазоҳуротгарони ҳама давру замон, ин барраҳои қурбонии сиёсат, ин пиёдакунандагони ҳама гуна ғаразҳои сиёсатмадорон дар асл ғуломон, асирон ва канизаконе ҳастанд, ки на аз барои сохтани дунёи нав, на аз барои ҳимояи ҳуқуқи башар, на дар дифои бахту саодати худу фарзандон, балки барои қатли ғуломе мисли худ, барои таҳқири асире монанди худ, барои ба хок яксон кардани канизе ҳамсони худ синону дашна ба даст мегиранд, хун мерезанд, дар хуни худ ғарқ мешаванд...

⌶ ⌶ ⌶

Тухми ғуломиро худи ғуломон киштаву сабзонидаанд.

⌶ ⌶ ⌶

***БЕҲАДДИИ ҲАДДИ НАФСИ ХУДКУШӢ***. Боиси ҳама бадбахтиҳои инсон нафси таҳкаш, ҳирсу тамаъ ва гурусначашмии ӯст. Одамизод аз зиндагӣ ҳамеша беш аз меъёру зарурат талаб мекунад ва меситонад; Барои як тан ҳазор хилъат, барои як сар даҳ кулоҳ, барои ду пой бист ҷӯфт кафш... Ва боз тифлона ҳайрон мешавад, ки сактаи дил гирифта асту сактаи мағз, ҷонаш дард мекунаду ба

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мӯяш барвақт  сафедӣ дамида, ҳавсалааш пир шуда аст...

   

Одамон на танҳо аз гуруснагӣ, балки бештар  аз серӣ ба ҳалокат мекрасанд.

   

***ЯК ТИРИ МИЛЮНКУШ***. Ҳама ҷангҳои олам аз як тир оғоз шуда, бо милюн қурбониҳои бегуноҳ ба охир мерасанд.

   

***АНБОРИ ТАЪРИХ***. Бойгонӣ (архив) ҳам ганҷур аст, ҳам анбори таърих. Аз он ҳам бӯи мағок меояд, ҳам бӯи нафталин. Ҳар ду низ бӯи мурдаанд.

   

***АНҶОМИ ОҒОЗ***. Барф борид. Об шуд. Аз танаи урёни дарахтон, аз нуги панҷаҳои сарди шохсорон шорид... Барф пир шуд! Пир шуд, то ки бимирад!

   

***ОДАТЕ, КИ ҶОНИ ҲАСТИСТ***. Ишқи хокиёни фонӣ низ як навъ одат аст, одати табиии як ҷинс ба ҷинси дигар. Ишқи афсонавии Лайливу Маҷнунҳо, Ромеову Ҷуллетаҳо... (бо кӯмаки шоирон!) ин одатро бар ҳам зада, муносибати содаву табиатфармудаи  як ҷинсро ба ҷинси дигар фалсафаи кайҳониву шеъри ҷовидонӣ ато карданд... Ошиқони одатшикан дар баҳои ин ҷуръати беназир худро ба танҳоии абадӣ маҳкум карданд, ба танҳоиву ҷудоии ногузири бо ҳаму бе ҳам будан...

⌶ ⌶ ⌶

***ФАСЛИ ФАСОНАКУШ***. Дӣ нозанини собиқро дида, нашинохтам. Самуми бераҳми вақт дар боғи чеҳрааш чунон бераҳмона турктозӣ карда буд, ки аз ин ғорати ночавонмардона, аз ин таҳрири беинсофона дар рӯ ба рӯяш чанд лаҳза музтар мондам ва бидуни ихтиёр гунаҳгорона ба замин нигаристам...Ҳаққо, гунаҳгорист асли бегуноҳӣ!.

⌶ ⌶ ⌶

Пириро барои бевафоияш, барои ҳасудиву ночавонмардияш ба ҷавонӣ маҳкум бояд кард!

⌶ ⌶ ⌶

Ба се чиз одат кардан мушкили мушкилҳост;-
Ба гиряи мард,
Ба мардии зан,
Ба пирии кӯдак!..

⌶ ⌶ ⌶

***НАМУ ҒАМИ ҲУЗН***. Дидани се манзара бидуни ихтиёр чашмро пурнаму дилро пурғам месозад;
Гӯри фурӯ рафта,
Хонаи сӯхта,
Боғи офат расида!..

⌶ ⌶ ⌶

***ФИҒОНИ АНГУШТОНИ ПАРАФШОН.*** Рақси дарвешонро мусиқии осмонҳо иҷод кардааст! Парвози бемакони нигоҳу парафшонии ангуштони ишон, фиғон аст, фиғони безабонии рӯҳ ба гӯши кари нафси ҷон аз роҳи ҳаракат тамаъи узви тан!..

♊ ♊ ♊

***ДАРМОНИ ДАРДҲОИ БЕДАРМОНӢ***. Аз кули ғаму ҳасрат, рашку ҳасад ва зарбаҳои беадолатонаи ҳастӣ худро бо доруи бебаҳо- бо заҳмати кор дармону тасалло додаам. Ин қурси маҷонии озмударо, ин дармони дарди хосаро, ки маро аз ҳазор марги муфоҷову тадриҷӣ раҳонида аст, ҳарчанд ҷуз ба худ ба касе бахшида наметавонам, аммо ба ҳамагон холисона тавсия мекунам!

♊ ♊ ♊

***ГУРДОФАРИД – МАРДОФАРИД***. Мегӯянд писарони бидуни падар, дар домани модар тарбия ёфта, сустирода, нозук, зудшикан, занмизоҷ мешаванд. Ҳон, бонувони зиндагиофар, мардофар низ бошед! Аз шерон рӯбоҳ насозед! Оламро, ки бори нангаш бар души шарафи мардонагиву мардон аст, ба занхона табдил надиҳед! Ба ҳикмати андарзи худиҷодатон, “мардро мард ҳам зан кунад, номард ҳам зан кунад”, вафодор бошед!

♊ ♊ ♊

***ДАРДЕ, КИ НОМ НАДОРАД***. Пургӯӣ, ки нишонаи пӯчӣ ва бефазилатист, монанди пурхӯрӣ ва коҳилӣ беморист, бемории хатарноки сирояткунанда, ки дармонаш танҳо дар забони хомӯшист!

♊ ♊ ♊

Пургӯӣ на худро мешунавад на дигаронро...

♊ ♊ ♊

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз як лол ҳазор пургап метавон сохт, аммо аз ҳазор лақӣ як лол сохтан амри маҳол аст.

ꙮ ꙮ ꙮ

***ДУ РӮЙ, ДУ ҶАҲОН***. Ҷаҳон мисли сикаи тиллоӣ ду рӯй дорад; ду рӯи аз ҳам ҷудои бе ҳаму дар ҳам.
Дар як тараф афти сиёҳу зишти Аҳриман, дар тарафи дигар симои нурониву хуршедии Аҳуромаздо.

ꙮ ꙮ ꙮ

***АЗ САНДУҚИ САБАҚИ РӮЗГОР***. Ин чаҳор сабақи озмудаи зинадгиро низ ёд бояд дошт, то ба қавли устоди панҷрӯдӣ"; "Баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!.."
Як бадӣ кардӣ, ҳазор бадӣ хоҳӣ дид!
Аз ҳисоби бахти дигарон хушбахт нахоҳӣ шуд!
Барои дигарон зинҳор чоҳ макан, ки худ андар он сарозер хоҳӣ афтод!
Аз мардум он чиро талабгор бош, ки худ ба ишон дода тавонӣ!..

ꙮ ꙮ ꙮ

***АНДАРЗУ ФАРЗУ ҚАРЗ***. Андарзи сидқу вафоро аз ҷонварон бояд омӯхт. Онон ҳарчанд аз савганди ҷоннисорӣ бехабаранд, бо муҳаббати содаву самимии худ ойини сидқу вафоро дар олам зиндаву поянда медоранд. Дар дами марг ҷисми нимҷонашро ба остонаи соҳиби худ кашидани саг, магар нишонаи беназири садоқату вафодорӣ нест?!

ꙮ ꙮ ꙮ

***ҲУЗНИ ХУМОР***. Рӯзгори сарду беранги танҳоӣ, хумори

ишқи мозӣ дар дилам дарди ширинеро зинда карданд: Бидуни ихтиёр бахти раҳгумамро бо исрори содаи “ту аз ман будиву ман аз ту будам”, – аз даргаҳи бемеҳрии сарнавишти бегона ҷӯё шудам. Паси дари бастаи қисмати номеҳрабон, ба ойинаи шикастаи умри гузашта бо дидаи сабақомӯзи оянда нигариста, барои ҳамеша талху пурозор дарёфтам; Дар дилу манзили оне, ки бидуни мӯъҷизаи ишқ чанд тифли аз оламу одам бе хабарро офаридааст, барои кӯдаки дигар, ишқи ятими ман, ҷой набудаву нахоҳад буд!..

ℿ ℿ ℿ

Дар хуни мо ҳақиқати падруд хуфтааст!

ℿ ℿ ℿ

***САРОБИ ТАМАННО ДАР БИЁБОНИ ҲАВАС***. Мехоҳам ҷовидон бошам, –
Барои як лаҳза.
Мехоҳам бехазон бошам, –
Барои як дам.
Мехоҳам хушном бошам, –
Барои ҳамеша!..

ℿ ℿ ℿ

Нигоҳи ҳаросони тифли ятим ба одаму олам ҳамеша дастбагиребон аст.

ℿ ℿ ℿ

Ҳама чӣ андоза дорад, ба ҷуз нафси одам, ки андозаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

беандозагист!..

Ӿ Ӿ Ӿ

***ОҒОЗИ НОГУЗИРИ АНҶОМ***. Одам ҳамон вақт мемирад, ки ошиқон гулшани дидорашро наҷӯянд, ёрон гули рӯяшро муштоқона набӯянд, меҳрабонон пайроҳаи ошнои манзилашро муштоқона напӯянд, доварон бори вуболу савобашро дар мизони адлу инсофи худ холисона бар накашанд, дӯстон осмони остонаашро зер накунанд, анқарибон номашро аз дафтарчаи хотира хат бизананд, душманон ба бечорагиву бехатарияш қоил шаванд, ҳосидон ба молу ҳолу ҷоҳу ҷалолаш ҳасад набаранд, мухлисон дарашро накӯбанд!..

Ӿ Ӿ Ӿ

***ШАРҲИ ФАЛСАФАИ ОТАШИ ДУД***. На ҳамаи онҳое, ки худро бо дасти худ аз ҷони ширин маҳрум месозанд, рӯҳан маризанд! Баъзе худкушҳо, неъмати олии офаридгор - ҳаётро, балки аз ночорӣ ба холиқи худ бар мегардонанд! Шояд онон ин гуноҳи дар ду ҷаҳон набахшиданиро, аз он сабаб ба худ раво мебинанд, ки минбаъд қудрату тамкини зиндагӣ, – ин зарфи нозуки гаронбаҳоро, дар кафи ларзон то охири умр нашикаста, бардошта бурданро, надоранд?! Ҳарчи метавон гуфту андешид, аммо мантиқи даҳшатноки худкушӣ, танҳо ба худи худкушон маълум аст!

Ӿ Ӿ Ӿ

***НАХУСТ ТАРОНАИ ҲИҶРОНИ ТИФЛИ БЕЗАБОН***. Ватани аслии инсон батни модар аст! Фиғони дамгири тифл ҳангоми ба дунё омадан, магар аз дарди тоқатнопазири ҷудоӣ, аз фироқи ҳиҷрони ин Ватан нест?!

Ӿ Ӿ Ӿ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ҲАМТАБОРИ МАҲЗУНОН***. Одами гирён ба ҳама хешу табор  аст! Ӯ оҳанги фиғони ҳамагонро, дар навбати худ, бо навои худ, бо ҳавои дарди худ тараннум мекунад...

ꕯ ꕯ ꕯ

***ҲУБОБ .*** Ҳукумате, ки бо мадори зӯриву аслиҳа, ҷабру ситам, макру риё, зулму зулмат, таъзиқу таъқиби халқ пойдор аст, ишқе, ки дар хоки пасти нафсу тамаъ сабзида аст, ҳусну ҷамоле, ки бо рангубори маснӯӣ худнамост, чун ҳубоби рӯи об бақо нахоҳанд дошт!..

ꕯ ꕯ ꕯ

***СИПОСИ ХОКСОР***. Аз бӯҳтонгарон, айбҷӯён, тавбафармоёну носеҳон як умр қарздору сипосгузорам! Ишон дар авҷи лаззати ҷазо додан ба мани " пойтосар гуноҳ," ҳотамона лутф карданд; – гуноҳи аз биҳишт ронда шудани Одаму Ҳавворо низ аз ман надиданд, даҳшати Тӯфони Нӯҳро низ ба айбномаи бисёрҷилдаи ман сабт накардаанд!.. Чӣ ҳиммате, чӣ миннате, чӣ адолате, чӣ инсофе, чӣ бузургие!..

ꕯ ꕯ ꕯ

***ДАРДИ БЕДАРМОН.*** Рашку ҳасад, бухсу кина монанди дарди саратонанд, қотил, бедармон! Беморро ноаён аз дарун хӯрда- хӯрда ба ҳалокат мерасонад.

ꕯ ꕯ ꕯ

***САДОИ ПОШНАИ ГУМРОҲ.***

Ман ҳамон гумроҳи раҳҷӯям,

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳамон гулхори худрӯям,
К-аз гили оворагони ишқ
Дар фасли ҷазо рӯидаам.
Ман ҳамон садпораи ҳар пора бар дастам,
Ман ҳамон худбишкани бегонапайвастам,
Ки фиғони пораҳои хешро,
Аз кафи пои қадар,
Бо гӯши кар бишнидаам!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ОЙИНАИ ОЙИНИ ХУДНАМОӢ***. Ошиқ дар симои маъшуқ пеш аз ҳама худро мекобад, худро меёбад, худро мебинад, худро мешиносад... Гоҳе хушнудона пайдо намуда, гоҳи дигар маҳзунона гум мекунад, то содаву тифлона суоле пеш орад, ки ҷавобаш андар он пайдост;
Эй фиғонсози ҳазини раҳи сарбаста куҷоӣ?
Эй мани гумшуда,
Ҷӯёи мани хаста, куҷоӣ?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

***ХУШКУ ТАР. Ҳ***ангоми тир шудани пири барҷомонда аз пушти девори боғ садои коҳилонаи асои ӯ ҳар дафъа гӯиё ҳар ниҳоли сабзу гулафшонро бераҳмона ҳушдор медиҳад;
Ту низ хушк хоҳӣ шуд!
Ту низ асои дасти пир хоҳӣ шуд!

⌶ ⌶ ⌶

***НИШОНАИ ТИРИ БЕҲУНАРОН***. Ҳар санги беинсофие, ки бо шасти рашку ҳасаду нотавонӣ беҳунаре сӯи ҳунарманди асил меафканад, сари бесоҳиби чандин ҳунармандро хоҳад шикаст!

⌶ ⌶ ⌶

***ХОКБӮСӢ ХОКСОРӢ НЕСТ***! Фурутании хирадмандона дигар асту чоплӯсии тамаъкорона дигар. Байни ин ду мафҳум фарқ нагузоштан, сиёҳу сафедро, пастиву баландиро якранг дидан аст. Одами чоплӯсу ғуломхислат, хоса оне, ки бо ин роҳи ҳақирона ба зинаҳои тахти салтанат мерасад, оқибат на танҳо аз нусхаи худ ҳазорон сифлагонро меофарад, балки бо намоиши пастии аъмоли худ шаъну эътибори одамизодро ба хок яксон месозад.

⌶ ⌶ ⌶

***ДАСТУРИ ДАСТГИР***. Аз ҳақирону сифлагон, ки боиси пастии баландиянд, парҳез бояд кард! Онон бо бадтарин роҳҳои ҳақирона, бо хоксориву фурутании сохта, минбару тахтҳоро соҳиб шуда, аз баландии пастии худ ба фарқи аҳли фазлу хирад туф мекунанд!..

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Автограф 2

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

Дар олами савдозада, эй рӯъёӣ,
Гумкардаи ту манам, киро ҷӯёӣ?!

⌶ ⌶ ⌶

***АКСИ САДОИ БЕСАДОӢ***. Дар тасвири сангдиливу бераҳмии одамӣ дар сангари ҷаҳли худкушиву худхорӣ, ба ҳоли шармандагии фазилат пеши ҷаҳолат, дар баёни пакаркунандаи бераҳмии маргу зиндагӣ, дар хоҳиши кушиши оҷизонаи шарҳу изоҳи ваҳшати "фоҷиаи тоҷик" ақл метаркад, забон лол мегардад, қалам гирён мешавад, миёни сухан мешиканад... Танҳо хиради бечора кушиши оҷизонаи шарҳу баёни ваҳшати лобаёнро дар дарки овои шуури шеър барои ҳӯши рӯҳ пайгир аст:

Онон чу ба ҷаҳл ҳамзабонӣ карданд,
Сангони Ватан марсияхонӣ карданд.
Занҳои фусурда гӯркобӣ карданд,
Тифлони гурусна мурдабонӣ карданд!..

⌶ ⌶ ⌶

***ҲАНДАСАИ БОЗАРГОНӢ***. Мо ҳама бозаргонем, бозаргони донову коно, боҳунар ё беҳунари бозори зиндагӣ... Яке фазл мефурӯшаду ҷаҳл мехарад, арзон мехараду гарон мефурӯшад. Дигаре санги мазори волидайнашро дар ивази дунбаи рӯғанин ба савдо мегузорад. Оне, ки ҷинс надорад, ҳамаро мефурӯшад то баҳои беҷинсии худро муайян бикунад... Мо ҳам савдогарем, ҳам харидор. Байни мову савдогарони бозори кӯҳнафурӯшон низ фарқ вуҷуд надорад; Ишон як умр дидаву дониста моро фиреб медиҳанд, мо як умр, дидаву дониста худро!..

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ИРСИЯТ ВА ҲИРСИЯТ***. Навъе аз дарахтону гулу гиёҳ танҳо дар як мазраъ, дар як хок, дар як мӯҳити хосаи обу ҳаво мерӯянд. Гули эделвейс танҳо дар баландии се-чаҳор ҳазор метр месабзад, нуму мекунад, ба шукуфоӣ мерасад. Аммо бештари  дарахтону гулу гиёҳҳо дар ҳама гуна муҳит сабзидаву нуму карда афзун мешаванд,
монанди одамоне, ки дар куҷо зистан, дар куҷо мурдан барояшон фарқе надорад...

ꕤ ꕤ ꕤ

***ХАЗОНИ ТУБОИ ҲУНАР***. Одамон низ мисли гулу гиёҳанд, гулу гиёҳи хосаи табиат, хоса ҳунармандони асил! Содиқ Ҳидоят, ин тубои биҳишти ҳунар дур аз решаи азалӣ, бенасиби обу ҳавои ҷонбахши Ирон, ташнаи лафзи беназири форсӣ, гулдони гаронбаҳои  гулистони зебои фронсавиро рӯҳану ҷисман таҳамул карда натавониста хазон шуд, - худро кӯшт!

ꕤ ꕤ ꕤ

***МАҚОМИ ШЕБУ ФАРОЗ***. Уқоб, мегӯянд, дар лонаи мурғи хонагӣ зиста наметавонад! Мурғи хонагӣ чӣ?Оё ин ба ном паррандаи бенасиби ҳавои баландии парвоз дар лонаи уқоб зиста метавонад? Гоҳе як суоли сода, як олам суолҳои мураккаби беҷавобро иҷод мекунад.

ꕤ ꕤ ꕤ

Шароре муждаи офоқи ман нест,
Нигоҳе миннати ушоқи ман нест.
Ду оламро нигоҳи интизорам,
Низоре, нозире, муштоқи ман нест!

ꕤ ꕤ ꕤ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ХУДҶӮИИ ХУДОҶӮЁНА***. Шайхону сӯфиёни гӯшанишин барои амиқтар шинохтан, омӯхтан ва дарёфтани олами рӯҳи худ чилланишиниро ихтироъ карданд. Озодии ихтиёрии кунҷи маҳбаси худшиносӣ бидуни обу нон, вобаста ба ҳолати рӯҳии ишон чиҳил рӯз давом мекард. Баъди чиҳил рӯзи рӯзадории ҷисм ворисони тамкину қаноати рӯҳ чун аз дари ҳуҷраи худшиносӣ берун мешуданд, ҳамоно шайтони нафс соҳибони фариштахӯи худро дар остонаи дунёи тамаъу ҳавас бесаброна интизор буд... Чилланишинӣ аз нав такрор мешуд... Сӯфиёни пок дар таҷрубаи андухтаи худшиносӣ собит карданд, ки дарёфтану шинохтани худ бидуни куштани нафсу ҳавас имконнопазир аст.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

***ГАРОНИИ ПӮЗИШИ РӮҲ***. Андрей Сахаров, ин олими машҳӯри олам, ними умри худро дар сохтани қотилтарин силоҳи ҳастӣ сарф карда, ними дигари зиндагияшро дар пӯшаймонӣ ва узру тавба гузаронд. Олими аз ихтироъи маргофари худ бадбахту пӯшаймон, агар чанд соли дигар умр медид, аҷаб нест, таҷрибаи илмии худро инкор карда, бозёфтҳои касбии худро рад намуда, ба муфидии илм шак оварда, роҳиб мешуд.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Чун ғунчаи хушкида миннаткаши боронам, -
Дар зузаи падрудам, фарёди ҷавонмаргист!
Рӯзе, ки бимирам ман, байтулҳазани дунё,
Бе хандаи гирёнам, аз сури ғамон холист!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***БОЗГАШТИ ЗАРРА СӮИ ХУРШЕД***. Аз ваҳшати “фоҷиаи тоҷик” ҳарчанд қурбониёни ҷаҳолат, – шаҳидони бегуноҳ, гумкардаҳои бебозгашт ва шикастаҳои нопайвастании гаронбаҳо дорам, аммо  фалсафаеро низ дарк кардаам, ки бидуни ин ҳама таркишу шикасту рехт ғайри имкон буд; аз анҷом ба оғоз роҳ кашф кардам. Як қадам аз роҳи коинот ба худ наздик шудам! Дар чашми ғуборолуди ойинаи ҳодисот ҳамаро бидуни ихтиёр дар сурату симои асл дидаму шинохтам;
Ҳамаро санҷидам,
Ҳамаро бахшидам,
Ҳамаро кардам гум; –
К – оқибат аз раҳи танги нафасам,
Бе ҳама, -
Бар ҳамаи худ бирасам!..

ꙸ ꙸ ꙸ

Олитарин бозёфт, бозёфтани худ аст!

ꙸ ꙸ ꙸ

Дуртарин, тӯлонитарин, мушкилтарин, сарпечтарин роҳ, роҳ аз худ то ба худ аст!

ꙸ ꙸ ꙸ

Сухани ишқ ҳамин аст, ки ман медонам, –
Бо ту дар ҳар ду ҷаҳон давлати дидорам нест!

ꙸ ꙸ ꙸ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ЗИНДОНИИ ОЗОДӢ***. Гирди худ ҳамчун гирди сайёраи кашф нашудае сарсону саргардон мегардаму мегардам... Аз ҳеч ҷое, аз ҳеч кунҷе, аз ҳеч гӯшае сӯи худ роҳ надорам. Андаруни худ саргуму раҳгум мондаам. Оҳ, медонам; Маро аз ман, ҷуз худи ман ҳеч кас озод нахоҳад кард!

♊ ♊ ♊

Қисмати ҳунарманди асил пеш аз ӯ тавлид шуда, баъд аз ӯ мемирад.

♊ ♊ ♊

***ҶАМЪИЯТИ ТАНҲОЁН***. Дар маҷмӯ одамон ҳама танҳоянд, ҳарчанд ҳеч кас ба сари худ, аз раҳи дарку таҳлил ба мантиқи танҳоии худ расида наметавонад. Мегӯянд, ҳатто дугонаҳо (дуғулуҳо) дар батни модар пӯшт ба ҳамдигар гардонида, аз танҳоӣ мегирянд. Бале, ҳама танҳоянд, аммо танҳои танҳоён онҳоеанд, ки як умр андаруни доираи ҷамъияти ҷамъи парешон зиста, аз хати доираи он берун мондаанд.

♊ ♊ ♊

***АКСИ САДОИ ГИРЯИ ШОНАҲО***. Оё он ҳама тӯфону зилзилаҳои даҳшатноку ногаҳоние, ки оламро ба ларза меоранд, акси садои таркишҳои даруни, гиряи беовоз ва ларзаи шонаҳои мардони нотавон ва занони танҳо нестанд?! Ҳавову ҳаваси мо, бар дӯши нафаси танҳоии мо гаронӣ мекунад. Оҳи сарди мо фиғони безабонии нотавонии танҳоист, дар забони барги хазон, пеш аз фирор аз шохсор !..

♊ ♊ ♊

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ТОҚАТИ ТАҲҚИР***. Такрор ба такрор маро мапурсед, ки зинда кисту мурда кист! Оне, ки нафасе зиндавор назиста аст, аз куҷо донад, ки зинда кист! Оне, ки мазори муқаддаси ниёконро зери пои хӯкони дупо дида, аз шарми нотавонӣ кӯр нашудааст, оне, ки таги санги осиёи тоқати таҳқир донавор орд шуда ҳанӯз нафас мекашад, куҷо донад, ки иҳтироми ногузири мурдан чист!..

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

***ОТАШИ ҲАЁИ ДЕР ЗИСТАН***. Аз шаҳчанори пире, ки аз оташи ҳаёи тӯлонии зистан дарун ба дарун месӯзад, аз гӯркоби пир, аз ин боғбони дастхушки мазор, ки ҷуз гӯри худ, дигар барои ҳама хонаи охират сохтааст, ба суоли ману худ посух бихоҳед, ки оё байни зиндагиву марги “тоқати таҳқир” фасли дигаре ҳаст, ки мо намедонем?-

Фасли назистан? !

Фасли намурдан? !..

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

***ҶОИЗА ДАР ҶАЗО.*** Истиқлол, озодӣ, хоҳ миллӣ, хоҳ фардӣ аз осмон фуруд намеояд. Сазовори Истиқлол бояд буд! Ба истиқболи Истиқлол омода набудан, қиммати гарони ин ҷоизаи беназирро надонистан, мантиқи инсонофари онро дарк накардан, зиндагиро дар талоши талху гуворои зистан инкор кардан аст! “Фоҷиаи тоҷик” аз дарк накардани мантиқу фалсафаи истиқлол, аз бехирадии пешвоён, аз бечорағии озодихоҳон, аз шабкӯрии чароғдорон, аз раҳнамои оқилу шуҷоъ маҳрум будани ошиқони ташнаи Истиқлол сар зада, як насли нурофарро, як диёри нозанинро ба хоку хун кашид!

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ФӮЛОДИ НУРУ НОР***. Истиқлол мисли ҳама мафҳумҳои ҳаммаъниии ҳаёту мамот заҳмати пайваставу ҳамешагии фазлу хирад, рӯҳу ҷон, ишқу имонро мехоҳад. Истиқлол ба масал соғари булуринеро мемонад, ки онро дар тоқи болои кохи ҳушёрӣ, ҳушдорӣ ва эҳтиёт нигоҳ бояд дошт!

ⵊ ⵊ ⵊ

***СӮЗИ НАБЗИ ҚАЙС***. Шеър ҷунуни ақл аст! Ҷунуне, ки аз ҳайрати хуни ишқ ҷӯшида, дар қолаби сухан набарди ҳастӣ мекунад, то аз номи ҳастӣ ба нестӣ сарбасар бизанаду нест нашавад.

ⵊ ⵊ ⵊ

***ОВОИ ҲАСТИИ НЕСТӢ***. Шеър хоҳиши дарёфтан ва шарҳ додани мантиқу фалсафаест,овои ҳастиест, ки вуҷуд надоранд.

ⵊ ⵊ ⵊ

Шеър кушиши ҷустуҷӯи чизест, ки нест!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ҲАМА ЧИЗИ ҲЕЧ ЧИЗ***. Ҳаёт нафасест, талху ширин, оҳест, сабук ё сангин, хобест бетаъбир, беранг ё рангин, хотираест, монданӣ ё бемантиқу бебақо ! Ҳаёт ҳама чизи ҳеч чиз аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Мантиқи ҳастӣ дар бемантиқии нестист !

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

***ИЛМИ СИТОРАКУШ***. Сиёсат низ илм аст, илми бесаводони ҳамадон! Илми қадимаи бераҳмиву куштори бегуноҳон, илми сиёҳ дидани сафеду тира дидани хуршед, илми инкори ҳақиқату зиё, илми мункири зоду бунёд, аслу насаб... Дипломатия бошад дар ҳама давру замонҳо дурӯғросткуни моҳири ин шуғли шарманда аст!

⌶ ⌶ ⌶

Сиёсат гови дуздидаро сар бизанад, дипломатия хандон-хандон онро пӯст меканад...

⌶ ⌶ ⌶

***НУСХАИ БИҲИШТ***. Демократия ( Ҳокимияти халқӣ !) аз даврони Суқроту Сенека то имрӯз барои камоли зисти ҷамъияти мутамаддуни инсонӣ ҳанӯз қадаме сӯи пеш нагузоштааст. Он давлатҳое, ки иддаои демократӣ буданро доранд, аз мантиқи ҳокимияти воқеан халқӣ фарсаххо дуранд. То даме ки сохти мутлақи демократияи ҷаҳонӣ вуҷуд надорад, дар як мулк, дар як мазраъ тантана кардани “ғалаба” – и он, рӯи реги биёбон нусхаи биҳиштро наққошӣ карда, худро биҳишӣ номидан аст!..

⌶ ⌶ ⌶

Марг озодист! –
Озодӣ аз биму ҳароси мурдан!

⌶ ⌶ ⌶

Бохт низ бурд аст, бурди дигар!

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ДАР ЧАШМИ РӮНАМО***. Ойнаҳо низ мисли баъзе одамон чанд рӯй доранд. Шинохтану дарёфтани рӯи ҳақиқии онон мушкили мушкилҳост. Одамон ойнаи дуруғгӯйро дӯст доранд, ойинаеро, ки симои ишонро мувофиқи хосту хоҳишашон намояд. Гуноҳи ойинаҳои шикастаи кафшернопазир ин буд, ки ҳақиқатро ба ҳақиқатқимобон бепарда намудаанд.

ЖЖЖ

Аз ҳақиқат дур зистан, аз хатар дур будан аст!

ЖЖЖ

***НАКҲАТИ ЭЪҶОЗ***. Накҳату ранги ҳар гуна гул, накҳату ранги ҳар гунаи зиндагияст; накҳат дар накҳат, ранг дар ранг, эъҷоз дар эъҷоз...

ЖЖЖ

***АРҒУШТИ ШАҲПАРАКИ АТЛАСӢ***. Барои ҳар рӯз сад бор хушбахт будан чизи зиёде зарур нест; Рақси мавзуни кокулони сабза, накҳати гули ношиносе, ҷилваи ошиқонаи шоҳпараки атласиболе, табассуми зебову самимонаи раҳгузаре, ёди ширине, дидани дидори дилхоҳе, тамошои ҷамоли худ дар чашми ойинае... Барои бадбахт шудан аз ин ҳам камтар, – ҳарфи баде, нигоҳи коже, шикастани кӯзачаи зебое, пешпо хӯрда афтодан... кифоя аст.

ЖЖЖ

Пирӣ хиёнат ба ҷавонист!

ЖЖЖ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Савоб низ вубол аст, агар садди роҳи вуболкоре набудааст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Фазл низ ҷаҳл аст, агар ҷоҳилеро фозил накардааст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Ҷаҳл санги хорост! Санги хорое, ки ҳамеша бар сари сахти фазл мешиканад.

ⵊ ⵊ ⵊ

Марг анҷоми ҳама оғозҳост! Марг бозгашт аст аз оғоз ба анҷом, балки аз анҷом ба оғоз...

ⵊ ⵊ ⵊ

Ҷаҳл кӯндаи пӯсидаро мемонад, ки ақл ҳамеша андар он пешпо хӯрда меафтад.

ⵊ ⵊ ⵊ

***ОҒОЗУ АНҶОМ***. Бе гӯру кафан будан мумкин аст, бе чашму забон будан мумкин аст, бе расму ойин будан мумкин аст;
Аммо бе миллат? –
Зинҳор!
Аммо бе Ватан? –
Ҳаргиз!..

ⵊ ⵊ ⵊ

***ПАРВОЗИ ШОДӢ***. Рақс парвози шодист! Рақс овои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳавоии милюн-милюн ҳуҷайраҳои ноаёнест, ки аз роҳи сурури ҳаракат ҳастии худро ба ҳамдигар муаррифӣ мекунанд.

♊ ♊ ♊

***ЁДЕ АЗ БЕЁДИИ ХИРАД***. Манзараи даҳшатноке солҳост хаёламро пайгирӣ мекунад; Пирамарду пиразане, дар гулхани хонаи сӯхтаи худ, зери барфбод панҷаҳои чун шохаҳои дарахти хушкида хушку беҷони худро гарм мекунанд!.. Зуд-зуд такрор ёфтани хобе, ки бадбахтона дар бедорӣ дидаам, ҷазои ҷазоҳост! Намедонам, аввалу охири хобе, ки аз Вахш оғоз шуда, то Тавилдара расида аст, дар пардаи хаёли бедории ман аз куҷо то куҷо хоҳад буд!..

♊ ♊ ♊

***ҲАРОСИ БУДАНИ НАБУДАН, АЗ ДИДГОҲИ НА-БУДАНИ БУДАН***. Инсон дар умри кӯтоҳи худ аз ҳама чиз ҳарос дорад; Аз об, аз оташ, аз мор, аз хор, аз барфу борон, аз раъду барқ, аз худӣ, аз бегона... Гоҳе чунин ба назар мерасад, ки одам барои тарсида зиндагӣ кардан ба олам омадааст, то тарсида-тарсида бимирад.

♊ ♊ ♊

***ҒИЛОФИ БУЛУРИН.*** Одамизод зиндагиро аз худи зиндагӣ ба хотири зиндагӣ ҳизф карда, ба биму ҳарос имкон медиҳад, ки худро Зиндагӣ биноманд!

♊ ♊ ♊

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ЗИННАҲОИ ПАСТУ БАЛАНД.*** Байни минбарнишинон ва толорнишинон тафовути назарнамое вуҷуд надорад; Минбарнишинон аз рӯи ҷасади толорнишастагон ба минбар баромадаанд, толорнишинон дар андешаи тай кардани роҳи ишон, аз рӯи мурдаи онон лаҳзаҳову сонияҳоро мешуморанд!..

⌶ ⌶ ⌶

***ТАЪРИХИ ТАЪРИХ***. Таърихро шоирон иҳсос мекунанд, ҳамосанависон менависанд, қарнҳо мутолиа мекунанд, вақт онро таҳлилу таҳрир мекунад, то оқибат ба анбори фаромӯшӣ афканда, дарро қуфл зада калидро ба тоқи хотираи инсонӣ пинҳон бикунад...

⌶ ⌶ ⌶

***ШАБИ САҲАР, САҲАРИ ШАБ***. Он чиро, ки мо бо номи ҳақиқат мехоҳем, меҷӯем ва мешиносем, дар нисбати ҳақиқат нисбист. Шабе, ки дар хонаҳо чароғ фурӯзон мекунем, шабе, ки дар осмон моҳ қандил меафрӯзад, на дар ҳама ҷо шаб асту зулмати торикистон. Дар ҳамин вақт, дар дигар гӯшаи олам рӯз асту офтоб фурӯзон...Меъёру ченак ва мизони ростиву дурӯғро низ аз дидгоҳи ҳамин гуна равзана метавон диду шинохт.

⌶ ⌶ ⌶

***АНДАЛЕБОНРО УМРИ ЗОҒ МЕБОЯД!*** Аз кули хабарҳои нохуше, ки дар чанд соли ахир шунидаам, якеш хабари се сад сол умр дидани зоғ аст! Инсони хирадманду созанда шаст-ҳафтод сол умр мебинаду зоғ сесад сол! Ба мантиқи ин муаммо расидан дар гумон аст! Боз мегӯянд, ки

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

офаридгор ҳеч чизро дар табиат бечову нозарур наофаридааст! Худоё, зоғ дар ин дунё сесад сол чӣ кор мекунад?!

   

Ризқ аз рӯзӣ фарқ дорад! Ризқро парвардигор ато мекунад, рӯзиро одамизод бо заҳмат меёбад. Ин ҳақиқат андарзи “аз ту ҳаракат, аз ман баракат” – ро, ки одамон аз номи офаридгор ба худ нисбат додаанд, тасдиқ мекунад.

   

***ОЙНАИ ХУДНАМОИ ИҲСОС.*** Муҳаббат имкони ҷустан, дарёфтан, дӯст доштан ва парастидани худ, дидани ҷамоли худ, тамошои камоли худ дар дигарон аст!

   

***МАНТИҚИ БЕҲАМИВУ БОҲАМӢ.*** Байни фариштаву шайтон, субҳу шом, сиёҳу сафед, некиву бадӣ, гармиву сардӣ... фарқе нест! Яке барои дигаре офарида шудааст. Яке аз ҳисоби дигаре вуҷуд дорад.яке бидуни дигаре маҳв мешавад.Яке дигар аст, дигаре як. Қиммати якеро дигаре афзун мегардонад...

   

***НАФАСИ НАФАС***. Зиндагӣ нафас аст. Зиндагӣ дар нафаси ман зиндагӣ мекунад. Бидуни нафас барои ман ,- барои ҳама, ҳаёту мамот ҳарду якест; на зиндагӣ вуҷуд дорад, на марг! Маргу зиндагӣ нафас ном дорад!

   

***АЗ ДИДГОҲИ ГАВҲАРАКИ МЕҲР.*** Мо зиндагиро барои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бемантиқӣ ва фонӣ буданаш дӯст медорем. Нисбати таҳаммул кардану бахшидани ҷурму қубҳи зиндагӣ волидайнеро мемонем, ки кӯдаки ноқиси худро аз фарзандони солимаш бештар дӯст медоранд.

ꙮ ꙮ ꙮ

***ҲОЛАТИ ҲОЛИ ҲОЛАТ.*** Одами хаста зиндагиро дӯст нахоҳад дошт. Одами хаста ҳусни ҳастиро дида наметавонад. Одами хаста аз ҳавои ғарқ шудан дар ҳолати ҳоли беҳолӣ нимҷон нафас мекашад...

ꙮ ꙮ ꙮ

***ГАРДЕ ЗИ ХОКИ ХУД.*** Аз ҳама бозиҳо, хокбозии содаи тифлонро дӯст дорам. Кӯдакон аз мантиқи амиқи фалсафаи бозии худ бехабар, бо хоки падарон, бо хоки ниёкон, бо хоке, ки рӯзе ба оғӯши ҷовидонааш хоҳанд рафт, орифона бозӣ мекунанд.

ꙮ ꙮ ꙮ

***ИҶОДИ ҶОДА.*** Дуруд, эй сарнавишти ман, эй ҷодаи саргум, эй хати росту каҷи аз ҳеч куҷо то ба ҳеч куҷо!

ꙮ ꙮ ꙮ

Аз ҳеч куҷо то ба ҳеч куҷо рафтану баргаштан, чунин аст фалсафаи ҳар гуна роҳи бероҳӣ!..

ꙮ ꙮ ꙮ

Боиси ҳама ҷурму гуноҳи одам, тамаъи беақлонаи ақл аст!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

 

Сиёсатмадоро чинс надоранд!

 

***МАНЗИЛИ АВВАЛУ ОХИР.*** Оромгоҳ (гӯр) манзили аввалу охири одам аст. Дигар ҳама манзилҳое, ки одам дар тӯли зиндагӣ бино мекунаду зиндагӣ мекунад, ҳуҷраҳоеанд, дар меҳмонхонаи Дунё, барои роҳгузарони шитобзада!

 

Бенаво мазҳаб надорад.

 

Мушкилтарин кор бекорист! Хастагии бекорӣ шабеҳи беморист. Меҳнати бекорӣ  аз заҳмати миёншикани пуркорӣ сангинтар аст!

 

ТАРОНАИ ЛОЛ. Лолҳо низ тарона мехонанд; бо забони безабонӣ, бо  лаҳни  чашмҳо, бо сӯзи лабҳо, дар пардаи ларзони ангӯштони гӯё...

 

***ГАНҶИ ШОЙГОН***. Ҷашни нимасраи буданро дар зери гардун бо дӯстони камшумору рақибони бешумор бо тантанаи маҳзунона дар чанд гӯшаи замини гирд қайд кардем! Бо овои баланд аз ҷашни  тиллои худ арз карданам ҳамаро ҳайрон кард. Фош гуфтани синну соли бонувон,хоса аз ҷониби худашон  одат нест. Ишон дар

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ними дуввуми умр одатан рухсатномаашонро барои кам кардани синну соли худ “ нохост гуми мекунанд”, ё чанд соли даргузаштаро ба ҳукми фаромӯшии хотира ҳавола мекунанд.Ин манам, ки шодмон мегӯям; Ним аср таи чарх мурда- мурда зистаам! Бовар карданам ба ин шумораи тиллоӣ мушкил аст, аммо ҳуҷҷат дорам! Бо ифтихори шод синни муборакки худро ба ҳама арз мекунам, зеро умре , ки аз сар гузаштааст, ҳар лаҳзаи талхоширинаш як умри дигар буда аст!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Хурофот мазлумонро меофарад, мазлумон хурофотро,- фазлу хирад ҳардуро маҳв мекунад!.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Миллати худношинос аз қудрати иҳё шудану мӯъҷизаи офариниш бенасиб аст, зеро хунаш сарду рӯҳаш мурда аст.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

***ФАСЛУ НАСЛИ МИЛЛАТҲО***. Миллатҳо низ мисли одамонанд! То синну соли муайян, аз рӯи барномаи хосаи (коди) ирсият, зиста сипас мемиранд, то аз нав иҳё шаванд. Гоҳе барои аз нав иҳё гардидан қуввату қудрати миллат намерасад ва маҳв мешавад.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

***НОДОРИИ ДОРОӢ.*** Ягона масъалае, ки умеди

ноумедияш, ҳалнопазирияш маро гирён мекунад, бевафоии сонияҳо, фирори дақиқаҳо, фишори рӯҳшикани камии вақт, набудани вақт, шитоби вақт аст!..

⌶ ⌶ ⌶

Шитоби вақт оғозро ба анҷом мебарад, ҳастиро ба нестӣ!

⌶ ⌶ ⌶

Ошиқ мисли одами мазҳабист, ба худои яккаву ягонаи худ, – ба маъшуқ саҷда мекунад.

⌶ ⌶ ⌶

Қотилони аввалину охирини рушду камоли оламу одам миллатгароёнанд, миллатгароёне, ки иҳсоси муқаддаси ватанпарвариро бо аъмоли зишти худ ба хок яксон месозанд!

⌶ ⌶ ⌶

***ДАР САНГИ ГӮРИ ШАҲРИЁРЕ.*** Онҳое, ки раҳбарӣ, раҳнамоӣ, сарварӣ ва пешвоии милюнҳоро ихтиёран ба ӯҳда мегиранд, гузашта аз он барои чунин масъулият набарду ҷоннисориву ҷонрабоӣ мекунанд, ё рӯҳан маризанд, ё ақлкоста, ё фиристода,– пайёмбар !..

⌶ ⌶ ⌶

***МОТАМОРОӢ?!*** Агар гу л бахшидан ба зиндаҳо рамзи

зебоӣ, таманно ва муроду муддао бошад, гул бахшидани зиндаҳоро ба мурдаҳоро мантиқан чӣ гуна метавон маънидод кард?

Мотаморойӣ?!

Ғамфиребӣ?!

Азои накҳатдор?!..

ꙇ ꙇ ꙇ

***МАЗҲАБИ ТОЛСТОӢ.*** Умр ба ЛевТолстой вафо накард! Қисмат иқболи паёмовар буданро ба ин нависандаи раҳнамои хирадманду фозилу баинсоф муносиб надид. Вақт имкони пешво буданро аз ин “ақли кул” дареғ дошт. Мазҳаби наве, чараёни фалсафии аз хурофот дуре, дини тозае бо номи “дини Толстоӣ, мазҳаби Толстоӣ” дар нимроҳа бе раҳнамо монд... Ҳанӯз ҳам одамонеро (хоса пиронсолон, хоса занонро) метавон пайдо кард, ки худро “толстоӣ”, яъне пайрави Толстой меҳисобанд ва ба пешвои худ вафодоранд. Ақидаҳои бузург, ҷонибдорӣ, дастгирӣ ва пайравии ҷамъияти бузургу фазои бекаронаи рушду камолро, вақтро мехоҳанд. Ҳар як ақидаи нав дар инкори ақидаҳои дигар, дар мубориза алайҳи кӯҳна арзи вуҷуд мекунад. Ғалабаи нав бар куҳан на танҳо дардовар, балки хунталаб аст... Оре, умр ба Толстой, ба ин паёмовари фарзона, ки аксар догмаҳои кӯҳнашудаи мазҳаби насрониро инкор карда, ҳамчун хирадманди тозаназар ба зиндагӣ, ба хурофоте, ки мардуми русро дар тирагии асримиёнагӣ нигоҳ доштан мехост, ҷанги беамон эълон карда буд, номардӣ кард. Толстой “ санги Сизиф”-и ақидаҳои тозаву мушкилқабулашро ба қуллаи мақсуд наздик расионда буд. Пайравонаш бешумор буданд. Калисо аз рух намудани мазҳаби нав ва паёмовари он ба ҳарос афтода нависандаро аз сафи худ ронд. Толстой низ ошиқи калисо набуданашро пинҳон намекард. Дар дами

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сакароти мавт дуову раҳнамоии вопасини роҳибро рад кардани нависанда эътирози аввалину охирини ин инсони фозил буд, алайҳи ҷаҳолату хурофоти мазҳабнамои дини даврони худ...
Толстой аз олам рафт, аммо мазҳаби толстойӣ дар ниҳонхонаи зиндагӣ вақту соати худро интизор аст!

ꙮ ꙮ ꙮ

***МОДАРИ РӮДХОНА БОРОН АСТ.*** Оби рӯдхона пухта аст. Тамъи оби рӯдхона, таркиби он аз оби ҳавзу кӯлмаку ҷашмаҳои сокит ба кулӣ фарқ мекунад. Оби рӯдхона ба сангҳо сар куфтаву ба худ роҳ кушода, ғелидаву паҳлӯ зада, дар талоши ҷовидонаи будан худро ба камоли обона мерасонад. Миллатҳо низ оби рӯдхонаи кӯҳро мемонанд; коҳилӣ, беҳаракатӣ, бузургманишӣ, худхоҳӣ, худро дар ҷаҳони бекарон сархели дигарон донистан, дар гирди тири ифтихори миллии худ бехудона чарх задан... ҳукумномаи худкушии худро бо дасти худ навиштану имзо кардани миллат аст.

ꙮ ꙮ ꙮ

***КАТИБАЕ ДАР КАФИ ТАЛБАНДА.*** Талбандагонро барои пешаи ҳақиронаашон набояд маломат кард. Талбандагонро аз гадоён фарқ бояд кард! Гадоён аз ночориву бечорагӣ даст аз остини тамаъу тавозӯъ берун мекунанд, талбандагон аз берӯиву беимонӣ! Талбандагӣ низ ҳунар аст, ҳунари қадима, мисли фоҳишагӣ, ҷаллодӣ, қассобӣ, гӯркобӣ... Пешаи талбандагонро иҳтиром бояд кард! На ҳар кас метавонад рост ба чашми мардуми ношинос нигариста аз онон қарзеро бихоҳад, ки ҳафт пушташ ба ишон надодааст. Кафи тиҳии талбандагон кафи тиҳии беҳаёии ҷуръат, кафи холии хоҳиш аст !

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

⌶ ⌶ ⌶

***ОЛАМЕ, ДАР ОЛАМЕ, ДАР ОДАМЕ!*** Аҳли андеша аксар аз худ бехуд, ба оламу одам бегона, дар олами худ сарсон, пешонапурчину абрӯгиреҳанд. Симои андешаманд, ойинаи андешанамо, балки акси худи андеша аст. Андеша хандон намешавад!

⌶ ⌶ ⌶

***АВВАЛИНУ ОХИРИН.*** Аввалин шоири олам бешубҳа зан будааст! Чунин намебуд, забони миллатро забони модарӣ наменомиданд! Аввалин тарона низ иҷоди зан аст;лолоии модар дар сари гаҳвораи фарзанд.
Мардон лолой намехонанд!

⌶ ⌶ ⌶

Занон миннатгузори хастагиянд! –
Хоса занони рустоӣ, хоса занони тоҷик!

⌶ ⌶ ⌶

Талоши зиндагӣ ширинтар аз худи зиндагист!

⌶ ⌶ ⌶

Ҷуръати ниҳол, дар дами тундбод, суръати барг дар шитоби фирор беҳамтост!

⌶ ⌶ ⌶

***ПАНҶЯКИ ҲИЧ.*** Одамон набояд камтар аз саду як сол умр бубинанд! Саду як соли умри одамиро ба панҷ ҳиса

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бояд тақсим кард; бисту панҷ соли умри зебо, беғам, ошиқ, хушбахт, аз одаму олам бе гилаву бе озор, умри ҳаваси ошноӣ бо сеҳри зиндагиву меҳри зистан, хандидану рақсидану нозидану бозидан! Чаҳоряки дигар барои хонасозиву дастархонороӣ, барои таҷрубаи дигаронро омӯхтан, мушикофӣ, таҳлилу таҳқиқи ҳастиву нестӣ, фарзанд зодану тарбият кардану парвозӣ кардан! Бисту панҷ соли севвум барои таҷрубаи андухтаи худро ба дигарон омӯзондан, аз дигарон хостани он чизеро, ки зинҳор надодаӣ, ба ҳама эрод гирифтан ва худро дар ҳама кор ҳаќу ҳақрасу устод донистан! Бисту панҷ соли охир ба раҳи тай кардаи худ, ба саҳву хатои худ, ба дарахти бесамари талошу гирудори худ, ба ганҷури дарди сари худ, ки аз барояш кӯдаконат марги фавриятро мехоҳанд... хомӯшона нигариста оҳи бадард кашидан... Як сол барои зистан, зистан, зистан, яъне нафас кашидан!..

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Кӯдакони бидуни ишқ ба дунё омада, зебо нестанд!

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***МИЛЛАТИ НУРИ БАСАР.*** Чашмон низ миллат доранд! Чашмони зебо, маҳзун, соданигоҳ, пурсуол, хаста ва ҳамеша пурнами тоҷиконаро дар ва ҳамеша пур аз суоли тоҷконаро дар ҳама гӯшаи олам, аз байни ҳазорон чашм бехато мешиносам.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***ЧАШМИ КӮРИ САРНАВИШТ***. Қисмати шоири бузурги рус, Владимир Маяковский қисмати бади ҳунармандонест, ки сеҳри ҳунару силоҳи нишонраси сухани ҷовидонаро ба хидмати давре, давроне, сохтеву сохторе, тӯдаеву қабилае,

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

гурӯҳе... бахшидаанд. Бадбахтии Маяковский дар он аст, ки ӯ шоири як сохтори бебақо, восифи як рӯзгори сохта, ошиқи як боғи маснӯӣ буда, дар торихи адабиёти ҷаҳонӣ бо ҳамин сифати на чандон шоистаи истеъдоди худододаш шинохта шуда аст. Ин сохтор шоирро зода ӯро пеш аз марги худу суханвар, бераҳмона ба марг ҳукум кард! Боиси таассуф аст, балки беинсофист, ки шоири камназире мисли Владимир Маяковский танҳо чакомасарои хушомадгӯи як даврон ва як сохтори бебақо дар торих бимонад. Аммо чӣ илоҷ. Таърихро ба қавле метавон тозанависy рӯнавис кардан, аммо таҳрир карданаш мутлақо номумкин аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Ишқ шарҳу эзоҳ надорад.

ⵊ ⵊ ⵊ

Ишқ мӯъҷиза андар мӯъҷиза аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***СОҲИБДАРАК.*** Ҳар бонуе, ҳар зане, ҳар духтаре, ки боре, ҳар куҷое, дар ҳар давру замоне бегуноҳ таҳқир шуда аст, модари ман, духтари ман, хоҳари ман, – ҳамноми ман, - худи ман аст!..

ⵊ ⵊ ⵊ

***ЗОДРӮЗУ ЗОДШАБ.*** Дар дунёи фано ҳама зодрӯз дораду зодшаб, яъне ҳаёту мамот, ҷуз сухан, ки барӣ аз ину он аст. Маҳз сухан, ин маъдани ҷовидона, таҷрибаи ҳастиву

нестиро аз оғоз то анҷом, чун мумиё ҷанозаро, аз фано шудан нигоҳ доштааст. “Аввал сухан будааст!”, охир низ сухан хоҳад монд!..

⌶ ⌶ ⌶

Бояст Зодрӯзи китобҳои бузургро, ки пайкараи беназири сухананд, чун зодрӯзи одамони бузург ёд дошт ва сипосгузорона ҷашн гирифт!

⌶ ⌶ ⌶

***АҚРАБАКИ СОАТИ ПӮШАЙМОНӢ.*** Агар имкони ба қафо бар гардондани умр мебуд, ними мардуми дунё ҷои пеш рафтан, мисли харчанг ба қафо роҳ мерафтанд...

⌶ ⌶ ⌶

Марги рӯҳ бо марги тан фосила дорад! Рӯҳ нисбати тан бештар аз зиндагӣ хаставу маҷрӯҳ мешавад.
Марги рӯҳ аз марги тан пештар фаро мерасад.

⌶ ⌶ ⌶

***ИН ЧАШМҲО, ИН ХАШМҲО.*** Замоне ин чашмҳоро пазмон мешудам. Замоне дар ҳар гӯшаи олам ин чашмонро муштоқона меҷӯстам. Замоне таронаи ин чашмҳоро ошиқона месурудам! Ёди он замону он чашмон ба хайр! Дигар на ман манаму на он чашмҳо он чашмҳо!.. Аз чашмоне, ки ҳусни маро зишт дидаанд, савобамро вубол пиндоштанд, аз хандаи рӯшаноӣ тарсида, ба ғори кинаву ниқор фирор кардаанд, дӯстро дар кӯрии худ гӯронида, ба душман тахти нуру зиёро намудаанд, роҳи манзили маро ба қотилони ман нишон додаанд, аз даҳони сиёҳи силоҳ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гавҳараки дидагони нурҷӯёнро ба нишон гирифтаанд, сӯхтани Вахшу Раштро дида хандидаанд, рехтани хуни сӯзони як насли рӯшаноиро бо нигоҳи сарду бедард бегонавор тамошо кардаанд, метарсам! Аз чашмоне, ки нигоҳи бегуноҳу бепаноҳу ҳайрону пурсуоли Осимиҳо, Олимпурҳо, Ёриёнҳо, Сатториҳо, Исҳоқиҳо, Ғуломовҳо... ва ҳазорон бегуноҳонро дар дами сакароти мавт дидаву кӯр нашудаанд, мегурезам! Ман ин чашмҳоро дидаам! Вақте ки қотилонам дари хонаамро мешикастанд,ин чашмон маро меҷӯстанд! Аз ин чашмҳо ҳазар дорам! Ин чашмон дар зарраҳои хуни ҷасорати ман, дар рӯҳи қудрати ман, дар иҳсоси содаву самимонаи муҳаббати ман, дар ғуруру ифтихори ман, ишқ, иътиқод ва шаъну шарафи инсониро маҳв кардаанд!.. Ман аз ин чашмон чашм мепӯшам, ман аз ин чашмон нигоҳамро мегурезонам, ман аз ин чашмон фирор кардан мехоҳам; Аммо то ба кай? ! Аммо то ба куҷо? ! Аммо то ба кӣ? !..

ꕤ ꕤ ꕤ

Шоир ровии сӯзиши хуни иснсонҳост!
Шеър василаи ошӯбнамоии ошубгарон аст!

ꕤ ꕤ ꕤ

***МАРГИ ШОИР.*** Шоир Пиримқул Сатториро дар навбати нон куштанд. Ӯ гурусна зист; гуруснаи ҳақиқату иҳёи миллат. Ӯ гурусна мурд; гуруснаи ҳақиқату иҳёи миллат!

... "Марги шоир,
Қатли нирӯи суханро,
Мардуми бечора медиду намедид!
Резаҳои нони хунолӯдро,
Аз кафи ларзони шоир,
Мурғаке тарсидаву ларзида мечид! –
Вахш дар тобӯти мавҷаш мурда мебурд,

Ширмоҳӣ мурда мехӯрд!..”

ⵊ ⵊ ⵊ

***ХИТАИ ЗИНДАДОРИ ИФТИХОР.*** Ориёноро ҳамчун хиттаи беназири сухану фарҳангу ҳунар шинохтани ҷаҳониён маҳз тавасути шеър аст, – тавассути бузургиву сеҳри шеъри беназири форсӣ! Дар дунё миллатеро пайдо кардан мушкил аст, ки чунин воситаи олии тафаккур ва андешаро, тавсассути шеър соҳиб бошад! Мардуми Ориёно зиндагиро бо шеър истиқбол карда, маргро бо шеър хайрамақдам мегӯянд!

ⵊ ⵊ ⵊ

Ориёно “Фаҳангистони ҷаҳонии шеър” аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ХУДГУНА, ХУДОГУНА.*** Дар китобҳои муқаддас омада аст; “Худо одамро худгуна офарида аст!
Шоиру ориф  Мансури Ҳаллоҷ низ  он гоҳ нагуфт, ки “Ман худоям!” Ӯ гуфт;  “Ман худогунаам!”...
Ин инсони комилро, ин  сӯфии аз раҳи фазлу хирад ба худ, -яъне ба худо расидаро, на танҳо нашуниданду напазируфтанду нафаҳмиданд, балки барояш дор баланд карданд. Бо Мансури Ҳаллоҷ, бо ҳақиқати безаволи ӯ, бо чароғи сӯзони дили шоири ориф чандин хуршедҳоро куштанд...

ⵊ ⵊ ⵊ

***КИРМ ВА АБРЕШИМ.*** Адибони миллатзод, ин ошиқони ноком, табиатан, бидуни ихтиёр акосии холисонаи ҷурму гуноҳи давру замон ва ҳамзамонони худро ба уҳда

мегиранд. Дар ин пешаи бениёзии ниёзу муҳаббати нафрат иҷодкунанда, аксар худ ба ҷое намерасанд, аммо раҳнавардонро ба манзил ҳидоят мекунанд... Гогол дар ҷурмшумориву ҷурмнамоӣ ва тарбияи рӯҳии миллати рус хиради худодашро бохта, аз ақл бегона шуд!

* * *

***ЧАШМИ АНГУШТОН.*** Ангуштони инсон гоҳе аз дидагони ӯ бинотаранд. Бесабаб нест, ки маҳз нӯги ангӯштон барои нобиноён вазифаи гавҳараки чашмро иҷро мекунанд.

* * *

***КУҲАНИИ НАВ, НАВИИ КУҲАН.*** Мо ба дунё гӯиё барои хато кардан, гуноҳ кардан, суол додану ҷавоб нагирифтан, барои ислоҳ кардани саҳву хатои дигарон омадаем. Дигарон низ шояд аз паи мо барои ислоҳ кардани саҳву хатои мо, балки барои ҷурму гуноҳи моро такрор кардан хоҳанд расид...

* * *

Дар ин дунё ҳама гуна наву навкорӣ такрори беҳунаронаи куҳан аст...

* * *

Ними умри одами самимӣ дар саҳву хато кардан сипарӣ шавад, ними дигараш сарфи ислоҳи он хоҳад шуд...

* * *

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***НАФАСИ БЕНАФАСӢ.*** Нафас кашидан ҳанӯз маънии зинда будану зистанро надорад. Фирдавсии Тусӣ ҳазор сол аст, ки нафас намекашад, аммо зиндатарини зиндаҳост!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ИЛЛАТ НА, МИЛЛАТ.*** Бузургии ҳар миллатро, волоии ҷоҳу фазлу хирадашро мизондори вақту замон, дар муқоиса бо миллатҳои дигар, аз муносибати оличанобонаву эҳтироми самимонаи ӯ, аз таъзиму суҷуди орифонааш ба мақоми зан-модар, ки офаридгори зиндагӣ ва худи миллат аст, чен хоҳанд кард...

ⵊ ⵊ ⵊ

Миллате, ки ба зан-модар, ба зиндагибахшандаи худ эътиқоду эҳтиром надорад, миллат на, тӯдаи авбош аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Таърих алмоси гаронбаҳоест дар нигини ангуштарини вақт!

ⵊ ⵊ ⵊ

Ҳукумат, зинҳор мамлакат нест.
Мамлакат низ ҳанӯз Ватан нест.
Ватан дин аст!
Ватан имон аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ДАР САРИ КӮЗАҲОИ ШИКАСТА.*** Занҳои танҳо дар косаи сари кӯзаҳои шикаста гул мекоранду мегирянд, мегирянду гул мекоранд... Мардони танҳо дар хумҳои қурнадидаи пур аз шароби арзон худрову гулчинони

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

танҳоро бераҳмона ғарқ мекунанд.

♊ ♊ ♊

Андеша пирӣ надорад! Дар сурате, ки андеша пир намешавад, аҳли андеша низ набояд пир шаванд!

♊ ♊ ♊

***РАНГИ ҲАСРАТ***. “Мӯй аз дил об мехӯрад, ”мегӯянд тоҷикон. Ҳақиқати ин андарзро” фоҷиаи тоҷик” исбот кард. Сари миллат сафед шудааст!

♊ ♊ ♊

***СИПОСИ АЙНАКӢ***. Аз созандагони айнакҳои сиёҳ миннатдорам. Айнакҳои сиёҳ як уқёнус ашки маро аз нигоҳи сарду айбҷӯи одамон дӯстона пинҳон кардаанд!

♊ ♊ ♊

***ОЙИНАДОРИ СУРАТУ СИРАТИ МИЛЛАТ***. Эпоси “Манас” акси олӣ, ягона ва ҷовидонаест, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо миллати қирғиз аз симои худ офаридааст! Яке аз сифатҳои ҷолиб ва фарққунандаи ин шоҳасари офаридаи халқ, дар зинда будани симои худи халқ аст.

♊ ♊ ♊

***АЗ РОҲИ НУРИ НУР***. Олами рӯҳонии худро, табиати рӯҳро танҳо тавассути чашми севвум метавон дид ва тамошо кард. Бо ҳамон чашми севвуме, ки баъди пӯшидани чашмони басар боз мешавад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

  

***БЕФАСЛИИ ФАСЛИ МЕҲР.*** Модар барои фарзандони худ ҳеч гоҳ пир нахоҳад шуд! Пирамарди ҳафтодсола низ барои модари навадсолаи худ кӯдак аст!

  

***ШИКАСТУ РЕХТИ РӮҲИЯИ БЕРӮҲӢ.*** Вақте яке ба дигаре бешармона дар меафтад, вақте зӯрманде нотавонеро бераҳмона зари по мекунад, вақте хуни гарми инсоне аз теғи инсоне ба хоки сарди бераҳмӣ мерезад, ба назарам ҷони нафиси ҳастӣ ба фиғон омада, ойинаи нафиси табиат харош хӯрда, гавҳари нозуки чашми зиндагӣ кӯр мешавад...

  

***ҚАНДИЛИ ЗАМИРБИН.*** Одамон аз он чароғро кашф кардаанд, ки дарун андаруни зулматро, рагу пайванди тирагиро дида тавонанд! Қандили дигаре низ кашф бояд кард, қандили замири инсонҳоро рӯшанкунандаву нишон диҳанда!

  

Баъди чиҳилсолагӣ бадтарин душмани зан ойина аст!

  

Ду занро метавон зеботарин ва бегуноҳтарин дарёфт;Зани обистанро ва зани ошиқро!

  

Зан пайкараи умеди сабр - сабри умед аст!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

◻ ◻ ◻

Як умр интизорам, интизори оне, ки нарафта аст, то ки бар гардад...

◻ ◻ ◻

***МЕРОСИ ҶИҲОЗИ ТАҶРУБА.*** Андарзу ҳикматҳо, мақолу масалҳо таҷрубаи андухтаи зиндагӣ, фарҳангӣ ва адабӣ, балки шарҳу изоҳи сарнавишти миллатҳоянд, ки дар тули қарнҳо аз наслҳо ба наслҳо мерос мондаанд.

◻ ◻ ◻

***ЧАШМА ВА МУРДОБ.*** Одамони беҳунар мисли мурдобанд, – на ташнагии ташнаеро мешикананд, на ҳиммати шодоб кардани боғеву киштзореро доранд...

◻ ◻ ◻

Одамони соҳибистеъдод мисли чашмаанд; Як ҷо пеши роҳашонро бубанданд, ҷои дигарро шикофта, барои худ роҳ хоҳанд кушод.

◻ ◻ ◻

Сухани ишқ китобист!

◻ ◻ ◻

***СУОЛ АНДАР СУОЛ.*** “Аз куҷоям? То куҷоям?” Шояд одамизод барои ба ҳамин ду суоли ҷовидона беҷавоб ҷавоб ҷустану ҷавоб ёфтан ба дунё меояд, аммо бо иловаи ҳазорон суолҳои печидаву беҷавоб дари дидагонашро хаста ба рӯи олам мебандад...

◻ ◻ ◻

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***БЕКАРОНИИ ДУНЁИ ЧАҲОРЧУБА.*** То Умари Хайём дар адабиёти форсу тоҷик шуарои зиёде рӯбоӣ гуфтаанд, аммо ҳакими нишобурӣ рубоиро ҷоҳу мақому мартабаи оличаноб бахшид. Нававарии шоир дар шаклу вазну қофия набуда, балки дар гунҷоиши нагунҷидании маъниву мантиқи ҳастиву нестӣ дар қолаби чаҳор мисраъ шеър аст, ки то ӯ мислаш дар адабиёт вуҷуд надошт. Хайём бо фазилати хирад ва иъҷози ҳунар фалсафаи ҷовидонаи зиндагиву маргро дар чаҳор сатр чунон шоиронаву соҳирона гунҷонда аст, ки дар тӯли нуҳ қарн на танҳо як мисраъ ё як калима, балки як ҳарф имкони аз ҷой ҷунбидан надорад...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ДАР ҶУСТУҶӮИ ХУД.*** Гоҳе чунон саркӯфтаву парешонҳоли буду набуди зиндагӣ мешавам, ки андаруни як хона худро гум карда, мекобаму мекобам, аммо намеёбам.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ВАРАҚҲОИ САФЕДИ КИТОБИ ХОНДАШУДА.*** Мардон дар занон пеш аз ҳама ҳусни ноз ва розу асрори ишонро дӯст медоранд. Зани холӣ аз зебоии ноз, зани барӣ аз розу асрор китоби хондашудаеро мемонад, ки бори дигар ба даст гирифтаву варақ гардонданаш хоҳишу ҳаваси ҳавсаларо мехоҳад...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ОВОИ ХАСТАГӢ.*** Борҳо садои дари ҳуҷраи ғурбатамро аз паси худ хаста пӯшида рафтани зиндагиро шунидаам. Басо дар ҷустуҷӯи худ аз по афтодаам то ки оқибат худро дар зери пои худ пайдо бикунам...

⌶ ⌶ ⌶

***НАСИБАИ БЕНАСИБ.*** Дар як умри кӯтоҳ, дур аз ёру диёр дар чашми худ ҳазор бор мурдану зинда шудан, ҳазор бор худро зинда ба зинда дар хонаи сарди чашмони худ гӯр кардан насиби ҳич кас мабод!

⌶ ⌶ ⌶

***КАФИ ПОИ ВАҚТ.*** "Вақти ман чун бахти ман умре кам аст!"- барои ман шиор на, ҳақиқатест баҳснопазир. Гоҳе иҳсос мекунам, ки вақт бо кафи дастони сардаш ба бари рӯям шапотие зада, бо китфонаш маро такон дода, барои худ роҳ мекушояд ва аз наздам шитобон гузашта меравад. Вақти ман аз ман чунон тунд фирор мекунад, ки ҳангоми гурехтанаш кафи пояшро мебинам. Кафи пои вақт мисли оҳ сард, мисли барф сафед аст!

⌶ ⌶ ⌶

***ДАРД ТАҲҚИР АСТ!*** Ҳеч гуна дардро, ҳеч гуна таъзиқро тоқати сабру таҳаммул надорам; на дарди ҷисмониро, на дарди рӯҳиро! Ҳар гуна дард, таҳқир аст, таҳқири имкони табиату қудрати одамизод!.. Аммо аз ҳама дардҳое, ки ночор таҳаммул кардаам, дарди дардон, – дарди гиряи беовозам буд, дар шонаи сарду оҳанини курсии шикастае; гиряи сӯзону дудолуди чашмони хушк, гиряи бечорагиву дармони хушк, гиряи мушти кӯргиреҳи исёни хушк дар мотами ишқу умеду орзуҳои тармарг, ҳангоми бо ҳавопаймои ҳарбии хориҷӣ "ватани майдаи мардони калон"-ро ночор тарк карданам.

⌶ ⌶ ⌶

Нуқтаи охири ҳама сафарҳову ҳама мусофирон мазористон аст!

⌶ ⌶ ⌶

***ҚУЛЛАИ ҚУЛЛА.*** Агар шайх Аттори нишобурӣ асосгузору равонбахшандаи ҷараёни тасаввуф бошад, Мавлоно Ҷалолиддин Румӣ кашшофи нуқтаи кайҳони он аст. Агар шайхи нишобурӣ ба сӯфиён аз хок роҳи афлокро намуда бошад, Муллои Рум ин қавми сарсону саргардонро, ки ба гардун рафта роҳи бозгаштро ба нуқтаи асл меҷустанду намеёфтанд, ба замин фаровард:

Онон ки талабгори худоед, – худоед!
Берун зи шумо нест! – шумоед, – шумоед!
Чизе, ки накардед гум аз баҳри чӣ ҷӯед,
В-андар талаби гум шуда аз баҳри чароед?!

⌶ ⌶ ⌶

***ХУДО Ё БА ХУД О?!*** Гоҳе бидуни ихтиёр сари андешае қарор мегирам, ки дар забони ҷовидонаи миллати ман калимаҳои “худ”, “худо” ва “ба худ омадан” ҳама дорои як маънянд...

⌶ ⌶ ⌶

***“ХУДОРО БО АҚЛ ШИНОХТААНД...”*** васият кардаанд орифон! Бидуни шак, оне ки худро мешиносад, бо камоли ақлу хирад худоро низ метавонад шинохт.

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***БЕ ҲАМА, БО ХУД.***
Пурсӣ, ки кистам,
Пурсӣ, ки бо киям? –
Бо хору хас, наям,
Мурғи қафас наям,
З-оне, ки бо худам,
Бо ҳич кас наям!

⌶ ⌶ ⌶

Гоҳе он қадар ҳеч чизро намедонам, ки бемантиқии ҳама чиз бароям монанди рӯз рӯшан мегардад.

⌶ ⌶ ⌶

***АЗ ВАТАН, ТО ВАТАН!*** Инсон ду Ватан дорад; Гаҳвора ва гӯр! Ватане, ки мо дӯст медорему мепарастем, корвонсароест барои истироҳату заҳмати муваққатии мусофирони аз Ватан бар Ватан раҳсупор!

⌶ ⌶ ⌶

***ВАТАНДОРИИ БЕВАТАН, БЕВАТАНИИ ВАТАНДОР!*** Дар Ватан будан, зинҳор маънии бо Ватан буданро надорад. Басо мусофирону муҳоҷирони овораву сарсон маҳз дур аз Ватан, ватандору соҳибватани мутлақ будаанд. Шоир Мастони Шералӣ олӣ гуфтааст;
“Бе ватан нест, ғарибе, ки кунад ёди Ватан,
Дар Ватан будаи бе ёди Ватан, бе ватан аст!..”

⌶ ⌶ ⌶

***ШИТОБ СӮИ ҚАРОР.*** Ғариб ҳамеша, дар ҳама ҷо саросема аст. Ғариб дар хоб низ шитоб дорад: Шитоб сӯи

дидори ёр, шитоб сӯи диёр, шитоб сӯи қарор!..

⌶ ⌶ ⌶

***БЕ ХУД БУДАН, БО ХУД БУДАН.*** Бе Ватан будан, бе худ будан, бо Ватан будан, бо худ будан аст! Онҳое, ки аз Ватан мегурезанд, аз худ мегурезанд, онҳое, ки сӯи Ватан мешитобанд, сӯи худ мешитобанд...

⌶ ⌶ ⌶

Дар зулмати шаб шир низ сиёҳ метобад.

⌶ ⌶ ⌶

***БЕҲОЛОНИ ҲОЛАТИ ҲОЛ.*** “Фоҷиаи тоҷик” дар оянда бешубҳа Софоклҳо, Фирдавсиҳо, Шейкспирҳои худро хоҳад офарид. Шоҳидони ночору бечораи ин даҳшати чашмнодидаву гӯшнашунидаи охири қарни бистум ба шарҳу изоҳи он, ба тасвиру таҳлили он қудрат надоранд!

⌶ ⌶ ⌶

***САЛОБАТ Ё ҲАЛОКАТ.*** Ҳар як тазоҳурот, ҳар як инқилобу исён таркиши ногузирест, ки аз тангнафасӣ, аз бадбахтӣ, аз бечорагиву ноилоҷиву ночории инсонҳо сар мезананд, то оқибат парвардагону саркардагону раҳкушоёну раҳнамоёни худро ба салобат ё ҳалокат бирасонанд.

⌶ ⌶ ⌶

Мардум дар тазоҳуротҳои бузург, аз паси шахсони алоҳида на, аз паи овои орзуву хоҳишу ормонҳои худ мераванд то ба ҳалокат бирасанд.

⌶ ⌶ ⌶

***ДАР ОТАШИ ХУДСӮЗӢ***. Дар фоҷиаи ҳастисӯзи мо, дар оташи ҷанги нанговари шаҳрвандии тоҷикон ҳар кас ба тариқи худ, ба қиммати худ, чени худу қисмати худ сӯхт;
Гум кардаи ҳар кас аст бар ҳиммати ӯ,
Ман хештан аз ишқи Ватан гум кардам!

⌶ ⌶ ⌶

Боиси ҳама бадбахтиҳои одамизод нафс аст!

⌶ ⌶ ⌶

Доротарин одамони олам дарвешонанд. Ба ҷуз асову качкул, худро низ доранд!

⌶ ⌶ ⌶

***МАЗҲАБИ КАСОНУ ХАСОН.*** Дар олам дар қатори ҳизбу мазҳабҳои бешумор, ду мазҳаби дигар низ созмон бояд дод; Мазҳаби некиву бадиро! То оламу одам оқибат бидонад; некон чӣ касонанду бадон чӣ хасон!..

⌶ ⌶ ⌶

Барои бадон некӣ бадист!

⌶ ⌶ ⌶

Панҷараҳои долонамро шишабандӣ кардам. Роҳ байни ману зиндагӣ, роҳ байни ману дунё тӯлонӣ шуд!

⌶ ⌶ ⌶

***СУЛТОН МАҲМУД ВА НЕРОН, Ё ХУД, “АГАР МО-***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ДАРИ ШОҲ БОНУ БУДӢ!”*** Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шоир набуд! Нозим ҳам набуд, аммо шеър мегуфт... Дар дарбораш маҳфили овозадори шоирона дошт. Дар қаламравии салтанаташ ҳама бо шеър сухан мегуфтанд. Ҳама шоирон мутеъи амру фармонаш буданд: Ҷуз ҳамон яке, ки дар ягонагӣ ҳама буд! Ҳамон яке, ки чун устухон дар гулӯи Султони шӯҳрахоҳ дармонда, рӯзи рӯшанро барояш ба шоми сиёҳ табдил дода... Шоҳ сода набуд! Шоҳе, ки чун ҳама пешравони худ бо макру риё ва қудрати силоҳ тахтнишину фармонфармои як мулки бесарубар буд, хуб медонист, ки умри ҳар гуна салтанат дар зери гардун бештар аз умри бод набуда, умри инсонӣ аз он ҳам камтар аст! Ӯ хуб медонист, ки раъият низ дар ҳеч кадом давру замон, то ӯ ва баъдаш зинҳор ба шоҳ меҳру самимият надорад, ӯро дӯст намедорад. Тарсу ҳарос, ночорӣ, бечорагиву дармондагӣ, одамонро маҷбур месозад, то ҳаддеву то ҷое, то расидани фурсати муносиби ниқорситонӣ, саркардаи худро ғуломона бипарастанд... Магар то расидан ба ин ҷоҳу ҷалоли аз дигаре рабуда, ӯ низ яке аз бандагони фақиру погаҳнишин набуд?! Магар ӯ низ баъди ба тахту тоҷ расидан аз ҳафт пушти худ мункир нашуд? Магар ӯ ба сояи танаш имрӯз метавонад аз зоду бунёду асли худ, аз шуғли волидайни худ қисса кунад? Шоҳ хуб медонист, ки зери ҳар қадаме, ки мегузорад, дижест, тахтест, тоҷест, гӯри хусравони каёнест, ба хок яксон... Танҳо сухан, сухани чун зари холис холис ҷовидона хоҳад монд! Танҳо китоб маҳвнашаванда аст! Танҳо шеър монданист!Танҳо каломи мавзун аз забон ба забонҳо гузашта, аз насл ба насл ёдгорӣ хоҳад монд! Султони Ғазна умри ҷовидона мехост. Бечораи суханро шӯҳрату овозаи шоирони форс, беш аз ҳама он яке ором намегузошт. Шоҳаншоҳ аз ҳама чиз, аз фирдавси заминӣ, аз нозу адои фариштаҳои хокӣ илҳому истеъдоди худонадодаро талабгор буд. Ӯ дар оташи ҳасад чун мӯй месӯхту мевиреҷид!.. Барои як сатри ҷовидона омода буд, мулку раияташро қурбон кунад. “Ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

зар!” – абадиятро хоҳон буд... Шояд дар чунин лаҳзаҳои ҷонрабои ҳасудӣ ба истеъдоди худододу табъи модарзоди Фирдавсӣ Султони шӯҳраталаб Таърихи Руми қадимро варақ зада хушнудона нафаси сабук кашид! Чӣ бахте! Дар дунё бо рашку ҳасаду нотавонии беҳунарӣ ӯ танҳо набудаст! Ҳазорон сод пеш аз ӯ ва салтанаташ дар дунё шоҳе гузаштааст бо номи Нерон. Дар рашку ҳасаду хунхориву ноқисулақлӣ яктои хусравони мозӣ! Нерон ҳам шеър мегуфтааст! Ӯ низ беҳунару ҳасуд будааст. Нерон ҳам беҳтарин шоирони давронро дар даргоҳаш гирд оварда, нону об дода “ мувофиқи хоҳишу табъи худ” кор фармудааст! Нерон низ “беадолати” – и қисматро нисбати худ набахшида, барои дар таърих ҷовидона мондани номи худ зеботарин ва бузургтарин шаҳри олам, Румро оташ зада аст... Ба ин амал ҳам оташи дилаш сард нашуда, устоди худ файласуф Сенекаро қатл карда аст... Нак-нак Султон намунаи барҷастаи таърихиро дорост: Нерон Сенекаро дошт, ӯ Фирдавсиро дорад. Сенека устоди Нерон буд, Фирдавсӣ рақиби иззату савлати Султон аст. Шоҳ оқибат роҳи корро ёфт! Ӯ Фирдавсиро ба захмати тоқатфарсои сухан маҳкум кард. Ба шоир зинда кардани корномаи шоҳонро, яъне худро, навиштани “Шоҳномаро” фармуд. Аз ин китоб шоҳ умеди хоса дошт. Мехост тавассути “Шоҳнома” номи худро дар таърихи ҷаҳондорон ҷовидон бисозад. Аз тарафи дигар шоирро ба чунин захмати тоқатфарсо ҳукум карда, боварӣ дошт, ки миёни қудраташро хоҳад шикаст. Аммо баракс шуд. Си сола ранҷи шоир барабас нарафт... Фирдавӣ аз сухан кохи абадиятро бино кард;

Барафроштам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд!..

Си сол Султон Маҳмуд, кишваррабоӣ кард, си сол Фирдавсӣ дар сухан кишваркушоӣ. Си сол Султон бо айшу ишрат машғул буд, си сол шоир бо ранҷи ҷонкоҳ ба суфтани алмоси сухан... Агар “Шоҳнома”дар давоми си

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сол на, дар се сад сол навишта мешуд, Султон Маҳмуд се сад сол умр медид... "Шоҳнома" оғозу анҷоми умри шоҳи шӯҳратхоҳу шӯҳратталаб буд. Барои шоир "Шоҳнома" умри абадиро ато кард!.. Оқибат паёми ба анҷом расидани сохтмони "Кохи бегазанди сухан" – ро ба шаҳаншоҳ расонданд, аммо дили сиёҳи Султони Ғазна аз ин пайғоми рӯшаноӣ шод нашуд, балки ӯ дар анҷоми ин шоҳасар марги худро дарёфт! Шоҳ бори охир шоири бузургро ба вартаи таҳқир кашиданӣ шуда, дар шоҳидии як мулк ваъдахилофӣ кард. Ба ҷои шоҳона қадр кардани "Шоҳнома", ҳиммати гадоёна зоҳир кард. Ба ҷои симу зари ваъдагӣ заҳмати си солаи шоири нобиғаро бо як мӯшт пайсаи мисин қадр намуд... Беҳимматӣ, беҳурматӣ ва таҳқири шоҳ нисбати заҳмати си солааш шоири пирро аз пой афканд. Шоир тиру камон надошт, аммо силоҳе, ки қисмат ба ӯ ато карда буд, аз шамшер бурранда, аз тир нишонрас буд! Фирдавсӣ боз қалам ба даст гирифт ва ба шоҳасари безаволи худ пораи дигар "Дар ҳаҷви Султон Маҳмуд" – ро илова кард... Шоир бори аввал бо овози баланд аз хоки пасти шаҳаншоҳи беҳиммату ҳасуд ёд кард;

Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Ба сар барниҳодӣ маро симу зар.
Агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ!
Яқинам, ки шоҳ нонвойзода аст,
Баҳои лаби нон ба ман дода аст...

Ин ҳукмномаи таърихӣ ҳар ду бари рӯи шоҳи ҳасуди шухрахоҳро то абад сиёҳ кард. Номи Султон Маҳмуд воқеан, чунон ки мехост, дар торихи башар ҷовидона монд, аммо ҳамчун султони ҷоҳил, ҳасуд, пастхок ва таҳқиркунандаи шоири нобиға, ҳаким Фирдавсии Тусӣ.

Дар омади гап бояд гуфт, ки Султон Маҳмуд шоиронро намекушт, ӯ шоиронро таҳқир мекард, ки дар асл ҳар ду як чизанд!..

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❖ ❖ ❖

***САНГАРИ ТАМОШО.*** Аз мутолиаи ашъори Умари Хайёми нишобурӣ гоҳе чунин ба назар мерасад, ки ӯ дар дами фориғ аз ҳандасаву риёзиёт, ки пешаи аслии олим будаанд, Зиндагиву Маргро ба ҳам ҷанг андохта, худ дар гӯшае танҳо нишаста, афту дарафт ва задухӯрди ҳастиву нестиро гирёну хандон тамошо мекунад!

❖ ❖ ❖

Дар биёбон хори янтоқ низ гул аст, гули ноз!

❖ ❖ ❖

***БЕГОНАИ ХУД.*** Зоҳирам он қадар азмурдаоби таманнои ҳавас саршор аст, ки барои дидану дарёфтан, шунидан ва шинохтани чашмасори гиряҳои ботинам на вақт дорам, на хоҳиш, на сабру тоқат!..

❖ ❖ ❖

***НОМАИ БУДАНУ НАБУДАН***. Одам барои дидан, озмудан, тамошо кардан, шинохтан ва дарёфтану дӯстдоштани худ, барои кашф кардани асрори бешумори худ, барои боз кардани дарҳои дарун андар даруни розҳои худ бо роҳхати қаламкаши беназири азал азми сафари олам мекунад. Роҳхати ҳар кас, номаи қисмати ҳар фард дорои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

рӯзу соату дақиқаву сонияи муайяни будану набудан аст: Яке се рӯз, дигаре сӣ сол, севвумин ним қарн, чаҳорумин сад соли расо хоҳанд буд,- яъне набуд!..

ꙵ ꙵ ꙵ

Дар ҳалқ чӣ дорад ин ҳавокаш?
Бӯи ғами хандаҳои оташ!

ꙵ ꙵ ꙵ

Рӯдбори чиркин садои чиркин дорад!

ꙵ ꙵ ꙵ

Гули ёс накҳати нафаси фаришта аст!

ꙵ ꙵ ꙵ

***ҚУФЛЕСТ БЕ КАЛИД! Файласуфону адибони ҳама давру замон*** аз сеҳру фиребоии чашму абрӯву мижгон, аз ҳусну назокати лабҳову бағ-бағҳову рухсораҳо, аз қомати сарвнамову талъати лолои бонувон асарҳои бешумор ба ёдгор мондаанд, аммо аз асрори хирад ва мӯъҷизаи офаридгории зан, ки ободгару харобгари одаму олам аст, аҷиб аст, ки қариб чизе нагуфтаанд.

ꙵ ꙵ ꙵ

Одамизод дар омӯзиши сирати худ, ба ҷуз тамошои сурати худ дар ойина коре накардааст...

ꙵ ꙵ ꙵ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***НОЗИ НОЗАНИНИ БАЛОҒАТ.*** Лолае, ки ба ҳусни худнамоӣ ва балоғати шукуфоӣ нарасида аст, гиёҳест бекора, беранг, бенамуд, беном, бенишон, маҳруми бӯсаи боду рақси шоди шохпаракҳо...

ꟷ ꟷ ꟷ

Суратгарон (наққошон)дар сурати маҳбуба, симои ишқи худро меофаранд, симои эҳсоси худро наққошӣ мекунанд.

ꟷ ꟷ ꟷ

***ҚИММАТИ ШИТОБ.*** Кам будани вақт, набудани вақт, дар авҷи шитоб, дар ҳароси аз даст рафтани лаҳза, қиммати дамро афзуда, умри вақтро бештар месозад.

ꟷ ꟷ ꟷ

***СИЁҲИИ ЗУЛМАТ АЗ ЧАШМИ РАВЗАНА.***
Рӯшанфикрон дар ҳама давру замон қандили фурӯзони ҷодаи худшиносии миллату ватани худанд. Дар шӯълаи худсӯзиву худафрӯзӣ ва рӯшаноии нури хиради ишон метавон дарёфт, ки шаб чӣ қадар сиёҳ асту сояи зулмат чӣ гуна ғафсу анбӯҳ...

ꟷ ꟷ ꟷ

***ТОБУТУ ГОҲВОРА.*** Хабар омад, ки он яке низ мурд. Худой биёмурзадаш! Боз як бозигари шитобзадаи намоишномаи фоҷиаи хандаовари маргу ҳаёт, дар саҳнаи лағжони зиндагӣ нақши худро бозида- набозида саросема саҳнаро тарк кард... Барои як ҷони заҳматкашида талоши бемантиқи гирудори зиндагӣ оқибат поён ёфт. Инсоне аз гоҳвора ба тобӯт рафт. Фарзанди кайҳонии хок ба манзили

азалии худ, ба хонаи хок баргашт... Як ахгари ноаёне зери хокистари ишқи сӯхта хомӯш шуд. Боз қандилҳои гаронбаҳои арше ба қолиҳои хушрангу хушгулу чангзадаи фарши қасри сарду холиву бесоҳибе дар сукути фоҷиа гиряи зарҳалӣ меафшонанд...

⌶ ⌶ ⌶

***ҶИНСИ ҲАМОН ЯК НАФАРРО МЕХОҲАМ БИДОНАМ!*** Одам баъди нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соату нуҳ дақиқаву нуҳ сония, бидуни ихтиёр ба дунёи нозанини шодмониву андӯҳ фиғонкунон арзи будан мекунад. Ҳамчунон дар вақту соату дақиқаву сонияи муайян, ҳамчунон бидуни хоҳишу ихтиёр дунёи дӯстдоштаниро падруд мегӯяд. Мегӯянд, ки гӯё ҳар рӯз як милюн одам, оламро тарк намуда, як милюну як нафар ба дунё меояд. Маҳз ҳамин як нафар, чароғдори ҳаёт буда, дар олам зиндагиро зинда медорад. Маҳз тавасути ҳамин як нафар тухми одамизод нест намешавад, маҳз аз ҳисоби ҳамини як нафар шумораи одамӣ меафзояд... Дар ин ҳама мӯъҷиза мӯъҷизаи мӯъҷизаҳо ниҳон аст; мӯъҷизаи дақиқии вақту рӯзу соату дақиқаву сония ва ҳамон як нафаре, ки зиндагиро дар зиндагӣ ҳизф мекунад. Ҷинси ҳамон як нафарро мехоҳам бидонам!..

⌶ ⌶ ⌶

***ВАҚТУ СОАТИ АБАДИЯТ.*** “Вақту соату рӯзаш буд шуд, бечораи худо бо рӯзи кӣ зиндагӣ мекард?”, тасаллӣ медиҳанд, ақрабонро, ёру ёварон дар мотам. Воқеан барои азодорон тасаллие беҳтару гӯётар аз ин пайдо кардан мушкил аст. Гирем, ки ҳар инсон бо сарнавишту қисмати хосаи худ ба дунё арзи вуҷуд мекунад, аммо нависандаи дақиққаламии ин сарнавишт кист? Камоли ҳунари тарҳрези барномаи маргу зиндагии ҳар як одам ҳайратангез аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хоҳиши дарк кардани тартибу интизоми беҳамтои "пешвозу гусел"-и ҳар як Ояндаву Раванда, раҳнамоии оқилонаи қаламкашон, барномарезону фариштагони муҳофиз низ ақлро пакар мекунад...

ⵊ ⵊ ⵊ

***АЗ ЗАРРА ТО КОИНОТ.*** Ҳақиқати кул дар олами хокӣ вуҷуд надорад. Вагар вуҷуд дошта бошад, ин ҳақиқат танҳо худи худост! Худованде, ки дар иҷоду иъҷозаш, дар кули офаридаҳояш аз арш то фарш, аз зарра то коинот чизе беҳудаву нокомилу ноқис нест!

ⵊ ⵊ ⵊ

***"САР БИКАФАД, ЗЕРИ ТОҚӢ!"*** Як умр андарзу ҳикмат, мақолу масал гирд меорам. Дар дафтари хотира намунаи ҳикмати чаҳоряки ҷаҳонро ҷамъ овардаам, аммо аз мақоли дар боло арз шуда хушам намеояд. Ин нохуширо сабабест нохуштар: Худ низ зери тоқии нангу номӯс ҳазор сари кафида ниҳон дорам!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ЛОЛАИ АСРОР, АСРОРИ ЛОЛА.*** Бо ҳама урёнии рангу намуд гули лола асроре дар худ ниҳон дорад, ки онро аз дигар гулҳо бологузару воломақом кардааст. Лола бояд мадюни шоирони шарқ бошад. Маҳз шоирон ба тани лайси ин гиёҳи урён хилъати асрор пӯшондаанд.

ⵊ ⵊ ⵊ

Пирон роҳи ибодатхонаро меҷӯянд,
Ҷавонон роҳи гулгашту чаманро.
Дар ҷавонӣ одамон шеър мегӯянд, дар пирӣ андарз!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

  

Барои пирон дар олам пирон бештаранд. Барои ҷавонон бошад ҷаҳон ҷавонхонаи ишқу тараб аст.

  

***ҒАЛАБАИ ҒУБОРИ ГАРД.*** То даме худро дар коинот аз гарди ғубор, аз зарраи зарра бештар меҳисобидам, то даме бар дӯши ғурур бори аз худ сангинтару миёншиканеро мекашидам, то даме вазни бори дӯши мӯри заҳматкашро дар сутунмӯҳраи худ иҳсос намекардам..., зиндагиям сангари муҳорибаву муборизаҳои бесамару аблаҳона буд... Вақте ки тундбоди ҳаводис аз ғубори гард кӯчактар буданамро исбот кард, вақте ки зери амри хомӯшона, аммо омиронаи ин кашфи деркарда, бо дастони ларзон, аммо бо хотири ҷамъу рӯҳи болида имзо гузошта, дар умри боқӣ худро мағлуби тамаъу ҳавасҳои худ донистам, зиндагиям осон, масъалаҳои рӯзгорам камтар, мантиқи бемантиқии ҳастиям рӯшантар шуд...

  

Кам хостан беш доштан аст!

  

Аксар фарсудагиву бадбахтиву гирифтории инсон аз ғурури нозаруру аблаҳонаи ӯст.

  

Аз зиндагӣ кам хостан, кам доштан олитарин сарват аст!

⌶ ⌶ ⌶

***ҶИЛВАИ РАНГҲО АЗ НИГОҲИ ҲОЛАТИ ҲОЛ.*** Дар табиат ҳар фасл моҳи зебои худ, ранги хосу фарқкунандаи худро дорад. Дидани ранги хоси моҳҳо, муайян кардани онҳо ба ҳолати ҳол, ба кайфияти рӯҳ ва ойинаи чашмҳо вобаста аст. Ошиқон бештар рангҳои шодро мебинанд! Ман ранги гарми бунафши фарвардинро дар озармоҳи сафеду сард пазмон мешавам.

⌶ ⌶ ⌶

***ҶАНГУ СУЛҲИ РАНГҲО ДАР РАЗМГОҲИ ЗИШТИВУ ЗЕБОӢ.*** Рангҳо соҳиби фалсафаи наомухтаву табиати аҷибанд; Ба ҳам сохтани рангҳои гуногун мусиқии зиндагибахшу диданиеро дар табиат иҷод мекунад. Рангҳо мисли инсонҳо якдигаро пурра мекунанд, боиси маргу зиндагии якдигар мегарданд.

Рангҳо низ модар доранд, ҳарчанд падарашонро намешиносанд. Ранги сафед (спектр) модари ҳама рангҳост, модари ранги сиёҳ низ! Рангҳо низ дар байни худ қотил доранд;ранги сиёҳ! Ранги сиёҳ зодгори худ ва кули рангҳои дигаррро дар худ бераҳмона маҳв месозад.

⌶ ⌶ ⌶

***НОМАИ ДОВАРИ ХУДБОВАР.*** Таърих устоди сахтгири донишгоҳи вақт, шоҳиди беғарази ҳаводис, ва довари худбовари қарнҳост. Таърихро харидаву фурӯхта намешавад. Таърих ошиқи бовафои мозист, ки номаашро ба номи оянда ҳамагӣ дар як нусха иҷод мекунад. Номаи таърихро мувофиқи майлу хоҳишу ғараз таҳрир кардан ғайри имкон аст. Баъзе сиёсатмадорон ва салтанатхоҳони хирасару тираақл ба чунин амали зишт даст зада, аз тарафи худи таърих ба шармандагии ҷовидона маҳкум шуданд!

⌶ ⌶ ⌶

***РОҲИ ТӮЛОНИИ ЯК НАФАС.*** “Аз нафрат то муҳаббат як нафас роҳ аст”, – мегӯянд аҳли таҷруба, аммо байни бад дидану дӯст доштан аз рӯи инсоф фосила бояд гузошт. Дӯст доштан вақт мехоҳад, бад дидан қувват!

ＩＩＩ

***ФАРҲАНГИ ИФТИХОР***. Ифтихори миллӣ бояд аз масъулияти созандагии миллии ҳар як шаҳрванд, хоса рӯшанфикрони миллат сарчашма гирад.

ＩＩＩ

Ифтихори миллиро аз миллатгароӣ фарқ бояд кард ва онро аз ин марази қотил ба масофаи як дунё дур нигоҳ дошт!

ＩＩＩ

***ОҲИ САРД.*** Байни маргу зиндагӣ агар ба қадри як оҳ роҳ бошад, байни мурдаву зинда ин масофа аз он ҳам кӯтоҳтар аст; Зиндаҳо аз мурдаҳо мурданивор метарсанд!

ＩＩＩ

Дар ҳолати ҷанг, на танҳо одамон, балки набототу ҳайвонот, сангу хок, кӯҳу рӯдхона... ҳама сарбозанду қурбонӣ.

ＩＩＩ

***БОЛОВУ ПОЁН.*** Забардастон афтодагону ҳақиронро дӯст медоранд, зеро маҳз дар ойинаи нотавонии чашми онон

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

салобату ҳашамати худро мебинанд, мебинанду лаззат мебаранд.

ΞΞΞ

***САНГИ ҲАҚОРАТИ ҲАҚИРОН.*** Мардуми ҳақиру бечора ҳарчанд даст рӯи дил шабу рӯз, омодаи хидмати зӯрмандону дороёнанд, дар асл ба ин тоифа аз таҳи дил нафрат доранд. Барои дар мавриди мувофиқ саркӯб кардани ишон ҳамеша санги аҷал дар бағал мегарданд. Аксари ҳокимону подшоҳон аз дасти канизону ғуломону хизматгорони "бовафо" – и худ сарнагун шудаанд.

ΞΞΞ

***НАЗМИ ҲАСТИИ ЯК ҲАСТ.*** Чунон ки нафас мегирам, ҳамон сон зиндагӣ мекунам! Чунон ки зиндагӣ мекунам, ҳамон сон нафас мекашам!

ΞΞΞ

Зиндагӣ дар қиёс бо марг беадолату беинсоф аст; Марг одамонро зинҳор ба шоҳу гадо ҷудо намекунад...

ΞΞΞ

Мазҳаби ҳама танҳоёни олам, танҳоист.

ΞΞΞ

Ҳақиқатро надида гирифтан, дурӯғро иззат кардан аст!

ΞΞΞ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Одамро аввал садояш (овозаш) бемор мешавад, баъд худаш. Аз садои одам, худи ӯро надида, бемориву дардмандияшро метавон дарк кард.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Аз одамоне, ки дар мотаму фоҷиа назди мардум аз гиристан шарм медоранд, бояд тарсид!

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Ашк мисли чашма аст, пеши роҳи онро доштан имкон надорад.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***ГИРЯИ ХАНДА, ХАНДАИ ГИРЯ.*** Аз лаҳзаҳои ҷонкоҳе, ки аз ночорӣ лабонам механдиданду дилам мегирист ва чашмонам фиғон мекарданд, лаҳзаи хандаоваре дар хотирам сахт нақш бастааст; Як зани ҳасудаки қурбоқанамоне бо нигоҳ аз дӯхти пироҳани ман нусха мебардошт...

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***МАЪЗАРАТ, ҶАВОНМАРДӢ!*** Ба ҷои он чанд нафар силоҳдоре, ки даррро шикаста, барои қатли шоир аз даричаи ҳаммом ворид шуда буданд, аз мардӣ, мардонагӣ ва ҷавонмардӣ, ки сифатҳои олии инсониянд, занона шарм доштам. Барои бечорагиву нотавонии хирад дар муқобили ҷаҳолат, пешаи худро бад дидам...

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Одамон аз марг дида, бештар аз асрори он меҳаросанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***БЕМАЗҲАБИИ ҲАРОС***. Мардуми мазҳабӣ, маргро сӯфиёна иҳтиром мекунанд. Ишон фариштаи аҷалро бо тамкину сабри хоса пазируфта, марги худро ҳамчун қисмат, ҳамчун ҷоизаи азал сазовор истиқбол мегиранд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Одами бехудо ҳар рӯз сад бор мемирад!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Вақте ки қотилон дари хонаамро мешикастанд, ҳеч кас дар сайёра мисли ман ба худо наздик набуд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ВАРТАИ БАРДАГОН***. Кӯр-кӯрона аз паи дигарон рафтан, бидуни андешаву таҳлил сухани дигаронро тасдиқ кардану пазируфтан, нахустин қадамест, ки сӯи вартаи ғуломиву бардагӣ гузошта мешавад.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Танҳоӣ ҳазор чашм дорад, ҳама кӯри гиристан...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ман мисли тӯби сахт дамхӯрдаам, ҳар қадар бар заминам бикӯбанд, он қадар баланд хоҳам ҷаст!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ГӮШИ ҲУШУ МАНАҲУ НИГОҲ.*** Ҳамсӯҳбатро шунидан дигар асту гӯш кардан дигар. На ҳама одамон ҳамсӯҳбати

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

худро бо гӯш мешунаванд. Яке бо хӯш мешунавад, дигаре бо нигоҳ, яке бо абрӯ, дигаре бо лаб, севвумин бо манаҳ, чаҳорумин бо панҷаҳо...

ꙮ ꙮ ꙮ

***АҚИДА ВАТАН НАДОРАД.*** Ақидаро аз ишқ, ишқро аз ақида фарқ бояд кард. Ҳеч кадом ақида, ҳич кадом озмоиш нишонаи раднопазири ҳақиқати кул буда наметавонад. Танҳо ишқ дар авҷи худ метавонад нусхаи ҳақиқат бошад, зеро ишқ ҳамчун фарзанди иҳсос аз дурӯғ орист. Ақида ғараз дорад, ишқ беғараз аст. Ақида Ватан надорад, ишқ соҳибватан аст; Ватани ишқ хун ва дилу дидаи ошиқон аст!

ꙮ ꙮ ꙮ

"Шаҳнома" – и Фирдавсӣ "Қомуснома" аст! "Қомуснома" – и беназири ҷангу сулҳ, – барои ҳама давру замонҳо, барои ҳама халқҳову миллатҳо, барои ҳама сарварону бесарон!..

ꙮ ꙮ ꙮ

***БА ҶОИ "ДАРЕҒО!"*** Одаму Ҳавво ба якдигар ошиқи шайдо набуданд. Онҳоро занҷири гуноҳ ба ҳам пайванд кард. Агар волидайни мо ошиқ мебуданд, фарзандони нозанини ишқро меофариданд. Фарзандонеро, ки ба ҷуз ишқ, ба ҷуз зебоӣ, ба ҷуз сеҳри зиндагӣ дигар ҳама гуна фисқу фасоду ҷаҳолату бераҳмиву зиштиро дар ҷаҳон маҳкум мекарданд.

ꙮ ꙮ ꙮ

Фарзандони ишқ зебоянд, монанди ишқ.

ꙮ ꙮ ꙮ

***ВАРТАИ ҲАЛОКАТ***. Фанатизми мазҳабӣ, бемории даҳшатноки табобатнашаванда аст. Ин бемори ба дину мазҳаби ҳақиқӣ, ки аз покии рӯҳу имони инсон сарчашма мегиранд, ҳеч гуна наздикӣ ва қаробат надорад. Фанатизми мазҳабӣ на танҳо боиси марги соҳиби худ мешавад, балки гоҳе тӯдаи бузурги мардуми бетаҷрибаву ноогоҳро ба вартаи гумроҳӣ мекашад.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***ОФАРИНГОҲИ ОФАРИДГОР.*** Парвардигор Помирро, ин гӯшаи фирдавснаморо гӯё барои роҳату фароғати худ офаридааст. Гоҳ-гоҳе аз осмонҳо ба бӯстонсарои худ мефарояд, ойинаи чашми чашмаҳоро покиза меёбад, таронаи ошиқонаву орифонаи шаршараҳоро мешунавад, накҳати биҳиштии гулу гиёҳҳоро мешамад, ҷилваи мурғони чаману оҳувони кӯҳиро тамошо мекунад ва ҳар бор бидуни ихтиёр ба ҳунари беназири худ, ба санъати олии наққошии худ қоил мешавад...

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Миллати безабон, миллати лол, қотилзову қотилпарвар аст!

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Барои ман маънии зиндагӣ ва мантиқи ҳастӣ танҳо дар ҷустуҷӯву дарки ҳақиқат вуҷуд дорад.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Одамоне ҳастанд, ки ҳақиқатро аз дурӯғ бо дурӯғ ҳифз мекунанд.

⌶ ⌶ ⌶

Аз гиру дори гургонаи дунё чунон хаста шудаам, ки на тоқати зистан дорам, на ҳолати мурдан.

⌶ ⌶ ⌶

Агар дар олам як тифли бегуноҳ аз ҷабру бераҳмии солоронбигиряд, одамизод ҳама назди ин тифл гунаҳгоранд.

⌶ ⌶ ⌶

***САДОИ ЧАШМОНИ ГУРГОНА***. Шумо чашмони одамхӯрро надидаед? Ман дидаам! Садои шикастани устухонҳоямро зери дандони ин чашмҳо шунидаам. Чашмони гургона маро дар пеши чашмам хӯрда, сер нашуданд.Ҳамоно дандон месовиданд, ҳамоно аз ман мани дигареро металабиданд... Шумо чашмони устухонхойро надидаед? Хуш ба ҳолатон! Чӣ будани нигоҳи ҷаҳлро намедонед!

⌶ ⌶ ⌶

Душмани дӯсти худро пазируфтану меҳрубонӣ кардан, хиёнат на танҳо ба дӯсти худ, балки хиёнат ба дӯстист.

⌶ ⌶ ⌶

***ҶАНОЗАИ БЕСОҲИБ***. Вақте ки таронаҳоям дар нафаси танги безабонӣ чун гулӯлаҳо метаркиданд, касе набуд, ки пораҳои маро ҷамъ бикунаду дар хокистари оташдони сарди хонаам бигӯронад...

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***САНГИ ОСИЁБИ ВАҚТ***. Вақт осиёб аст, мо ғалладона. Осиёб беист гирд мегардад, дона мехоҳад.
Ман нони ҷони киро хӯрдаам?
Нони ҷони маро кӣ хоҳад хӯрд?

ꙉ ꙉ ꙉ

***ХОТИРИ ХОТИРА***. Хотира низ хотира дорад. Агар хотира хотира намедошт, чӣ гуна рангу бӯй ва маззаи себи дар кӯдакӣ аз боғи ҳамсоя рабуда, дар ёди пирии мо боқӣ мемонд?

ꙉ ꙉ ꙉ

***ҲАРОСИ ТАНҲОӢ.*** Давроне ки орзуҳоям гулафшон буданду ормонҳоям парвозӣ бо худ танҳо будану орзу карданро дӯст медоштам. Акнун ки орзуҳоям андӯҳгинанду ормонҳоям пиёда, аз танҳоӣ бо худ метарсам...

ꙉ ꙉ ꙉ

***КАЙҲОНИ ШЕЪР.*** Шеъри форсӣ ҳарчанд дар таҳдевори арӯзи арабӣ сохтмон ёфтааст, аммо аз саҳрои араб ва осмони баланди Саҳрои Кабир хеле дур рафтааст. Шоирони форс шеъри арабро ба дараҷаи санъати кайҳонӣ расондаанд.

ꙉ ꙉ ꙉ

Шеъри форсӣ дар тӯли қарнҳо, тахти худ, – осмони хаёлро як фарсах тарк накарда, ба замини пуртаззод ҳанӯз ҳам хоҳиши фаромадан надорад. Шеър тифли кайҳон аст!

ꙉ ꙉ ꙉ

Шеъри форсӣ бо забони ситораҳо сухан мегӯяд!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

꙰ ꙰ ꙰

Шеъри форсӣ, шеъри рӯҳ аст!

꙰ ꙰ ꙰

***ЧАШМА ВА КОРЕЗ***. Забон мисли чашма аст, чашмае, ки рӯдхонаҳо аз он ибтидо мегиранд. Ин рӯдхонаҳо ба шаҳри калон расида, дар коррези зангхӯрдаи оҳанини бефарҳангӣ сафояшонро гум мекунад, ғализ мешавад.

꙰ ꙰ ꙰

***ДИГАР КӢ МОНДА АСТ?!*** Устод Сотим Улуғзода низ ин ҷаҳонро хомӯшона тарк гуфт. Дар кунҷи беморхонаи мулки ғайр, дар муҳити безабонӣ, дур аз диёри ёр... Аз фозилони фазилатхастаи ин миллати худшикаста дигар кӣ монда аст, ки бо эҳтироми маҳзунонаву тамкини орифона марги тадриҷии худу миллати азияткашидаашро зиндагӣ биномад? !

꙰ ꙰ ꙰

***САРПАНОҲИ БЕСАРПАРАСТ.*** Иттиҳоди шуравӣ хобгоҳи бузурги умумӣ буд. Ин хонаи хоб барои сокинони хоболӯдаш ҳам бад буд ҳам хуб. Бадияш дар он буд, ки одамон зери як бом зиста, ҳамеша орзуи манзили хосаи худро дар дил мепарвариданд. Хубияш дар он буд, ки ба ободӣ, оростагӣ, ба шикасту рехти ин хонаи калон на касе ҷавобгар буд, на касе манфиатдор... Оқибат ин хобгоҳи бузурги ҳамагонӣ аз бемеҳрӣ, беэътиборӣ ва бесоҳибӣ фурӯ рехт.Бахше аз сокинони хонадори бехона байни замину осмон дар кӯча бесарпаноҳ монда, аз алами бекорӣ ба якдигар дарафтоданд...

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***КӮЗАИ ШИКАСТАИ КАФШЕРНОПАЗИР.*** Миллати қадимае, ки фарҳангу осорашро хуни иҳё бахшида наметавонад, кӯзаи шикастаеро мемонад, ки ҷояш тоқи осорхонаи таърих аст.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***САБАҚИ ХУДШИНОСӢ***. Падару модарон дар тарбияи тифлони худ, дар симои онҳо хоми худро пӯхта, саҳву хатои худро ислоҳ кардан мехоҳанд. Ишон кӯдакони худро на, балки худро тарбия мекунанд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Шаҳри бузург одами хурдро чунон зер мекунад, ки садои устухонҳояш барало  шунида мешавад.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ҶУРМИ БЕЗАБОНӢ.*** Лолии тамаддун, ҳушро пахш мекунад, ҳуш ба гулӯи хотира пой мегузорад, хотира хирадро пакар мекунад, хирад ба ҷаҳолату фаромӯшхотирӣ ва бепарвоӣ роҳ мекушояд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Гоҳе чунон хомӯширо пазмон мешавам, ки ба сокинони манзили хомӯшон аз дилу ҷон ҳасад мебарам.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Бахти моҳӣ дар хомӯшии ӯст, –<br>
Забони ғайбату тӯҳмат надорад!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

    

Барои ман дар зиндагӣ ҳақиқате бештар аз ҳақиқате, ки дирӯз фардо нахоҳад шуд, вуҷуд надорад.

    

Ҳама чиз дар сайёра, дар таи чархи гардон маҳвшавандаву намонданимст, ба ҷуз хотири хотира...

    

***САҲЛУ МУШКИЛ. Д***ушман ёфтан ҳамеша осон асту пайдо кардани дӯст мушкил. Дӯстӣ масъулият, қувват ва фаъолияти ҳамарӯзаву ҳамасоатаро мехоҳад! Душманиро як сухани беҷо, як комёбии назаррас, ними нони бештаре аз дигарон хоҳад зод...

    

На танҳо нодориву муфлисӣ, балки сервату дороӣ низ боиси бадбахтиву ҷазо хоҳанд шуд.

    

***ФАРИШТА ДАР ДИЖИ ДЕВ.*** Зан барои мардони сарватманду бехирад дар ҳама давру замон лӯъбатаки зебову дилхоҳ буд ва ҳамчунин хоҳад монд...

    

ИСЁНИ ШОГИРДИ ОСӢ. Аз сабақҳои бешумору омӯзонандаи зиндагӣ на аз он бебаҳра мондаам, ки омӯзгоронам нодон будаанду худ дар омӯзиш ҳавсаламурдаву коҳил... На ину

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

на он! Ҷавҳари ҷавҳари омӯзиши омӯзгорон бароям ҳолӣ аз мантиқу фалсафаву ҷозибаи дарки қабул буда...

⌶ ⌶ ⌶

Фасли зебоист, фасли мурдани гул.
Марг зебоипараст аст!

⌶ ⌶ ⌶

Аз таърифу тавсифҳои ғаразноку холии яке нисбати дигаре сангу чӯб хаста мешаванд одамизод, абадо!

⌶ ⌶ ⌶

Барои некӣ низ нархи шоистае бояд муайян кард, то ки барои тоҷирони бадиву бадкорӣ қиммати накуӣ низ аён гардад.

⌶ ⌶ ⌶

***ХОБИ БЕДОРИИ ХОБ.*** Сюреализм, хоби бедории рӯҳбеморони ҳунарманд аст, хоби саропо пур аз хоббинӣ.

⌶ ⌶ ⌶

Таърих пири хирадманду барҷомондаро мемонад, ки гоҳе ба имдоди ворисони худ сахт муҳтоҷ аст.

⌶ ⌶ ⌶

Таърих низ хатари тороҷшуданро дорад.

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ХОТИРИ ПАРЕШОН Ё ХОТИРПАРЕШОНИИ ВОРИСОН.*** Таърихи тоҷик дар поёни қарни бистум болопӯши даридаеро мемонад. Ҳар қавми лухту урён, ҳар қабилаи аз сардӣ ларзанда ин болопӯшро сӯи худ силтав дода, онро оқибат ба таври шинохтанашаванда пора-пора кард... Вой аз он рӯзе, ки мо ворисони ин болопӯши фарсуда, зери барфу борони беёдӣ урён монда, ҷисми лоғару беҳоли худро бо хазонбарги хотираҳои дигарон бипӯшонем...

ɪɪ ɪɪ ɪɪ

Одамон одатҳои зиндагиро аз худи зиндагӣ бештар дӯст медоранд.

ɪɪ ɪɪ ɪɪ

***БЕ САФИНА ДАР ДАРЁ.*** Шиновари хубе нестам, аммо ҳамеша, дар чашми ҳайрату эътирози худ ба муқобили мавҷу маҷро дастак мезанаму шино мекунам. Да аҷабам, ки ин қадар дарёҳои тӯфониро гузашта ҳанӯз ғарқ нашудаам.

ɪɪ ɪɪ ɪɪ

***ҚУДРАТИ МАРДАФКАН.*** Зан илова ба ҳама пайкору ҷабҳаҳои зиндагӣ сангаре дорад, ки ҳамеша аз он музаффар берун омаданашро худаш медонаду ҳунари хастанашавандааш. Ин сангар, ин ҷабҳа ҳунари беназиру мардафкани дар ҳама ҳолат зан будан, зан мондан, ба рӯи ҳама гуна бадбахтиву нокомӣ ва беадолатӣ занона хандидану гиристан аст...

ɪɪ ɪɪ ɪɪ

***МАДОРИ БЕМАДОРӢ.*** Пирамард дасти чун шохаи дарахти пир хушки пиразанро, бо панҷаҳои чун сими

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

оҳанини тофтаи худ, чунон сахт доштааст, ки гӯӣ ятими кӯчаке дасти шафқати раҳгузареро. Онҳо бо мадори ҳамдигар аз ҳеч куҷо то ба ҳеч куҷо хаёлманд қадам мезананд... Аз паи ин ҷӯфти бемадори мададгори ҳам дер гоҳ менигарам ва андешае хотирамро маҳзунона харош медиҳад. Ин ду тан хушбахттарин инсонҳоянд, ки дар поёни умр охирин гармии нафасу ҳаваси зиндагиро ба ҳам мебинанд. Чӣ қадар ҷӯфтҳои тоқро дар зиндагӣ дучор омадаам, ки бо ҳаму беҳам дар таги як бом зиста аз офаридгор ҳар чӣ зудтар фаро расидани аҷали якдигарро хоҳонанд...

⌶ ⌶ ⌶

***МАНТИҚИ ШИТОБУ ТАМКИН.*** Кӯдакон сӯи зиндагӣ медаванду медаванд. Пирон сӯи марг шитоб надоранд! Қадамшумории оҳиставу батамкини пирону шитоби бодвори кӯдаконро дигар чӣ гуна метавон маънидод кард?!

⌶ ⌶ ⌶

***ХИРАДИ ШАРОБ.*** Буддо таъкид мекунад; “ Шароб нанӯшед! Шароб хирадро хароб хоҳад кард!” Ба фармудаи пайғамбари бутпарастон мувофиқам, аммо хирадеро, ки бар алайҳи ҷаҳл нотавон аст, хирадеро, ки ягон дардро сабук намекунад, балки бештар мекунад, хирадеро, ки дунёро ба торочи ҷаҳл медиҳад ҷуз хароб кардан оё чораи дигаре ҳаст?!

⌶ ⌶ ⌶

***ЯК СЕБИ ДУ ТАҚСИМ.*** Дар биёбони хушку беоб гул нахоҳад руст, боғ сабз нахоҳад шуд. Миллат низ чӣ хеле бошад, пешвоён, сарварон, саркардагон, сарсупорон,

раҳбарон, раҳнамоён, рӯшанфикрон, фарҳангиёнаш ҳамон гуна хоҳанд буд!..

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ҳеч чиз оташи ғурури одамро мисли дидани манзараи гӯристони кӯҳна, паст карда наметавонад...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Хонаи ман биҳишт аст, биҳишти танҳоӣ!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Гулбун (садбарг) гули ҳавас аст.
Барои як нафас зебо механдад,
Барои як нафас зебо зиндагӣ мекунад,
Барои як нафас зебо мемирад!..

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Шаробро одамон барои аз лаҷом сар додани хиради худ офаридаанд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Оне, ки шаробро ихтироъ кардааст, аз дасти хирад чӣ ситамҳое дида бошад, ки ба кашфи чунин захри гуворои ақлрабо расидааст?!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***ЗАҲМАТИ ШОИРОНАИ ОРУ.*** Ба заҳмати шоиронаи оруи асал менигараму ба қудрату заҳмати ҳунари иҷодкор

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қоил мешавам. Ору дар як лаҳза бештар аз чиҳил гулро бӯидаву бӯсида бар димоғ накҳат бардошту бо таронаи пур аз накҳат боғро падруд гуфт. Шоҳиди чунин заҳмати сизифонаи эҷод қаламро ба шохсори гули ёс овехта бӯстонро тарк кардам...

♊ ♊ ♊

***АЗ ХОНА БА ХОНА.*** Бозгашт ба сӯи худ, (бозгашт аз худ то ба худ) аз гузашта ба оянда, аз оянда ба гузашта, балки бозгашти волидайни мо Одаму Ҳаввост аз замин ба осмон, аз осмон ба замин...

♊ ♊ ♊

Садои мо, овои рӯҳи мост, ки дар найчаву ҳуҷайраҳову ҷони мо маскан дорад.

♊ ♊ ♊

***НУСХАИ БЕРАНГӢ.*** Одаме, ки зери таъсири дигарон, ё аз роҳи тақлид роҳу равиш ва сифатҳои азалияшро гум мекунад, лӯъбатакеро мемонад, ки аз он ҳазорон лӯъбатаки якранги берангро метавон нусхабардорӣ кард.

♊ ♊ ♊

***ХОТИРАИ ИРСИИ НИЛУФАР.*** Нилуфар дар гулдон низ, бидуни реша чанд рӯз дар вақти муайян шукуфта, дар вақти муайян ғунча мешуд. Бори ҳазор ба мӯъҷизаи ҳунари офаридгор рӯи суҷуд овардам. Ба мӯъҷизаи ҳунари офаридгоре, ки ин гули нозуки парниёниро чунин хотираи фӯлодини ирсӣ ато кардааст. Хотирае, ки гул дур аз буттаву решаи худ низ, охирин қуввату имкони буданро

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

истифода бурда, коди милюнсолаи худро ёд дошта, то хазонӣ рози нумуву сабзишу шукфоиро нигоҳ дошта аст...

ꙇ ꙇ ꙇ

Хотира беҳтарин аккос аст! Акси гирифтаи хотираро боду боронҳо хароб карда наметавонанд.

ꙇ ꙇ ꙇ

***ДИДАИ ЁДИ ЁД.*** Хотираи чашм низ вуҷуд дорад. Шояд хотираи чашм қаввитарин хотира бошад, зеро одамӣ на танҳо ҷойҳои дар кӯдакӣ дидаашро дар пирӣ мешиносад, балки дар тавлидҳои такрории минбаъдааш низ ҷойҳои барои дилаш азизро дидааш хотиррасон мекунад.

ꙇ ꙇ ꙇ

Мо дардзодаем. Аҷдодони мо аз сӯзи оҳи дил тамоку дар доданд...

ꙇ ꙇ ꙇ

***МУРДА-ЗИНДА.*** Одам аввал рӯҳан, сипас ҷисман мемирад. Дар кӯчаву хиёбонҳо даҳҳо пайкараҳои нимҷонро метавон дучор омад, ки рӯҳан кайҳо мурдаанд, аммо ҷони ҳанӯз қолаби танро тарк накардаашон, нафаси коҳилашон зинда буданашонро ёдрас мекунад.

ꙇ ꙇ ꙇ

Пирӣ хастагист!
Хастагӣ пирист! –
Марг ҳам ину ҳам он!..

* * *

Марг хобест бо дидаи пӯшида, бидуни нафас.

* * *

Гӯётарин фиғону нола, гӯётарин таъзия дар мотам, хомӯшист.

* * *

***СИЛОҲИ МУФЛИСӢ.*** Дар ҳар хонаи муфлису бенаво чанд қотил ба камол хоҳад расид. Муфлисӣ ҳамчун намунаи бадтарини беадолатӣ ва бераҳмӣ кину ҳасад ва ғурури аблаҳонаи исёнгарону қотилони ояндаро хоҳад зод.

* * *

Умедворон кай бимиранд?
Ҳангоми ба остонаи мурод расидан!

* * *

Мурда кист? Оне, ки дар тамуз аз сардӣ меларзад.

* * *

Агар зиндагӣ ва зиндаҳоро ҳароси марг сусту беҳол намекард, касе намемурд.

* * *

Мотами ишқ тасалло надорад.

* * *

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чашмаҳо низ волидайн доранд:
Падарашон ташнагии мард аст, модарашон ашки зан аст.

♊ ♊ ♊

Дилам дар хонаи ишқи ту монда,
Сарам дар шонаи ишқи ту монда,
Аз он чӣ гуфтаму гуфтанду гуфтӣ,
Фақат афсонаи ишқи ту монда!

♊ ♊ ♊

Лаззати беназири обро танҳо ташнагон медонанд!

♊ ♊ ♊

Шаб низ яке аз фаслҳои вақт аст, – фасли тирагии зулмат!

♊ ♊ ♊

Ашк чашми дилро як вақти муайян равшан мекунад!

♊ ♊ ♊

Вақте одамон ба ҳам дар афтода меҷанганд, аз сагон шармам меояд!

♊ ♊ ♊

Дар остин, беовоз гиристан, фиғони лолӣ, марсияи андӯҳ аст, дар марги орзуҳо!

♊ ♊ ♊

***ҚАФАСИ НАФС***. Сарватманд ҳарчанд аз ҳабси тору

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

одамхори бенавоиву муфлисӣ озод аст, аммо дар қафаси нафси таҳкаши худ бечораҳолу бандист.

⌶ ⌶ ⌶

Сирк ( цирк ) мазоқи аблаҳонаи бемантиқии зиндагист!

⌶ ⌶ ⌶

***ОЙИНАИ ҲАҚНАМО***. Ҳақиқатро, дурӯғро аз забони одамон на, аз чашми ишон биҷӯед! Чашмон мисли кӯдакон фиребро намедонанд.

⌶ ⌶ ⌶

Чашмон гӯётарин забонанд.

⌶ ⌶ ⌶

Чашмон шунавотарин гӯшанд; мегӯянду мешунаванд, мешунаванду мегӯянд...

⌶ ⌶ ⌶

Ошиқ ҳарчанд дар дом аст, озод аст. Танҳо одами озод метавонад, аз тапиши нӯги ангӯштону ҳаракати хун дар шарёни дигаре огоҳ бошад.

⌶ ⌶ ⌶

Асир, банда, барда, ба офтоб, ба зиндагӣ аз чашми равзан менигарад, ҳатто баъди озод шудан!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Барои ғулом озодӣ асорат аст!

* * *

Дар тасаввури нобино хуршед низ ранги сиёҳ дорад!

* * *

Ҳар қадар ба худо наздик бошӣ, ҳамон қадар хавфи бо шайтон сарбасар задану зери чарххои аробаи макру фитнааш мондан ҳаст!

* * *

Зиндагӣ шевотарин, зеботарин, кӯтоҳтарин афсона аст, – афсонаи ҳастӣ ба нестӣ!

* * *

Ту сад ҳазорӣ, бекасӣ, –
Ман як танам, – танҳо наям!

* * *

Ақли ман пӯхту қалби ман хом аст,
Фазл дар чашми ҷаҳл бадном аст!

* * *

Дар ин шаҳре, ки беёдист ёдаш,
Туро меҷӯям аз ёди хазон, аз гиряи оташ!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

Хоби ман аз ҳузни бедорӣ шикоят мекунад.

⌶ ⌶ ⌶

Ҳарчӣ мекорам ба замини болинам, аз тухмии хотираҳо, донаҳои ашки пушаймонист...

⌶ ⌶ ⌶

Офтоб аз ашки шабнам сер шуд,-
Ташнагии ташнагии зиндагӣ
Аз ашки зан нашкастааст!

⌶ ⌶ ⌶

Маънии ҳусни чаман дар ғунчае ғунҷидааст.

⌶ ⌶ ⌶

Нотавонӣ ҳад надорад,
То ризои мо бар он аст.
Нотавонӣ ҳад надорад, -
То тавоно нотавон аст!

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ дар хандаи гулғунча азодори ман аст, -
Зиндагӣ дар нафаси марг харидори ман аст!

⌶ ⌶ ⌶

***БЕХОБӢ.*** Шаб дар бехи гӯши хастагии бедорхобиям коҳилона хамёза мекашад. Ҳазёни коҳилонаи рӯдхонаи ғажд ойинаи хаёламро мехарошад. Имшаб низ чун шабҳои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дигар аз шуғли бесамари худхориву худкоҳии худ дар пеши чашми худу зиндагӣ зарра-зарра кам мешавам...

ϪϪϪ

Дар хаёлам гуле намерӯяд,
Ин қадар зиндагонӣ беранг аст?
Ин қадар чашми бандагӣ танг аст?
Субҳ то шом дар дилам ҷанг аст!

ϪϪϪ

Хоб дидам, рамма чӯпонро хӯрдааст! Ин хоб таъбир надорад!

ϪϪϪ

Дар ин мулке,
Ки як хас аз барои кас муқаддас нест,
Ду се бечораи сода,
Бихоҳад хешро дар гардани изид овезад!..

ϪϪϪ

***ЗУЗАИ ҒУНЧАИ НОШУКУФТА.*** Ёдат ба хайр, эй боғбони гулзори маснӯъӣ! Дар баҳори ишқ гар аз гармии меҳри ту, нашукуфтам, фасли шукуфоӣ гуноҳи бегуноҳии маро биёмурзад.

ϪϪϪ

***НОМАЕ ДАР БОЛИ АБРИ ГУЗАРОН.***

Чӣ боронӣ, ки андар боғи хушки интизориям
наборидӣ?
Гули сӯзи маро андар замини набзи иҳсосат накоридӣ!

ꟷ ꟷ ꟷ

Тири сард ба поёни китоби оташини зиндагӣ нуқтаи сӯзон хоҳад гузошт!

ꟷ ꟷ ꟷ

Ту ҳайронӣ чаро ин мулк сангистон аст? –
Ғами тоҷик санг баста!

ꟷ ꟷ ꟷ

Самимият як навъи ҳақиқат аст.

ꟷ ꟷ ꟷ

Ишқ дар олам ҳазорон олам аст, –
Бегуноҳии Ҳаввову Одам аст!

ꟷ ꟷ ꟷ

***ДАНДОНИ ШИКАСТАИ НОДОНӢ.*** Андар кушиши беҳудаи гуфтани ногуфтаниҳо, андар таҳлилу таҳрири кӯҳнакитоби чаҳл дандони ақлам набаромада шикаст!

ꟷ ꟷ ꟷ

***ҶАЗОИ САРХЕЛ БУДАН***. Бузургон нозпарварони азияткашидаи таъриханд, ки на дар зиндагӣ ва на баъди аз

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сари худ орому қарор надоранд.

* * *

Ман бо ҳама озурдадилон хешам, –
Хоса ба озурдадилони беадолатӣ!

* * *

Барги хазони иззати ман гиря мекунад,
Дар панҷаи хазон.
Аз марги фазл навҳаи андӯҳ мекашам,
Дар базми ҷоҳилон!

* * *

Турнаҳо омаданду ту рафтӣ, –
Эй ки фасли баҳори ман будӣ,
Эй ки барқу шарори ман будӣ,
Эй ки васли хумори ман будӣ!..

* * *

Шеър- хаёли парешони нигоҳ аст.

* * *

***КАТИБАЕ ДАР ЛУҚМАИ РӮҒАНИНИ ЯК СИЁҲ–САРИ ДУПОЙ.***
Ғами ту ғами шикам аст,
Ғами мо ғами Ватан аст!

* * *

Сиёсат қафас аст, қафаси оҳанин. Шоирон булбулони

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

нафасгирифтаи ин қафасанд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Забони чашмҳоям гуфт; танҳоям, –
Ту нашнидӣ.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ҳунарманд як умр бори миннати беҳунарии дигаронро мекашад!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Гулшанеро, ки дар набзи ҳуснаш оташи шайдогари ишқ ҳувайдо нест, дар лабу рухсору ангуштон ҳазор чашм дошта бошам, тамошо нахоҳам кард.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Аз булбули карахту хомӯш зоғи ошиқ беҳ аст.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Аз дами ҳазор бало зинда гузаштанам, маънӣ дорад;
Туро интизорам, ишқи деркардаи ман!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Хокиё, фалсафаи таркиши вулқон ин аст,
Ки фалак хашмин аст!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ман низ қотилам! Хуни фароғи як ҷаҳон зишту ҳасуду

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

беҳунар, дар гардани ман аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ИНТИЗОРИ БАҲОР***. Интизори баҳори баҳоронам! Интизори баҳоре, ки дар ҷилваи рақси шаҳпаракҳои атласӣ, дар таронаи обшор, дар ахгари сабзу сӯзони нигоҳе ишқи мурдаи маро зинда гардонад.

ⵊ ⵊ ⵊ

***БОЗГАШТИ ФАРЗАНДИ ОВОРАГАРД.*** Баъди нимк қарн ба аслам, ба сарчашмаам бар гаштам. Ба сарчашмае, ки дар таркиби хунам ҳазор қатрааш бо ман ними оламро диду хушк нашуд. Аз ойинаи чашмаи кӯҳистон покии сиришкамро, сафои ҳуснамро, навои мусиқии рӯҳамро, иҳсоси сӯзони хунамро, садои орзуҳоямро, ки ошиқона ба оламу одам бахшидам, пурсон шудам. Сари суолам ба сахраи пайкараи сукут бар хурда пора-пора шуд!

ⵊ ⵊ ⵊ

Шеъри ишқро дар вароқи санг бояд навишт, барои ҷовидона!

ⵊ ⵊ ⵊ

Ёди ту, эй ёр, барои ман меҳрабону бовафотар аз туст! Ҳамеша бо ман аст!

ⵊ ⵊ ⵊ

Хаёлат бӯи оташ мекунад дар гулшани ёдам!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Шиновари дарёозмуда дар як коса об ғарқ хоҳад шуд, зеро имкони дастак задану шино кардан надорад.

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Аз худ рафтаро танҳо ишқ ба худ оварда метавонад.

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Занон чӣ гуна мардонро бахшида наметавонанд? Мардонеро, ки ҳирсро ишқ меноманд.

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Мардро кай қудрату мардонагӣ тарк кунад? Гоҳе ки оташи ишқашро дар оташдони чашмони зан мурда бубинад.

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Зан номӯси кайҳонбӯси мард аст!
Мардо, номӯси худу асли насли худро нигаҳбон шав!

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

Кирми лойхӯракро офаридгор шояд аз он кӯр офаридааст, ки барои дидани лой чашми бино зарурат надорад.

ꞮꞮ ꞮꞮ ꞮꞮ

***ПАРИЁН АЗ ХОКАНД, ФАРИШТАГОН АЗ АФЛОК!***

Дар ҷаҳоне, ки ҳар рӯз ҳазор дафъа нигаҳҳои гушнаву

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ташнаву рамузгир моро ниҳонӣ мебӯсанд, дар ҷаҳоне, ки ҳар рӯз аз гунаи ҳар раҳгузари ношинос гули орзуи худро меҷӯему мебӯем, иддаои покиву фариштагӣ кардан хандаовар нест? Мо аз ҷинси париёнем!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

***ЗЕБОӢ ХУШБАХТИСТ.*** Вақте аз ғавғову савдои будану набудан озодам, вақте шоҳпараки зарринболе гирди гардани борики қоқу бо ҳавои мусиқии нафаси хок ҷилвакунон арғушти шодмонӣ оғоз мекунад, аз ойина ёд мекунам. Мехоҳам зебо бошам!

Ба худо, зебоӣ хушбахтист!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Ойина бешубҳа ихтироъи зан аст. Танҳо зан ҳавсалаи кашфи чунин асбоби дақиқи худбиниро дорост.Танҳо зан қодир аст, ба худ, дар нигоҳи худ дар ойина ғолиб ояд...

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Шеър аввал иҳсос аст, сипас шуур! Бо сард шудани иҳсос, ки хуни шеър аст, ҷони сухан дар раги шеър ях мебандад.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Шоирон низ чун раққосагон, бояд дар синну соли муайян, саҳнаи суханро тарк гуфта, ҳамчун бознишастаи иҳсосу растохези хуни таманнову ҳавас гӯшанишиниро ихтиёр бикунанд !..

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Офаридгор китоби андешаҳои моро мехонад! Ин аст, ки нек биандешем, некӣ пеш ояд, бад биандешем бадӣ фаврӣ дарамонро бо дасту пову сар бикӯбад!..

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕢ ꕢ ꕢ

Бахт ҷоиза аст, бадбахтӣ низ!Ҷоизаи корҳову андешаҳои инсон, ки ба ӯ бар гардонда мешавад!

ꕢ ꕢ ꕢ

Рамз (сумбулик) қонунҳои бодии ҷамъиятро масхара мекунад, хоса рамзи шоирона!

ꕢ ꕢ ꕢ

“Шоҳнома” Ватан аст! -
Аз Халиҷи Форс то Бадахшон!

ꕢ ꕢ ꕢ

“Шоҳнома” Миллат аст! –
Аз оғоз то анҷоми забони форсӣ!

ꕢ ꕢ ꕢ

***ХИРАДИ ХОТИРА.*** Хотира дар зарурат фаромӯшхотириро ихтиёр хоҳад кард! Фаромӯшхотирии хотира қонунист. Хотира ҳодисаву воқеаҳои камарзиш, беарзиш ва носазоворро ноаён аз дафтари худ хат мезанад.

ꕢ ꕢ ꕢ

Барои ҳунарманди асил баъди ба камолоти ҳунар расидан, Вақт бояд падару модар бошад!

ꕢ ꕢ ꕢ

***ХИЁНАТ БА АДОЛАТ.*** Эътироф накардани ҳунарманд, бар алайҳи ҳунарманди асил, ки табиатан бепаноҳу

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бетакягоҳ аст, мадҳу тавсиф кардани беҳунар на танҳо гуноҳи нобахшиданист, балки хиёнатест, ки ҷазояш дар дафтари адл на бояд аз ҷазои қотил кам бошад!..

ѿ ѿ ѿ

Офаридгор офаридаи соҳибақли худро фармуда аст; “Худро бишинос, то маро бишиносӣ!”... Оре, худшинос худошинос аст!

ѿ ѿ ѿ

Ҳамсар доштан ҳанӯз маънии ҳамдил доштанро надорад!
Ҳамсар наҷӯед,
Ҳамдил биҷӯед!
Ҳамсар нахоҳед,
Ҳамдил бихоҳед!
Ҳамсар нагиред,
Ҳамдил бигиред!..

ѿ ѿ ѿ

Беруни мо гулгуна аст, –
Мо аз дарун пӯсидаем!

ѿ ѿ ѿ

Дар ин Ватан қуфл сохта, сохтани калидро фаромӯш кардаанд!

ѿ ѿ ѿ

Қафассозон ба риши озодӣ писханд мезананд!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

***ҚУРБОНИЁНИ БЕЧОРА.*** Аҳли ҳунар дар ҳама таркишҳои ҷамъиятӣ, дар ҳама исёнҳои хурду бузурги замона, дар ҳама гардишҳои морпечи таърих, дар ҳама фоҷиаҳои миллӣ барраи қурбониянд!..

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ ихтироъи шоирон аст!

⌶ ⌶ ⌶

Ҳама ишқҳои олам, хоса ишқи шарқиёна тақлиду пайравӣ ба ишқи афсонавии Юсуф ва Зулайхоянд.

⌶ ⌶ ⌶

***АФСУНИ ШОИРОНА.*** Ишқи Лайливу Маҷнун ихтироъи шоирони араб аст. Ишон барои аз мӯҳити дилгири Саҳрои Кабир фирор карда, дар олами зебову фиребои афсона зистан, қиссаи ҷонсӯзи ду дилро иҷод намуда, пеш аз дигарон ба афсонаи зебои худ бовар кардаанд.

⌶ ⌶ ⌶

Одам дар умри сараш танҳо як маротиба ошиқ мешавад! Танҳо ва танҳо як маротиба! Ишқҳои сонӣ орзуи содаи ҳамон иҳсоси қудсиянд.

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ишқ аз раҳи кайҳони дилу дида  ба  худ расидан аст.

⌶ ⌶ ⌶

Иҳсосеро, ки мо ишқ меномем, ё орзуи ишқ аст, ё ҳавас, ё нафс, ё нигоҳи шоирона ба чизҳои муқаррарии рӯзгори беранги̅!..

⌶ ⌶ ⌶

***МАДАМ БОВАРИ ВА АННА КАРЕНИНА.*** Нависандаи маъруф Густав Флобер дар ниҳояти ҳаяҷон хитоб кард; “Мадам Бовари – манам!..” Нависандаи дигаре, ҳангоми ба қаҳрамони дӯстдоштааш заҳр додан, дар вуҷуди худ таъсири қотили онро иҳсос карда, чанд рӯз дар дами марг буд. Лев Толстой аз паи қаҳрамони таҳқиршудааш Анна Каренина хомӯшона то роҳи оҳан рафт ва худро хаёлан ҳамроҳи ӯ зери чархҳои оҳанин афканд... Қиссаи дигаре низ, дар ин боб маъруф аст; “Вақте  Анна Каренина худро зери чархҳои қатор меафканад, нависанда аз дарду алам нафасгир қаламро болои миз гузошта аз хонаи кораш ба долон мебарояд ва беҳуш шуда аз ошёнаи боло сарозер ба фарш меафтад!”... Ин қиссаро аксар дар Хонаи Адибони Русия нақл мекунанд, зеро долоне, ки Лев Николаевич аз он гӯё сарозер афтода буд, дар толори асосии тарабхонаи адибон, дар “Хонаи Ростовҳо” (хешони Софя Андреевна Толстая) воқеъ аст.

⌶ ⌶ ⌶

***ХАСУ ХОШОК ВА ЗАРИ ХОЛИС.*** Фозиле фоҷиаи тоҷикро ба обхези̅ ташбеҳ дод. Одатан ҳангоми обхези̅ хасу хошоки сабуку беарзиш болои об баромада, зарру зевари гаронбаҳо зери хоку лой мемонанд, аммо аз зери лою хок низ дурахшида, қиммати аслии худро намоиш медиҳанд.

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***САДАҚАИ ҒАРАЗ.*** Ҳич кадом сохтор ба ҳич кадом ҳунарманд бидуни ғарази сиёсӣ ҷоизаеро раво намебинад. Ҳама ҷоизаҳо, аз ҷоизаи Нубел, то кулчаи қандине, ки дар кӯдакистон ба кӯдаке иловагӣ дода мешавад, ҳама садақаанд, садақаи ҳунар на, садақаи амал...

⌶ ⌶ ⌶

Як замон ба шоирони дарбор дар ивази мадҳу санои ҳақиронаашон зару зевар ва ҷомаву хилъат мебахшиданд, акнун ба ишон унвону ҷоиза медиҳанд.

⌶ ⌶ ⌶

***НАҚШ ДАР САНГ.*** Шоҳон хидмати шуароро дар шуҳраи ҷаҳон гардидани ному нишони худ набояд саҳл бигиранд. Шоҳони дудмони Сомониро сухани ҷовидонаи устод Рӯдакӣ ба абадият роҳхат додааст, вагарна то ишон ва баъдашон низ ҳазорон силсиладорони ҷаҳонгир аз олам гузаштаанд, ки на танҳо номашон, балки гарди хокашон дар мижгони таърих боқӣ намондааст.

⌶ ⌶ ⌶

***ХОБҲОИ СИЁСӢ.*** Касе гумон дорад, ки хоб ҳамагӣ хоб асту мантиқу маънӣ надорад, хато мекунад. Хоб акси барҷастаи зиндагӣ, намоишномаи машғулияти ҳаррӯзии одамон дар ойинаи хаёл аст. Хобҳо ҳазору як мавзӯъ доранд;Хобҳои тифлона, (вақте ки ту ба олами кӯдакият бар мегардӣ ва ба ту лӯъбатакеро, ки дар тифлӣ орзу доштӣ, аммо надоштӣ, тақдим мекунанд!) хобҳои ошиқона, хобҳои орифона, (одам парвоз мекунад!) хобҳои сиёсӣ, ва ғайра... Вақте дар шӯрои Олии Иттиҳоди Шуравӣ кор мекардам, хобҳои парламонӣ-сиёсӣ медидам. Аз ҳама хобҳои аблаҳонаву дилгиркунандаву бемаъниву бемантиқ

хобҳои сиёсиянд. Ҳатто дар хоб аз бар ҳадар рафтани вақт, аз ҳарзаҳои бемаънии нотиқон, аз худнамоии воизон, аз фаҳшу дурӯғу иғвои сиёсатмадорон дилгиру нафасгир мешудам.Гоҳе дарк мекардам, ки ин ҷаласаи бемаъниву бемантиқро, ин бозори гапфурӯширо маҳз дар хоб мебинам. Ҳар қадар мекушидам, худро аз ин хоби дилгиркунанда бедор карда наметавонистам ва бесабронаву асабӣ поёни ҷаласаи бемантиқ, яъне поёни хоби худро интизор мешудам! Дар чунин ҷаласаҳои хоб худ низ гоҳ-гоҳ суханронӣ мекардам... То ҳанӯз ҳарф ба ҳарф, нуқта ба нуқта суханрониҳои худро дар Ҷаласаҳои Хоб, ҷавоби дигаронро низ ба суханрониҳои худ ёд дорам! Аз хоб хаста, ғазабнок, беҳолу бемадор бедор мешудам ва аксар вақт дар чунин рӯзҳо ба Ҷаласаи шӯрои олӣ намерафтам...

ꕤ ꕤ ꕤ

Тарсу (буздил) миллату мазҳаб надорад!

ꕤ ꕤ ꕤ

Рамма даҳмардаро интихоб намекунад!

ꕤ ꕤ ꕤ

Ҳар як ниёиши самимона одамро як зарра ба худо наздик месозад.

ꕤ ꕤ ꕤ

Коммунизм низ мазҳаб аст –
Мазҳаби бемазҳабон.
Коммунизм низ дин аст, –
Дини бединон.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

⌶ ⌶ ⌶

Мо аз гулкории марг бехабаем!
Аммо гулчинияшро таҳдонем:
Дона-дона гул мечинад.
Гулшанро сарчин мекунад.
Ғунчаҳоро саркан (калакан)...

⌶ ⌶ ⌶

Зиндагӣ тухми гул мепарварад. Одамӣ гул мекорад, боғи орзуву умед сабз мекунад, марг гул мечинаду гул мебӯяд... Вақт ёру дастёри ину он аст.

⌶ ⌶ ⌶

***ОҒОЗИ АНҶОМ, АНҶОМИ ОҒОЗ.*** Боз тани гарме сард шуд, боз диле ором гирифт, набзи сӯзоне дар тирамоҳони гармосард аз шитоби ҳаваси тапиш боз монд! Боз хокие бар хок рафт, то дар намуди гулеву гиёҳе баҳорон ба боғчаи худ бар гардад, дар қадамҷои худ бишукуфад...

⌶ ⌶ ⌶

***БАҲОРУ ХАЗОН.*** Духтарак шафтолуи расидаро мемонд; тару тоза, саршори зиндагӣ... Пирамард ба дарахти тути нимхушк шабоҳат дошт;
-Баҳору хазон! Пирамард ба саги тозии лоғару мӯйрехтаву пири худ монанд буд, духтарак ба пудели (як намуди саг) пахтавор сафеду пахмоқмӯи худ... Ҳар ду дар як рӯз се маротиба, дар соати муайян аз дари долони манзилгоҳи умум берун мешуданд. Духтарак аз паи саги шуху беқарораш мисли бод мепаррид, пойҳои пирамард заминро коҳилона ҷоруб мезаданд. Саги пир бо ҳаёи сагона

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ноҳинҷор соҳибашро аз паи худ кашола мекард. Ба назар чунон мерасид, ки гӯё пиракӣ гарданбанди сагашро на,саг занҷири соҳибашро дар даст дорад. Аввал сагҳо бӯи якдигаро гирифта ба ҳам наздик мешуданд, сипас пирамарду духтарак хомӯшона, паҳлӯи ҳам баробар қадам мечиниданд, қадам мешумурданд, қадам чен мекарданд... Гоҳи беихтиёр дучор омадани нигаҳҳо чашмони духтарак нур мерақсиданд, бурутҳои пирамард механдиданд, ришаш меларзид, чашмонаш шукрона мегиристанд... Гоҳе дар авҷи сӯҳбати аҷиб якбора ҳар ду бидуни ихтиёр гапашонро гум карда ба якдигар ҳайрону пурсуол менигаристанд... Дар чунин лаҳзаҳо дили духтарак қафаси танги синаашро шикофта парвоз мекард. Қалби хастаи пирамард тунд метапид, дарди кунде вуҷудашро фаро мегирифд, шонаи дасти чапаш бераҳмона сих мезад. Ҳамоно ба ҷайби росташ даст мебурд ва бо ёрии духтарак, бо панҷаҳои шах шудаву ларзон сари шишачаи доруро боз мекард...

Пирамард аз марг метарсид, духтарак аз бӯи доруи дил... Рӯзе дар соати муайян дари хонаи духтарак боз нашуд. Ӯ хушбахт буд, ҷуз меҳмони ҳумоюнқадами қисмташ ҳамаро аз ёд бурда... Дили хаставу дардманд азоби интизориро таҳаммул карда натавонист! Пирамард охирин нури нигоҳашро паси дари пӯшидаи оҳанин пошида, аз пой афтод... Он рӯз саги шухи пахмоқмӯ ба пирсаги мӯйрехта бо нафасу бо шӯша бӯи ошноӣ набахшид. Духтараку пирамард қадам начиданд, қадам нашумурданд, қадам чен накарданд, шишаи доруи дилро боз накарданд... Шаби пеш аз марги пирамард вақте ки саги пир барои соҳибаш овоз меандохт, сагчаи пахмоқмӯй бо бахти хоси сагона устухон мехоид... Дар хобгоҳи умумие, бо номи дунё, кате холӣ шуд... Пӯштае дар мазористон сабзид... Дигар дар зери гардуни гардон ҳама чиз, бо назми пешина барҷо буд...

Духтараки тару тозаву сурхгуна боз аз паи саги пахмоқмӯи сафеду бозигараш ба кӯча парвоз кард. Ӯ танҳо набуд.Ҳаво бӯи асалу доруи дил мекард...

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ба асл расидан маҳв шудан аст! Асл нусхаро аз байн мебарад.

* * *

Хоби шаб хоҳиши бедорист.

* * *

Осмон уқёнуси оҳарист, чапагардон.

* * *

Хуршед ташти зарринест дар суфраи гардун, - ташти тиҳӣ!

* * *

Рӯдбори дилу ҷонам,
Зи дарди ниҳонам,
Зи корези дидаи гирёнам,
Роҳи уқёнусро ҷӯёст, –
Ҷигарам оби чашма мехоҳад!

* * *

Хайри оташ ба танӯри сарду сиёҳ маҷонист!

* * *

Танҳоӣ низ лаззате дорад, лаззати коҳдуд...

* * *

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ваҳшатноктарин ханда, хандаи одами танҳост, дар хомӯшии даҳшатноки шаби сиёҳи танҳоӣ!

ﭑ ﭑ ﭑ

Шеър номаи як нафар, ба ҳазорон, садои як садо ба наслҳову қарнҳост!

ﭑ ﭑ ﭑ

Сӯхтори азоби рӯҳ, ҷону танро низ хокистар мекунад.

ﭑ ﭑ ﭑ

***ҒУБОРИ ҶОДАИ АҚОИД.*** Аз қайди ақоиди коммунистӣ, экстремистӣ, миллатгароӣ, худгароӣ, маҳалгароӣ... озод нашуда, ақидаи солиму ихёгареро пайдо кардан, гузашта аз он ақидае офаридан, мушкил аст. Аз доми ақидаҳо бираҳед, то ба худи худ бирасед, зеро ҳеч гуна ақида, ҳақиқати кул буда наметавонад! Ва баракс, ақидаҳое ҳастанд, ки барои инкори ҳақиқати кул, барои маҳв кардани ростӣ, барои гулӯгир намудани қосиди ҳақиқатпаём, барои таҳқири расму русуми ростон, барои гумроҳ кардани раҳнавардони ҷодаи ҳақ хизмат мекунанд.

ﭑ ﭑ ﭑ

Зиндонии хурдтарин ақида, аз ҳавои рӯҳбахши озодӣ маҳрум аст.

ﭑ ﭑ ﭑ

Оне, ки аз кӯлмаки дурӯғ дар кашфи ҳақиқат об хӯрдааст, ташнаи рӯди ростӣ хоҳад мурд!

ﭑ ﭑ ﭑ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шаб соя надорад, зеро саропо соя аст, – сиёҳ аст!

ꕷ ꕷ ꕷ

***СУКУТИ ВАҚТ.*** Яке бо хасми миллат дар косаи сари падар шароб мехӯрад, дигаре барои аз фарши ҳақорат бардоштани сари падар ҷон медиҳад, севвумин ба ҷонкании як миллати қадимаву пиру барҷомондаи ҷонсарак хомӯш, беҳис, карахт менигарад... Ҳама фарзандони ин ҷонсупори дами сакароти мавтанд. Ҳама дирӯз мӯшт ба сина кӯфта, худро Ватандору Ватанпарвар меномиданд.
Имрӯз Ватан бемор аст!
Имрӯз Ватан барҷомондааст!
Имрӯз Ватан фарсудааст!
Ватандорон дар ҳар гӯша мастӣ, сукут ва бетарафиро интихоб кардаанд. Довари фоҷиа, ҳақиқати ҳақиқатҳо низ дар сукути вақт хуфтааст!

ꕷ ꕷ ꕷ

Таърих гоҳе сухан оғоз мекунад, ки на гунаҳгорон мондаанд, на бегуноҳон, на шоҳидон, на доварон...

ꕷ ꕷ ꕷ

Ишқ бозёфти нодиртарини дил аст, аз раҳи эҳсос, аз равзанаи назар.

ꕷ ꕷ ꕷ

***ҚОСИДИ ОТАШ.*** Промитей зинҳор дузди оташ набуд. Ӯ қосиди оташини оташ буд ! Куҷо дидаед дуздеро, ки мартабаи пайғамбарӣ дошта бошад?! Промитей оташро аз кӯҳи Олимп рабуд, то осиёни зулматпарасти иблисхӯ оқибат аз раҳи рӯшаноӣ ба даргаҳи яздон бирасанд!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕤ ꕤ ꕤ

***ОТАШИ САРМО, САРМОИ ОТАШ.*** Агар дард, хоса дарди ишқ намебуд, дар дунё як шоир, як муғаннӣ, як асари шоистаи зиндагӣ, як ҳарфи монданӣ тавалуд намешуд. Ишқ, танҳо ишқ, хоса дарди ҳиҷрону азоби ҳиҷрон боиси офаридани олитарин шоҳасарҳои олам гардида... Ҳар миллат, ҳар халқият, ҳар қабила ҷуфти ошиқони худро офарида, онҳоро аз шодии дидору лаззати васл бераҳмона маҳрум карда, ишонро дар ғами ҳиҷрон кушта, дар мотами қурбониёни худ ҷовидона ба мотам нишаста аст! Ошиқони нокому зиндаҷудову намирандаи асотирӣ, ин ҳамзамонони бидуни давру замон, ин будаву набудаҳо, ин фарзандони нозпарвару маҳзуни ишқ ба боғҳо ҳусн бахшиданд, сарморо оташ доданд, фасли панҷуми умри инсониро офариданд, роҳу равиши зиндагии инсонро дар таҳи чархи раҳнамо дигар карданд...

ꕤ ꕤ ꕤ

Ишқ, танҳо ишқ, муаллифи ҳама асарҳои бузурги олам аст!

ꕤ ꕤ ꕤ

Накҳати ҳама атрҳои олам, накҳати орзуву ормони одамист.

ꕤ ꕤ ꕤ

Накҳати беназири атри фронса, накҳати шеъри нагуфта аст, дар ёди ғунчаҳо, дар хандаи гулҳо, дар дафтари сабзи гулистонҳо!..

ꕤ ꕤ ꕤ

Пойҳо низ дастанд, дастони хокбӯс.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дастҳо низ поянд, пойҳои гулчин.

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Одаме, ки ҳангоми фоҷиа тарона хонда наметавонад, қудрати мурда -мурда зистанро надорад. Миллат низ!

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Эй танҳоӣ! Эй модар! Дар офариниши ҳар лаҳзаинаи мани фарзандат азоби ҷонкоҳу ширини чиҳилдард ҳалолат бод!

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***ДИДАИ ДАСТҲО.*** Дасти наққошон чашм дорад, чашми ранга! То рӯи қоғаз ё матоъ овардани асар аввал онро бо нуги ангуштони худ мебинанд, сипас ба он шакли дилхоҳ медиҳанд. Наққошоне, ки аз бинoии чашми ангӯштон марҳуманд, аз доираи биниши содаи рангҳову қолабҳо дур нарафта, дар гирди худ мисли санги осиёи бедона мегардaнду мегарданд...

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

Ҳама аъзои одамизод соҳиби дидаи биност, хоса пӯсти одам!..

ӏӏ ӏӏ ӏӏ

***ГАНҶУРИ ЭЗОП***. Сарват доштан зинҳор маънии ғанӣ буданро надорад! Эзоп, ин ғуломи ҳалқабардӯш, ин марди бениҳоят зишт, ки ҷуз гарданбанди бардагӣ ва хилъати пора-пора дар бисот чизе надошт, бо хиради модарзоду фазилати худододаш донотарин ва доротарин марди олам буд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕯ ꕯ ꕯ

Сиришк поктарин моеъ аст.

ꕯ ꕯ ꕯ

Қудрати поксозии ашкро на об дорад на оташ.

ꕯ ꕯ ꕯ

Ашки андак, хоҳ ашки шодӣ бошад, хоҳ ашки ғам, рӯҳро пок месозад, дилро рӯшаноӣ медиҳад...

ꕯ ꕯ ꕯ

Гурусна низ мазҳаб надорад. Дину ойини гурусна, чун дину ойини ҳама бенавоён як бурда нон аст.

ꕯ ꕯ ꕯ

Муфлису бенаворо бо як пайсаи пӯчак метавон харид ва ҳамчунон бо як пули пӯчак метавон ба савдо гузошт!

ꕯ ꕯ ꕯ

***МИЛЛАТИ ИНСОН***. Одамон аввал одам ба дунё меоянд, сипас ба яҳуду арабу русу тоҷику тотор ва ғайра тақсим мешаванд. Эй кош, рӯзи ба дунё омадани миллати Одамро медидем!

ꕯ ꕯ ꕯ

***СОХТОР ВА ЗОДАИ ОСӢ.*** Сохторе, ки маро зода буд, оқибат аз офаридаи саркашу нофармонаш сахт пӯшаймон шуд ва бо кӯдаки ношуди худ, ки дар ҳама кор ӯро пешпо медоду дар ҳар қадам меранҷонд, ҷанги оштинопазир эълон кард. Дар асл Сохтор бо зодаи худ на, бо худи худ, бо хатову иштибоҳи нобахшидании худ меҷангид. Аз он ки

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

зодаи осияшро вақти дар батнаш дасту по зада исён карданаш, накушт, пӯшаймон буд. Тирҳои дер паррондааш сӯи худаш бар мегаштанд; Нишонрас, заҳролӯд, дардовар... Оқибат ҷанги ду тарафа бо шикасти ҳар ду тараф анҷом ёфт; Яке худро дар зери шикастапораҳои худ гӯр кард, дигаре дар хашми омиён. Яке худро гум кард, дигаре ҳамаро!..

⌶ ⌶ ⌶

Офаридгоре, ки офаридаи худро бераҳмона хароб мекунад,
ҷавҳари ҳастиро, -худро хароб месозад!

⌶ ⌶ ⌶

Ханда низ гиря аст, – гиряи шодӣ.
Гиря низ ханда аст, хандаи беҳолии андӯҳ!

⌶ ⌶ ⌶

Танҳоӣ сазо, ҷазо ва ҷоизаи худхоҳону худпарастон аст, аз тарафи ҳукумати Қисмат!.

⌶ ⌶ ⌶

Рӯи дигари ҳақиқат дурӯғ аст, рӯи дигари дурӯғ ҳақиқат!

⌶ ⌶ ⌶

Бо марги ҳар инсони ҳунарманду фарзона ҳазор ҷоҳилу беҳунар мувақатан соҳиби ҷоҳу мақом мешавад.

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***БАҲОРУ ХАЗОНИ ОФАРИНИШ.*** Адибон аз як асар то асари дигар, аз як китоб то китоби дигар камол меёбанд, аммо чӣ гуна камол меёбанд, баҳси дигар аст. Камол ҳар хел мешавад; Якеро боғи ҳусни ҳунараш гул мекунад, дигареро дар айни гулафшонӣ хазон мешавад.

ⵊ ⵊ ⵊ

Бо ҳар шахсияти бузург, бо ҳар истеъдоди фавқулода порае аз хуршед хоҳад мурд!

ⵊ ⵊ ⵊ

***ҲОЛАТИ ОТАШ ГИРИФТАНИ ХУН***. Интизории муҳаббат низ муҳаббат аст! Интизорие, ки аз ҳама гуна интизориҳо бо оташи ширинсӯзи беқарорияш, бо умеди ноумедияш, бо фалсафаи маънидодкунандаи ҳолати ҳол фарқ мекунад.

ⵊ ⵊ ⵊ

***ХОБИ БЕДОР***. Одами ба олами андеша фуру рафтаро бедору нофор накунед! Ӯ хоб аст, хоби бедор. Хобидаро ба мурда баробар мекунанд. Ҷони танро тарк карда имкони фаврӣ ба ҷилди бадан баргаштанро надорад!.. Магар мурғи аз қафас парридаро осон метавон бар нардонд?

ⵊ ⵊ ⵊ

***РӮҲИ ҲОЛАТ, ҲОЛАТИ РӮҲ***. Ҳама гуна рафтору кирдори ғайритабиӣ, хоҳ хиёнат, хоҳ қаҳрамонӣ ба ҳолати рӯҳии одам вобаста аст. Маҳз ҳолат, таркиши дам, фишори лаҳза буздилу тарсуву хоинро, сар супурдаву қаҳрамону ҷонфидоро меофарад. Касе аз модар қаҳрамон ё хоин зода нашудааст!..

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

***ПАЙКАРАИ ХОРОИ ТАНҲОӢ.*** Гоҳе дар хомӯшии таркандаи ҳолати рӯҳ эҳсос мекунам, ки дар ҳама дунё бо дарду ҳасрати худ чун кӯдаки ятим яккаву танҳоям. Дар олами бекасии худ ҷовидона санг баста, на танҳо аз ёди одамон, балки аз ёди офаридгор низ рафтаам. Танҳоии ман аз набудани одамон на, аз будани набудани ишон аст!
Дар дили ман пайкари танҳоиро бояд гузошт,
То набошад мисли ман танҳоӣ, танҳо!..

⌶ ⌶ ⌶

***ПАЙКАРИ САНГИНИ ТАНҲОӢ***. Ин манам, ки ҳар рӯз сад бор дар хиёбони танҳоӣ, ба пояи пайкараи сангини танҳоии худ гулдастаи сангин мегузорам! Зиҳӣ, ҳавсалаи сангии санг!

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ тозагии нури назар аст.

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ никоҳи рӯҳонии ду нигоҳ аст!

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ ҳамҷӯрии арғануни ду дил аст!

⌶ ⌶ ⌶

Ишқ ҳамсадоии чангу чағонаи хуни набзҳост!

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ишқ оташаки ҷовидонаест, ки дар як ҷо хомӯш шавад, ҷои дигар фурузон гашта, рӯшантару сӯзонтар хоҳад шуд.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ишқ ҳама чиз аст, дар дунёи фонӣ, дар олами ҳечу ҳечон!..

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Миллату мазҳаби ошиқон ишқ аст!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ошиқон аз бузургон бузурганд, аз хурдон хурд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

“Гӯянд ҳама чиз ба ҳангом бувад хуш,
Эй ишқ, чӣ чизӣ, ки хушӣ дар ҳама ҳангом?!” –
Ҳамин як байт, як осор, як китоби ҷовидона аст, аз ҳамасри пири панҷрӯдӣ, Сӯзании Самарқандӣ...

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Ишқ бо поксӯзии худ хунро тоза мекунад.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

***“БИРАВ, ПОК ШАВ!..”*** Ошиқон зебо мешаванд, яъне пок мешаванд. Шояд дар чунин ҳолати покии аҳуроӣ, шояд дар чунин лаҳзаҳои ҷовидонаи аз худ бурун рафтан шоир хитоб карда аст:
“Бирав, пок шав, то худобин шавӣ,
Бубин ман худоро куҷо дидаам!..”

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

Ман шаш миллиард китоби нахонда дорам, шаш миллиард китоби нахондаи чеҳраи одамон!

⌶ ⌶ ⌶

***ГУНОҲИ ГУНОҲ.*** Тарс, биму ҳарос ҷавҳари ҷасорату бебокиро дар неруи хуни инсон кушта, миёни мардиву мардонагиро мешиканад. Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки тарс бадтарин гуноҳ аст!

⌶ ⌶ ⌶

***ЧАШМИ КАФИ ПОИ ШУТУРМУРҒ.*** Мехоҳам аз ҳама оламу одам дилу дида бардорам ва ба қавли шоир"ҷое равам, ки гардун болои сар набошад!". Мехоҳам қитъаеро кашф бикунам, ки андар он на ман бошам, на дигарон. Мехоҳам мисли шутурмурғ сарамро ба хоктӯда пинҳон кунам, бо умеде, ки чашми кафи пойҳоям хок берун хоҳанд монд!..

⌶ ⌶ ⌶

***КӮРГИРЕҲИ СИЛСИЛАҲО.*** Мехоҳам оламеро кашф бикунам, ки ба ҷуз хаёли хастаам, роҳи онро касе суроғ накунад. Мехоҳам қуллаеро бипаймоям, ки ғуборе ба рӯяш нарасида бошад. Мехоҳам аз худ сӯи қалъае бигурезам, ки на дар дошта бошад, на равзан... Дареғо, ҳама силсилаву банду ҳалқаҳои аёну ноаёни зиндагӣ бо шарёни ман ҷовидона кӯргиреҳанд...

⌶ ⌶ ⌶

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ОБУ ОТАШ.*** Ба дӯстии беғаразӣ подшаҳон умед бастан, ба муҳаббати самимии ома эътиқод кардан, аз каждум бӯсаи меҳр хостан аст. Дар ҳама даврy замон оқибати меҳри подшаҳон ҳалқаи дор, рӯи дигари муҳаббати ома нафрат хоҳад буд...

ǁ ǁ ǁ

***ХУНИ СӮЗОНИ ИҲСОС.*** Мехоҳам лаби сарди пиряххову чашми кабуди чашмаҳоро бибӯсам. Мехоҳам сари сахти сахраҳоро кӯдакона навозиш кунам. Мехоҳам пешонаи дамидаву фарохи қуллаҳоро чун ошнои дерина бо борони бӯсаи ҳузну хумор лолакорӣ кунам! Аммо ҳайҳот! Шавқу ҳавсалаву ишқам пир, хуни сӯзони иҳсосам сард, ҷони ҳавасам хаста, парандаи хоҳишам паршикаста аст!..

ǁ ǁ ǁ

***АРҒУШТИ ШУҶОАТУ БУРДБОРӢ.*** Чӣ содаам дар ҷасорати бечорагии худ! Чӣ нотавонам дар тавоноии беҳолӣ! Бар алайҳи аждаҳои ҳастӣ харгӯшвор меҷангам. Ба муқобили тӯфони қисмат қатравор меситезам. Дар дами самуми фоҷиа чун ниҳоли решакӯчаки ларзон рақси бурдбориву шӯҷоат иҷод мекунам; меҷангаму меситезам, меларзаму мерақсаму медонам: Саркардаи ҷоҳилон миёни шасту бебокиямро номардона шикастааст...

ǁ ǁ ǁ

***СУОЛИ НИГОҲ БА НИГОҲ.***

– Ту кистӣ? – мепурсад нигоҳи сарду беҷони ман шабаҳи ношиносамро дар чашми ойина дида.

– Ман дигар ҳеч касам! – ҷавоб мегӯянд чашмони мурдаи берӯҳам, ба нигоҳи бегонаам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕤ ꕤ ꕤ

***МУРДАИ МУРДА.*** Кайҳост бо шеваи ҷавҳаркуши ҷаҳл ҳақирона хӯ гирифтаам. Кайҳост бешаи қудратам шер надораду пири ҳикматам тадбир. Кайҳост зистан бароям бозист. Кайҳост аз беиҳтиромӣ нисбати шахсияти худ дар чашми ҷаҳолат воломақомам... Кайҳост мурдаи мурдаҳои оламам!..

ꕤ ꕤ ꕤ

***ДУ САРИ САРИ БЕСАРӢ.*** Ҷамъият чашм надорад!- Монанди кирми лойхӯрак ду сар дорад; сари аввалаш дар кафи пойяш, сари дуввумаш дар тахтаи пӯшташ ҷой гирифтааст. Ин кӯри дусар аз аввал то охир барои ду сари бечашми худ, аз ду сари бечашми худ сарвар меофарад, сарвари бесар, сарвари сархӯр, довари ноҳақ, раҳнамои бераҳии зиндагиву марги худро...

ꕤ ꕤ ꕤ

***ТИРИ МАРКАЗИ ТАҶРИБА.*** Мо миллати мисли дунё қадимаем. Ҳамчун намояндаи дунёи қадим кайҳо, мақоми таърихии динозаврҳоро сазоворем. Санги ҳама гуна таҷрубаву таҳқиқи хурду бузурги оламу одам сараввал дар сари сахту бесоҳиби мо шикаста аст!
Дар саросари олам миллатеро, ки бо чунин хушнудии ҳақирона ба ҳама гуна таҷрубаву озмоишҳои алайҳи инсононона омода бошад, наҷӯед, зеро нахоҳед ёфт! Бешубҳа мо миллати хеле қадимием! Моро ҳамчун ворисони динозаврҳо барои дидану омӯхтану таҳқиқ, барои гузаронидани таҷрубаҳои алайҳи инсонона, барои тамошо аз маҳв шудан ҳифз бояд кард!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕤ ꕤ ꕤ

***ҚАҚНУС, ФАРИШТА, ШАЙТОН.*** Моро оқибат бо нармии пунба ва хурофоти мазҳабнмо куштанд! “Ёрон кушта дар офтоб нагзоранд!” Моро кушта дар офтоби сӯзон гузошта рафтанд... Аммо чунин миллати ҷонсахтро маҳв кардан, неруи зиндагиро дар батни ҳастӣ нест кардан аст. Бори ҳазор дар дидаи ҳайрати қотилони худ монанди мурғи қақнус аз оташи нафас, аз найчаи димоғ навои зиндагӣ боло карда, зинда шудем! Зинда шудем то ки бори ҳазор зиндаҳои боқимондаро аз зиндагии шоистаи инсонӣ маҳрум гардонем... Мо тир шудем, тири сӯзон, – дидаи хирабини якдигарро ба нишон гирфтем, якдигарро кӯр кардем, аз пештара кӯртар! Ханҷар шудем, – ханҷари охта, дилу ҷигари якдигарро шикофтем, аз пештара ҷаррортар, аз пештара бераҳмтар! Ҷаҳли пӯнбагӣ, – қатли пӯнбагӣ! – моро оҳанин кард, на барои бурдбории худсозӣ балки барои худбозӣ! Хурофотпарастии мазҳабнамо моро аз ҳуру фаришта дур, ба шайтону деву дадон наздиктар кард. Он қадар наздик, ки байни худу иблис тафовуте надидем, худро аз иблис иблисро аз худ ҷудо карда натавонистем. Аз паи иблис рафта худро ба вартаи бечорагиву худкушӣ афкандем... Гумон аст, ки фариштаҳои таҳқир шуда, раҳи дилҳову манзилҳои сӯхтаву хароби моро дигар суроғ бикунанд.

ꕤ ꕤ ꕤ

Мо дар ҷодаи худҷуиву худсозӣ, аз худ гузашта ба ҳеч куҷо нарасидем!

ꕤ ꕤ ꕤ

***ЯКИ ҲАМА***. Барои дӯст доштани оламу одам аввал якеро

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дӯст бояд дошт! Кучост ҳамон як нафаре, ки ишқи оламу одам аз ӯ, дар ӯ ва бо ӯст?! Кучост ҳамон яке, ки маро як умр аз эъҷози шоирсозу зиндагинавози ишқ маҳрум карда аст?!

ꕯ ꕯ ꕯ

Пирӣ хастагии хун, бемории шавқу ҳаваси таманност...

ꕯ ꕯ ꕯ

***ДАР ҶУСТУҶӮИ ХУД.*** Мехоҳам аз Худ то ба Худ роҳ бикушоям, аммо гарданаи (ағбаи) ошноӣ бо худ чун роҳи Помир дар зимистон яхбаставу касмагузар аст.

ꕯ ꕯ ꕯ

Хумори бодаи мозист, дарди сари ҷодаи ба худ расиданҳо!

ꕯ ꕯ ꕯ

Танҳоӣ яке аз ҷоизаҳои шоистаест, ки сарнавишт дар ивази истеъдоди худодод ва баҳои ҳунар ба ҳунарманд мебахшад.

ꕯ ꕯ ꕯ

***ТАМАННОИ ҶОИЗА.*** Танҳоии ман ҷоизаи ягонаест, ки бо иҳтироми том, бо хоҳиши худ аз замонаи занкуш ва ҷамъияти ваҳшиву беадолату ҳақиқаткушу дурӯғпарвар пазируфтаам!

ꕯ ꕯ ꕯ

***ШЕРУ РӮБОҲУ ГУРБА***. Шери ғурурам як умр аз рӯбоҳи озу ниёзу тамаъ домангир аст.
Як умр мехоҳам бидонам, ки дар ман шер бештар аст ё рӯбоҳ.Занро гӯрба мегӯянд!..

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

***БАЪДИ ЧИҲИЛ СОЛ.*** Баъди чиҳил сол решаи дарахи чанор ба қаъри замин мерасад.

Баъди чиҳилсолагӣ боғи хиради мардон саросар мешукуфад.

Баъди чиҳилсолагӣ, гулшани ҳусни занон сӯи хазонрез рӯй гардонда, дар пардаи ҳузну таассуф оҳанги ғамангези пажмурдагӣ оғоз мекунад...

Чӣ бераҳмӣ, чӣ беадолатӣ, чӣ мантиқи бемантиқу бераҳмонае ниҳон аст, дар ин ҳақиқати талх, дар ин оғози анҷоми фасли сабзгунаи ношукуфоӣ! Ин гулбуни нозанин фасле рӯй ба хазон меорад, ки дили зан аз фасонаи ҷавонӣ, аз ишқ, аз таронаи орзуҳои аҳуроӣ лабрез аст... Вақте ки зан ба камоли нозанини ҷамол мерасад, вақте ки зан асрори ҳунари волои дилбариро кашф мекунад, вақте ки зан донишгоҳи пурасрори нозу адоро бо баҳои аъло хатм карда, нақши мардафкани устодиву шогирдиро ба як бор мебозад, вақте ки зан ба маънии асл зан мешавад, ҳамин вақт боғи гулафшони ҳуснаш рӯ ба хазон меорад... Дар таҳлили ин ҳақиқати талх на танҳо кӯрбинии чашми инсофи одамизод, балки хирагии дидаи табиат низ, ки мизону меъёри ҳақиқат аст, ба назар мерасад...

⌶ ⌶ ⌶

Мусиқӣ оҳанги қудсии рӯҳи инсон аст, ки ҷонро ба рақс меорад.

⌶ ⌶ ⌶

Онеро, ки душманони тавоно дорад, дӯстони қаввитару тавонотае мебояд! Парвардигоро, дӯстони камшуморамро қавӣ гардон!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

Ранҷиш чанд навъ мешавад, аммо  ман ду хел ранҷишро медонам;Ранҷиши хомӯшона ва баландоворо. Ман баландово меранҷам!

⌶ ⌶ ⌶

Одам барои худнамоӣ, шӯҳратнамоӣ ва оламкушоӣ ба дунё меояд, аммо онро ҳақиру бечора тарк мекунад.

⌶ ⌶ ⌶

***БАЗМИ ҚУРБОҚАҲО ДАР БОҒИ БУЛБУЛОН***. Сел омад! Аз борони дидагони ошиқони таҳқир шуда, сел омад! Хонаи мӯрро об зер кард. Кӯлоҳи ҳут-ҳутакро об бурд. Мурғони ошиқ гулшани хазонрасидаро тарк карданд. Булбулони ғамзада худро дар шохаҳои гулбуни боғи офатрасида овехтанд... Базми зишту беназми қурбоқаҳо оғоз ёфт!.. Қотилони андаледон! Марҳабо ба базми қурбоқаҳо, ба маҳшари фарорасидани  охирзамон!..

⌶ ⌶ ⌶

Аз гӯри кӯҳна, – аз ҳавзи шиноварии қурбоқа, маъзарат мехоҳам!..

⌶ ⌶ ⌶

Зору залилии қавме ҷурми қабила аст. Хориву зории миллате ҷазои осмонҳост!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

***ҲОЛАТИ МАСТИВУ ҲУШЁРӢ.*** Бахт ҳолатест байни мастиву ҳушёрӣ, хобу бедорӣ, дарду бедардӣ, бардамиву беморӣ, хубиву бадӣ, зиштиву зебоӣ... Бахт чизест, ки ҳама мехоҳанд дошта бошанд, аммо касе намедонад, ки он чӣ ӯ мехоҳад чист ва дар куҷост.

Хушбахт касест, ки хаёли бахтро дар сар надошта бошад.

Хушбахт онест, ки надонад бадбахт будан чист!

* * *

Дар ҳама кор метавон пӯшаймон хӯрд, ба ҷуз ибодати самимона ба даргоҳи падару модар, ба даргоҳи онҳое, ки моро зиндагӣ ато кардаанд.

* * *

Дар ҳама кор метавон дер кард, ҷуз имон овардан ба имони имони худ!

* * *

Ман аз беақлии одамон хастаам, онон аз ақли кӯргиреҳи ман.

* * *

Мани зан, пеши беҷинсон нагирям,
Аз он тарсам, ки номардам бигӯянд!

* * *

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ЧАРОҒИ МУРДАИ РАҲНАМОЁНИ БЕРАҲӢ.*** Сиёсат бозист, бозии даҳшатноки гурӯҳи беинсофу безот, бозии бе қонуну қоидаву як тарафаи тоифае зиштаъмол, бозии макру фиреби айёрона, бозии номардонаи як ваҷаб роҳи мушкилгузари ҳунарро тай накарда, ба баландтраин қуллаи мақсад расидан...

ꕷ ꕷ ꕷ

Атр шеъри накҳати ҳастист.

ꕷ ꕷ ꕷ

Атр нафаси хушбӯи димоғи таманнои рӯҳ аст.

ꕷ ꕷ ꕷ

***ҲАФТ ШАҲРИ ИШҚ, ҲАФТ КӮҲИ РӮҲ!***

"Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем!", –

Орифона, ошиқона, бехудона ба худу ҳамагон хитоб карда аст, қуллапаймои моҳири ҷодаи тариқат Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ-Румӣ... Оре, шайх Аттори нишобурӣ ҳазор аждаҳори нафси инсонияшро кушт, то ба фатҳи ҳафт шаҳри ишқ мушарраф гардад. Марги нафс бемаргии рӯҳро зода, ба шоир зиндагии ҷовидона ато кард ва ӯро қиблагоҳи ошиқони содиқи роҳи ҳақиқату тариқат сохт, аммо мо, ҳамонем, ки ҳамонем! –

Ҳафт кӯҳи рӯҳро Аттор гашт, –
Мо ҳанӯз андар хами нафси худем!

ꕷ ꕷ ꕷ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Инсон ду Ватан дорад; –
Гаҳвора ва тобӯт!
Роҳе, ки мо аз гоҳвора то тобӯт тай мекунем, сафар аз Ватани тифлӣ ба Ватани пирист!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Муҳаббат рӯи дигари нафрат аст, зеро нафрат бидуни муҳаббат вуҷуд нахоҳад дошт!

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

***АХГАРИ УМЕДУ ШАРОРАИ ИШҚ.*** Ғамбемории ноумедӣ, ки аз марги орзуҳо сар мезанад, қотилтарин беморист. Ин дард рӯҳи инсонро коста, дар авҷу хурӯҷ беморро ба ҳалокат хоҳад расонд... Давои ягонаи ин дарди беному бенишон аз нав шукуфтани ахгари умеду шарораи ишқ дар хун, дар ҷон, дар рӯҳи ғамбемор хоҳад буд!..

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Маъбаде мехоҳаму обидае,
В- аз нури яздонӣ чароғе,
Ки шаби ялдои раҳгумиву озарн-ошноӣ,
Миллате дар ҷустуҷӯи хештан,
Аз зулмату деву дадон, дорад суроғаш!..

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

Инсони комил кист? –
Оне, ки надонад комил будан чист.

ӀӀ ӀӀ ӀӀ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Инсони бузург кист? –
Оне, ки пирӯзии нафсро ба рӯҳ марги маргон шиносад.

ⵊ ⵊ ⵊ

Маъбадҳо ба чӣ кор оянд? –
Барои тамаъ ва гунохпӯшии одамон!

ⵊ ⵊ ⵊ

***САДОИ СОЯИ САФОЛПОРАҲО.*** Қасру кӯшкҳои хароби хусравони салтанати мозӣ, мӯште зару зевар аз хирвори дороёни ба хок яксон ва сафолпораҳо, сафолпораҳо, сафоли бешумор...Сари хирмани бебодгари ин шикастапораҳои шоҳид боре андешидаед?
Оё боре ба худ суол додаед, ки чаро маҳз сафолпораҳои ночизу беарзиш рамзи ҳашамату салобати хоку боди шоҳону каён гашта? Шояд бо ин рамзи сода таърих бо забони сафолпораҳо аз номи гузаштагони хок шуда ҳозирону ояндагонро ҳушдор медиҳад, ки оқибати ҳама оқибатҳо шикастан, рехтан, хок шудан аст! Эй аз хок расида ва бар хок даванда! Эй пайкараи сафолии ғурур! Эй мӯшти хок! Ҳанӯз, ки хок нашудаиву бар бод нарафтаӣ, ҳанӯз, ки ба пораи сафол табдил наёфтаӣ, дар олами бишкан-бишкан кафшергар бош!..”

ⵊ ⵊ ⵊ

Табиати оташ, ки яке аз чаҳор унсурҳои ҳастист, аҷиб аст;
Дар маснади поксозии худ месӯзаду месӯзонад!

ⵊ ⵊ ⵊ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Оташ сӯзи рӯҳи инсонҳоест, ки тавлид нашуда фавтидаанд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Мантиқи худсӯзии худсӯзонро, ин муаммои даҳшатноку оташини сарбастаро чӣ гуна метавон бо ақлу хиради сард шарҳу эзоҳ дод? Танҳо бо забони безабонии оташи хомӯшӣ!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Оне, ки худро ба оташ медиҳад, оташи зиндагияш, оташгаҳи созандаи рӯҳу ҷонаш бебозгашт сард шудааст... Барф оташ меҷӯяд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

“Он чӣ киштӣ оқибат ҳамонро хоҳӣ даравид” – гӯянд онҳое, ки гул кишта хор дарав кардаанд!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Марг имкони ҷовидонаи роҳат кардану орамидан аз такопӯи бемантиқи зиндагист.

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Марг хоб аст, хобе, ки бедорӣ надорад!..

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Одамро хастагиву дилмондагӣ аз зиндагӣ ва зиндаҳо ба ҳалокат мерасонад!

Ⅱ Ⅱ Ⅱ

Марги забон марги миллат аст!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

⌶ ⌶ ⌶

Марги забон нуқтаи охирин аст ба поёни китоби торих, фарҳанг, расму ойини як миллат, як мӯъҷизаи беназири офаридгор...

⌶ ⌶ ⌶

***КАМ ШУДАНИ АФЗУДАН.*** Одамизод аз лаҳзаҳои нахустини ба дунё омаданаш ба тадриҷ, лаҳза ба лаҳза мемирад, аммо дар такопӯи будану набудан, дар гирудори зиндагӣ, ки гирудор бо марг аст, мурдани худро эҳсос намекунад.

⌶ ⌶ ⌶

Нестӣ низ ҳастист, аммо дар шакли нестӣ!

⌶ ⌶ ⌶

Зиндагиро ҳароси марг беҳол мекунад.

⌶ ⌶ ⌶

Бадтарин ҷазо ҷазои виҷдон аст.

⌶ ⌶ ⌶

Даҳшатноктарин ҳукм ҳукми худ аз тарафи виҷдону имони худ аст! Ваҳшатноктарин қатл низ қатли худ аз тарафи худ аст!

⌶ ⌶ ⌶

Шахси гадоро метавон таҳаммул кард, аммо миллати гадоро, зинҳор!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Хирад ҳазору чанд фасл дорад. Ман як фаслашро медонам; фасли нодонии доной!

* * *

Зан ду умр дорад; Умри тӯлонии марги орзуҳо! Умри аз он ҳам тӯлонитар -ояндаи наоянда!

* * *

Зан ду қотил дорад;
Боварии содалавҳона.
Нобоварии занона!

* * *

Оҳи бод бӯи хок дорад, – оҳи зани фирефта бӯи гулистону чамани сӯхта...

* * *

***МАНЗИЛИ ДИЛ***. Мехоҳам мардуми оламро ба хонаи худ ба меҳмонӣ бихонам, аммо дар дилам ҷой нест. Ба меҳмонии оламу одам шабаҳи ихлосу эътиқодамро роҳӣ хоҳам кард!

* * *

***БОЗГАШТ БА МАКТАБИ ОРУВУ ГУЛИ ХОР***.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Фурсати аз боду бода гузаштан фаро расида! Бояст ба асли худ, ба решаи мавҷудияти худ бар гашт ва омӯзишу тадқиқоти ҳазорсолаи фалсафаи заҳмати шоиронаи оруи асалу накҳати мадҳушкунандаву наомӯхтаи гули хорро идома дод...

⌶ ⌶ ⌶

***ЧАШМИ СӮЗАН.*** Онон, ки як умр нусхабардори боҳунари ҳунари дигаронанд, онон ки боре ба худи худ пайравию тақлид накардаанд, аз лаззати заҳри худбиниву худсозиву худбозиву худшиканӣ бебаҳраанд. Қуллаи ҳунари аз паи худ рафтанро кашф бояд кард; барои расидан ба худ, барои дидани дигари дигарон, барои расидан ба дигари дигарон!..

⌶ ⌶ ⌶

***ИШҚИ ЗИСТАНИ НАЗИСТАН***. Марина Цветаева, ин қурбонии гаронқадри қарни ҳунаркушу ҳунармандхор, ин шоири ҷуз ба худ ба ҳама ошиқ, ишқи сӯзони зистанро дар нафаси назистан таҳаммул карда натавонист. Оқибат бори гарони рӯҳи бузургашро ба дӯши ҷони нотавонаш афканда, ҳар дуро ба ҳалқаи дор ҳавола кард... Шоир аз баҳри ҷон гузашт, то он чӣ аз рӯҳи волои ӯ боқӣ монда буд, дар гирудори бераҳмонаи таҳқири зистани назистан ба хок яксон нашавад. Марги Марина Цветаева марги ҳунар, марги ҳама ҳунармандони беназири қарни бистум аст, ки дар фишори таҳқири қобу қолаби сиёсати хунини замона зиста натавониста, ба худкушӣ расиданд!..

⌶ ⌶ ⌶

**ВУҶУДИ ҲАҚИҚАТ ДАР ҲАМА ҶО, ДАР ҲАМА КАС.** Офаридгор инсонро барои эҳсос кардани вуҷуди ҳақиқат дар ҳама ҷо ва дар ҳама кас, барои дарёфтани ҳақиқати кул дар ҳама ҷо, офаридааст. Аммо барои

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дарёфтани ҳақиқати кул, ки худи худост, одамизод ҷисману рӯҳан зинҳор омода нест, зеро ба ҳақиқати кӯл расидан ба худо расидан аст. Ба худо расидани инсони хокӣ, ки офаридгор ҳамчун нусхаи худ офаридааст, ба асл расидану маҳв шудан аст!

Офаридгор нусхаи худро дӯст медорад ва маҳв шудани онро намехоҳад!..

ⵊ ⵊ ⵊ

***РИСОЛАИ ШОИРОНА ДАР МАВЗӮЪИ “СЕБ”-И ИСҲОҚ НЮТОН, Ё САРГАРМӢ ДАР БОҒИ АНДЕША***.

Чӣ хубе, ки он гоҳ ба фарқи сари гаронбаҳои олими хаёлманд ҷои себ чормағзи сангини кокос сарозер нашуд! Дар акси ҳол олим як умр ба табобати мағзи нобиғааш машғул гашта, олам аз кашфи ҷозибаи кашиши ҷисмҳо бенасиб мемонд. Бе шубҳа ҳама кори офаридгор барои беҳбудӣ, камол, пешравӣ ва тарбияи рӯҳиву ҷисмии одамизод аст! Агар чунин намебуд, магар як себи шохи дарахтро аз рӯи одати ирсӣ тарк карда боиси ин қадар саргармиву фикру хаёл ва баҳсу андеша мешуд? “Себ” – и ҷаноби Исҳоқ Нютон маро, як шоири хаёлии суханҷӯю суханбофро низ маҷбур кард, ки дар сояи дарахти себи як боғи бесоҳиб, ҷои себи маҷонӣ хурдану дар таркиби хуни худ оҳанафзудан ба асрору

мантиқи қувваи кашиш сар ба сар бизанам ва ҳаракати ногузиру тарафайни ҷисмҳоро дониставу надониста, хоставу нахоста,фаҳмидаву нафаҳмида пайгирӣ бикунам то хулосае берун орам, ки дар табиат ҳеч гуна ҷисми мурдаву беҷон вуҷуд надорад. Ба қавли шоир ҳатто” санг ҳам диле дорад!..” Себ аз он шохаи дарахтро тарк мекунад, ки қувваи кашиши замин онро ба “ҳаракат” маҷбур месозад. Тахминан чунин аст, мағзи кашфи оламгири олим... Олами илму фан он гоҳ барои соддагии худ, сӯи олими нобиға табассуми узромезе карда, кашфи ӯро гӯиё ҳамчун ҳақиқати кул, бидуни тасдиқу инкор, бидуни

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баҳсу андеша пазируфт. Баҳси хомӯшонаи ман низ пеши худ бо “себ” – и ҷаноби Исҳоқ баъди садсолаҳои сипарӣ шуда, ҷуз кушиши аз роҳи дарку андешаи хусусӣ ба мантиқи ҷисму ашёи масъалаиҷодкарда расидан дигар чизе нест! Аз вақти кашфи “себ” – и Нютон садҳо баҳорон хазон шуданд, милюнҳо дарахтони себ гулу ғурра карда, комҳоро ширин, хокро ғизо бахшиданд.Ба назари нависандаи ин сатрҳо себ низ , на танҳо себ, балки ҳама ҷисмҳои зинда, аз рӯи барномаи ҷовидонаи табииву ирсии худ “амал” мекунанд. Себ низ, на бо “фармони кашиши замин” шохаи дарахтро тарк мекунад, балки вазифаи “себона” – и худро аз оғоз то анҷом иҷро карда, “аз тифлӣ то пирӣ” роҳи худро паймуда, ҷои худро барои самари нав омода месозад...Чунин ақидаро на танҳо ба Себ, балки ба ҳама мавҷудиятҳои зиндаи табиат, аз содатарин гиёҳ то мураккабтарин дарахт метавон нисбат дод. Барои мисол роҳи баргро аз оғоз то анҷом менигарем. Чаро барги сабз, барги тар, барги вазнин шохи дарахтро тарк намекунад? Чунки барги сабз ҳанӯз зард нашудааст, ҳанӯз хушк нашудааст, ҳанӯз роҳи “баргона” – и худро, аз рӯи коди ирсият напаймудааст, ҳанӯз аз оғоз ба анҷом нарасидааст... Барг ҳамон вақт шохи дарахтро тарк мекунад, ки ҷои ранги сабзи обдору зиндагидорро дар рагҳояш, ранги зарди фарсудаи ба хушкӣ расида иваз бикунад. Барги зард, барги сабук шуда ба дарахт падруд мегӯяд. Барг дар сабзияш, “ҳангоми тару вазнин буданаш” аз рӯи қонуни кашиш чун себи “расидаву обгирифтаву пӯхтаву вазнин” бояд шохсорро тарк мекард, аммо ҳолати баракс мушоҳида мешавад. Ин мушоҳидаи бидуни ихтиёр касро ба андешае водор мекунад, ки себ на барои он меафтад, ки қувваи кашиш ӯро ба ин амал маҷбур мекунад, балки Себ аз камоли расидан, аз вазни тани обистани худ, аз беҳолии шохсор, аз сардии ҳавои тирамоҳ, аз нафаси марговари сармо, аз ба охир расидани роҳи ирсӣ, аз саргумии бемантиқи

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳаракат дар хатти охирини инкишоф, аз хӯрда шудани кафи пои худ дар ҷодаи талошу кушиши ҳаракати будан, аз гирудору рақси беист, дар дами боду боронҳои шаддид, аз пирӣ, аз роҳи себонаи худро дар таги чарх ба поён расондан ва ҷои худро мисли ҷаҳор фасли сол, мисли ҷаҳор фасли умри одамӣ ба ояндагон додан, дарахтро тарк мекунад... Себ меафтад, ки бимирад!.. Аз рӯҳи олими нобиға барои баҳси "себона" маъзарат мехоҳам. Умедворам, баҳси шоиронаи ман дар гирди як себ, ки аз баҳсу фалсафааш, газида хӯрданаш осону муфидтар буд, қонуни азалии кашишро вайрон накарда, ҳаракати ҷовидонаи заминро дар гирди тири худ боз нахоҳад дошт!..

ӿ ӿ ӿ

***ЭЪҶОЗИ КАЙҲОНИИ ХОКИЁН***. Кайҳон дар ҳунари офариниш, хоса дар иҷоди сеҳру мӯъҷизаи ишқ аз фарзандони заминияш пас уфтода аст! Лайливу Маҷнунҳо, Ромеову Ҷуллетаҳо, Саломону Абсолҳо, Вомиқу Узроҳо, Хусраву ширинҳо!.. Ҳар миллат, ҳар халқият, ҳар қабила ҷуфти ошиқони худро офарида, онҳоро аз шодии дидору лаззати васл бераҳмона маҳрум карда, ишонро аз ғами ҳиҷрон кушта, дар мотами қурбониёни худ ҷовидона ба мотам нишастааст! Ошиқони нокому зиндаҷудову намирандаи асотирӣ, ин ҳамзамонони бидуни давру замонҳо, ин будаву набудаҳо, ин фарзандони нозпарвару маҳзуни ишқ ба боғҳо ҳусн бахшиданд, сарморо оташ доданд, фасли панҷуми умри инсониро офариданд, роҳу равиши зиндагии инсонро дар таҳи чархи раҳнамо дигар карданд... Чӯ гуна метавон иқрор нашудан, ки ишқ, танҳо ишқ муаллифи ҳама асарҳои бузурги олам асту хоҳад буд?!

ӿ ӿ ӿ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***ОБ, САРОБ, КӮЛМАК***. Ҳар кас бо дидаи худ офтобро мебинад, ҷодаро мепаймояд, ҷоҳу вартаро месанҷад, аммо чун кор ба равишу биниши ақида мерасад, одамон аксар аз паи дигарон мераванд, хатои дигаронро такрор мекунанд, дар балои ҷурму гуноҳи дигарон мемонанд, дар кӯлмаки ғаждии дигарон ғарқ мешаванд.

⌶ ⌶ ⌶

Аз нигоҳи иҳсосам, хуни шеърҳоям сард шудааст. Бидуни ин сӯз шеър гуфтан маънӣ надорад!

⌶ ⌶ ⌶

ХУЛОСАИ БЕМАНТИҚИИ АҚОИД. Ҷангҳои олам аз оғоз то анҷом ҳама хулосаи бемантиқии ақидаҳои ба ҳамдигар мухолифанд, ки ба ҳам сарбасар зада, аз дарки бемаънигии худ, ҷои худкушӣ кардани соҳибақидагон, ба қатли ом, ба худкушии бехудонаи милюнҳо оварда расондаанд.

⌶ ⌶ ⌶

ПАЙВАНДИ ДУРУД ВА ПАДРУД. Адовати оштинопазири ақидаҳои ночиз, зинҳор кирои онро надоранд, ки одамон хушбошии дурудро ба падруди худкушӣ иваз бикунанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*1997*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Гулрухсор**

“РӮЗНОМАИ БЕРӮЗ”:
Китоби аввал. 1998. 145 с.

Аз саҳифаи аввали “Рӯзномаи берӯз” хонанда ба олами пурасрори андешаҳои муаллиф ворид шуда, андар он бо худу бе худ сайр мекунад, раҳгум мезанад, худро меҷӯяд, зеро “ ба инсон ҳама чиро метавон омӯхт, ба ҷуз дар олами андешаи дигарон кашф кардани олами худро!..” Рӯзномаи берӯз” баъди романи “ Занони Сабзбаҳор “, дуввумин

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

асари насрии шоир аст, ки ба хонандагон пешкаш мешавад. Ошиқони шеъри Гулрухсор баъди хондани “Рӯзномаи берӯз” низ хоҳанд донист, ки шоир дар навиштани наср ҳам шоир хоҳад монд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

1. Гулрухсори сенздаҳсола.
2. Аз чап ба рост: Апаи Олуфта, Гулхандон,апаи Мастона бо писарчааш Ҳикмат,Гулрухсор. ( 1964)
3. 1964.
4. 1965.

--------------------------------------------

2

1969. Таронаи ҷавонӣ.
1976. Баҳор.

-----------------------------------

3

Хонаи падар.

------------------------------

4

“Азизи ман,азизи сад ҷаҳон шав!”. 1976.
Азизи модар. 1978.

------------------------------------------------------

5

“ Салом,Роғун!” 1976.
“Падруд,Роғун!” 1976.

------------------------------------------

6

Дар меҳмонии нависандаи маъруфи рус Михаил Шолохов. Москва. 1969.

--------------------------------------------

7

Москва. Китобхонаи ба номи Некрасов. ( аз чап ба рост ) С.И. Липкин, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода ва Гулрухсор. 1972.

Мунаққид Ахиёр Ҳакимов, шоира Мавҷуда Ҳакимова, нависандаи маъруфи қазоқ Анвар

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Олимҷонов, устод Боқӣ Раҳимзода ва Гулрухсор.

----------------------------------------

8

Москва. Маҷлиси Панҷуми адибони ҷавони Иттиҳоди Шӯравӣ.1969. Адибони ҷавони мамлакати шӯро дар сӯҳбати нависандаи маъруфи рус Константин Федин.

Бо шоир Николай Тихонов.

-------------------------------------------------

9.!

Душанбе.Тобистон.1978.

Яхч.Дар сари сарчашмаи илҳом.

---------------------------------------------------

10

Бунёди Фаҳанги Тоҷикистон. Дар сари дастхати қадима бо олимони тоҷик.1991.

11

Москва. Хонаи адибон. Бо шоираи номдори рус,яке аз тарҷумонҳои фаъоли ашъори шоир Римма Казакова. Москва.1973

Москва.1986.Анҷумани ҳаштуми адибони Шӯравӣ.Вакилони анҷуман: Гулрухсор, мунақид Е. А.Кривицкий, шоири номдори рус Андрей Вознесенский.

---------------------------------------

12

Шаҳри Фрунзе.( Бишкек) 1978 .Дар бӯстонсарои

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

навирсандаи маъруфи ҷаҳон Чингиз Айтматов.
-----------------------------------
13
Вилояти Ленинобод. Рӯзҳои адабиёти Шӯравӣ дар Тоҷикистон. Саёҳати “Баҳри тоҷик”. Гулрухсор бо дӯст ва тарҷумони ашъораш шоираи номдори рус Татьяна Кузовлева.
-----------------------------------
14.
Деҳаи Қаратоғ. Рӯзҳои шастсолагии устод Мирзо Турсунзода. Меҳмонони ҷашн аз чап ба рост: Александр Дзасохов,нависандаи маъруфи озар Мирзо Иброҳимов,Гулрухсор,Б.Расо. 1971.
-----------------------------------------------------------

15
Гулрухсор; “ Баҳри ман ҳар теппаи сабзи кӯҳистон минбар аст!”.
-----------------------------------
16

Бо чашми дил...

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед